АҲМАДҶОНИ РАҲМАТЗОД

# ЗУҲУРИ ҲАЗРАТИ ИНСОН

Душанбе
«Адиб»
2011

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ББК 83 (0) 9+ 83,3 (Тоҷик)
Р –21

Муҳаррир *Зиё Абдулло*

Р- 21 **Аҳмадҷони Раҳматзод. Зуҳури ҳазрати Инсон** *(шеърҳо ва достонҳо)*. – Душанбе, 2011, 176 саҳ.

Маҷмӯаи «Зуҳури ҳазрати Инсон»-и шоири шинохта Аҳмадҷони Раҳмадзод достони «Зуҳури ҳазрати инсон», манзумаи «Наврӯзнома» ва шеърҳои чанд соли охирро ба бар дорад. Шеърҳо бо андешаи гиро, забони зебо ва тасвирҳои рангин ба бор омадаанд, ки завқи хонандаро навозиш ва парвариш медиҳанд.

ISBN 978-99947-2-104-7

© Аҳмадҷони Раҳматзод, 2011.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# ЗУҲУРИ ҲАЗРАТИ ИНСОН

*(достон)*

**Оғоз**

Шикаста мили хоб оинаи чашмам,
Парид аз ҷисми масдудам ҳумои рӯҳ…
…Ба роҳи Панҷакат, дар зодгоҳи Рӯдакӣ дидам,
Ки зери навдарахте ҳазрати Лоиқ
Сигорашро миёни панҷаҳо бе дуд меларзонд.
Насими кӯҳ
Зи мӯи тити ӯ гарди баҳори рафта меафшонд.

Ба ӯ гуфтам:
«Салом, эй нури чашми Рӯдакии пир!
Салом, эй нусхаи олитарини ишқ!
Салом, устод, эй раҳсози ман дар ҷодаи тақдир!
Салом, эй ҳотифи рӯъёи ман, эй шӯълаи тадбир!
Ба иқболи сухан дар хиттаи аҷдод –
марзи кӯдакии дер
Ба истиқболи зебои ҷавонию муҳаббат боз танҳоӣ,
Ба тори қуллаи кӯҳи муроди хеш
чун шаҳбоз танҳоӣ.
Биё, эй косагул,
эй ҷовидонии хирад дар базми ҳар айём,
Биё, эй ворисi арзандаи Хайём!
Дари ҳар мастаба
бо мушти илҳоми худододи муҳаббат
сахт мекӯбем,
Ки ҳоло ин ҷаҳон хоб асту мо бедор,
Ки ҳоло ин замин маст асту мо ҳушёр!»

Зи ҷо бархост бо ҷӯши ҷавонӣ ҳазрати Лоиқ,
Зи пай печид бо шӯри ниҳонӣ
гирдбоди ҳасрати Лоиқ.
Маро ӯ раҳнамо шуд то тарабгоҳи дили сода,
Ба базми ишқу дарду қисмати инсони озода,
Ки то хонем сарвода…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Тамоми шаб барояш шеъри шогирдона мегуфтам,
Зи ишқи гавҳари якдона мегуфтам.
Қадаҳ дар дасти ӯ чун соғари маҳтоб мечархид,
Самоъ мерафт мавлоно, ба чашмаш об мечархид.
Зи қисматҳои инсон шеър мехонд ӯ ба дарду ғам,
Ки умри одамӣ чун як нафас кӯтоҳ,
ин олам
Наярзад бо ҳама арзиш ба як соғар,
Наярзад бо сиёҳии шабу испедии рӯзаш
Ба хатти мистари дафтар…

Кушодам саҳфаи поке,
Ки то дарди варо аз хотири шаб
дар варақҳои саҳар бо ашк кӯчонам,
Ки то сӯзи варо бо оби заррини қалам
дар сатри кӯтоҳу равони ишқ ғунҷонам.
Варо танҳо намонам…
Лаҳзаи мастӣ
Ғурури осмонияш варо печид,
Ба боли ҷовидонияш варо печид,
боло бурд,
Ба авҷи кибриёӣ, то Сурайё бурд…

Бимонд он пораҳои дарду илҳомаш,
Бимонд ишқи бузургу ёри беҳамтои нокомаш.
Бимонд ин достони қисмати инсон,
Бимонд ин ёдгори ҷовидони ҳасрату армон…

## I. Дарахти ҳазрати Одам

Куҷо рафт ӯ, он дарахти бузург,
Ки ҳар барги он сатри пӯшанда буд?!
Нишони нахустин зи инсон куҷост,
Ки ҳар решааш ҷони кӯшанда буд?!

Дарахте, ки ҳар шохааш дар само,
Нишони самоъи тани хаста буд.
Намои нумӯи равони замин,
Хурӯшидани рӯҳи вораста буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ба ҳар барги сабзаш кафи бози хайр,
Ба ҳар найчаи сабз набзе тапон.
Ба гулбарги нозук шукуфо хаёл,
Ба ҳар ранги зебош шево баён.

Тани он бузургу баланду фарох,
Ту гӯӣ фарогири нисфи ҷаҳон.
Ба рафъат расида ба гардуни пир,
Вале то қиёмат бимонад ҷавон.

Дарахти Асурик яке нахли ӯст,
Ки гӯёст гӯё зи аҳди қадим.
Ба ҳар навдааш дар таҷаллӣ қабас,
Ба ҳар баргаи он каломи Калим.

Нишаста ба шохаш ҳазорон ҳазор
Паранда пари бастаашро кушод.
Ба ҳар решааш банда вобастае,
Раҳо карда укда рашиду рашод.

Фарогири нисфи замин сояаш,
Сафобахши хоки сияҳ ранги пӯст.
Навояш ҷаҳонро кунад дидасер,
Ҳам анвои ширин зи оҳанги ӯст.

Зи як шохааш уд рӯида буд,
Зи удаш дар оташ чӣ бӯида буд?!
Навои дилу ҷони сӯзони ишқ
Ба ҳар мӯяки барг мӯида буд.

Дарахти тану ҷони одам чунон
Ба рӯи замин шоха ронду тапид.
Ба мағзи наи устухони касон
Зи ҳар решааш тори ҷонро танид.

Кунун аз дарахте, ки бори нахуст
Ба хоки сиёҳ Одам аз ҷон нишонд,
Биҷӯӣ ҷаҳонро, наёбӣ яке,
Агар ҳарза гӯӣ, нишоне намонд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Вале, эй ҷавони ҷаҳонбони пир,
Ҳама насли инсон ниҳоли вай аст.
Дарахти бузурги ҳаёти замин
Нишони ҳақи безаволи вай аст.

Бигуфтам: «ҷавони ҷаҳонбони пир»
Туро, эй ки ҳастӣ давоми ҷаҳон!
Ҷавонию пирӣ ба даҳри дудар,
Ба ҳастӣ туӣ дар замонат замон…

* * *

Пайванди дарахти Одаму Ҳаввоям,
Гулғунчаи нахли бешаи дунёям.
Сад бор шукуфта сад карат хок шудам,
Не сурати ҳақ, ман ба Худо, маъноям!

**Муколамаи Буддо бо ҳазрати Хизр**

**Буддо:**

Тарошидам зи санги хора ашколи худовандам,
Дар он дидам зуҳури хуби тимсоли худовандам.
Шикасти сангу подориш собит мекунад ҳастиш,
Тапида дар раги ҳар санг аҳволи худовандам.

**Ҳазрати Хизр:**

Ҳаворо дар чӣ шакле мекунӣ тасвир, эй Буддо,
Ки ҳам сахт асту ҳам моеъ бошад оби ин дунё?!
Бар оташ чун тавон тимсол бахшидан ба як сурат?
Ба рӯи хок Буддоро нигаҳ дор, эй Худовандо!

**Буддо:**

Ҳаво як ҷисми рӯҳонӣ, зи қолаб омада берун,
Чи сахт асту чи моеъ, об бошад ҷисмҳоро хун.
Зи оташ мешавад вайрона ҳар чизе, ки мавҷуд аст,
Зи хок ангеза бархезад, ками он мешавад афзун.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**Ҳазрати Хизр:**

Худоям ин чаҳораш аз чӣ рӯёнид, эй Буддо?!
Чаро аз санг набзи оташин ангехт аз рӯъё?
Чаро дар чашми ту об асту бутҳоят ҳама аъмо?!
Чаро аз ибтидо ҳар чиз дар тимсоли худ якто?!

**Буддо:**

Муаммоест оғози чаҳор унсури гардонаш,
Надонам, чун шавад обод ваҳшатгоҳи вайронаш.
Куҷо буд, аз куҷо омад, куҷо охир равад бехуд
Саранҷом аз сарои бедари链 мармуз инсонаш?!

**Ҳазрати Хизр:**

Надонӣ ибтидоро гар, чӣ донӣ охири дунё?!
Қазо чун бе чаро бошад, ҳаво ҳам бишканад хоро!
Бияндеш, ӯ на ашколу на тимсоле чунин дорад,
Ки ту аз санг ҷӯёй, беҳ он, к-аз худ шавӣ ҷӯё!

* * *

Ман дар «Вараҳи санг»[1] навиштам номам,
Дидам ҳама оғозу ҳама анҷомам.
Фурсат ба шиносоии мо танг омад,
Ҳайратзада як миҷҷа бизад ҳангомам.

* * *

Дар барг, ки коғазе зи шоҳист,
Ҳарфе зи навиштаи илоҳист.
Дар шоха қабурғаҳо шикаста,
Чун дар кафи даст панҷа баста.
Ҳар банд чу мӯҳраи дарахт аст,
Ҳам кос ба мисли кундае ҳаст.
По решаи одам асту дар хок,
Сар бод бувад, ба сӯи афлок.
Барг обу зи оташ аст ҳар банд,
Ҳар чор ба як дарахт пайванд.
Чун шохаитарбурист куштор,
Дасте дами теғи сарбурӣ дор!

---

[1] «Вараҳи санг» номи китоби устод Лоиқ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Зардушт ба барг оташ афканд,
Аз шохаи хушк барга барканд.
Кӯчонд навиштаи илоҳӣ
Дар пӯсти чорпои шоҳӣ.
Аз пӯст яке чу зарварақ кард,
Бар дидаи мардумон сабақ кард.
Аз чор тараф ду қувва бархост,
Парвонаю шамъ якдигар кост.
Ҳурмузд ба Аҳриман бизад мушт,
Дар байни ду – кушта гашт Зардушт.

## Қатли Зардушт

Зардушт кушта шуд…
Қоқуи хандааш ба лаби васли фасл шишт,
Наврӯзро дуруд зи хуршед оварад.
Бо ҳар баҳори нав
Дар барг-баргу реша аз андешаҳои ӯ
Дору ба дарди кӯҳнае чун ид оварад.

Фасли баҳор буд,
Хуршед гиря дошт.
Аксаш ба чашми оҳувон як қатра ашк буд.
Дар шохаҳо шукуфаҳо чун чӯҷаҳои ғам
Пар чида бар замин
Ногоҳ рехтанд.
Дастакзанон ба фарқи худ
Аз ҳам гусехтанд.

Зардушт кушта шуд…
Оташкада чу хонаи зардоби чарх шуд,
Пири муғон зи шӯълаи ангушт мечакид
Оёти чун таронаи ташреҳи Зандро.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мегуфт бо алам:
«Ин оташ аз туяст!
Ин об ҳам зи туст!
Ин боди даргузар, ки гузар мекунад чу умр,
Ин хок ҳам зи туст!
Пас мо ҳама чӣ сон
 бояд вафо кунем,
Бо он ки аз ту аст?!
Кори савобу хуб басар мекунад чу умр.

Зардушт кушта шуд…
Ясно, ки дар забонаи ҳар фавҷи офтоб
Як пора меҳр буд
В-аз мӯъбадони пир ба гармӣ нишонае,
Дар саҳфаи саҳар
Хун шуд шафақмисол.
Қумрӣ, ки он ғуруб
Дар ҷонамози таршуда аз хун намоз дошт,
Аз худ таронае
Бе ашк мегирист.
Гуфт: Эй Худо, чаро
Нур аз сиёҳие
Ногоҳ шуд хамӯш?!
Боре бигӯ, ки зиндагӣ ҷовид ё ки марг?!
Яъне ки тирагӣ чӣ сон
Бартар зи рӯшанист?!
Ё аз азал набуд абад,
Чун ҷовидона нест?!

## Тимсол

Ба ҷои сари буридаи Зардушт офтоб меҷӯлид,
Зи пушти тани хамидаи Зардушт офтоб меғелид.
Ба тори раги кашидаи Зардушт офтоб мепечид,
Ба хуни дили чакидаи Зардушт офтоб меғеҷид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Забони пири муғон мегирифт аз ҳайрат,
Нигоҳи муғбачаҳо чашмаи тааҷҷуб буд.
Зи пушти панҷараи лоғари қабурғаи Зардушт
Дили пур аз сафои муҳаббат
Чу ноқуси тилоӣ пурмухотаб буд,
Чу шонаҳош китоби Авасто боз
Ба сӯи мактаб буд.

Қатори сарсафед мӯъбадони хилъатпӯш
Дар ин маросими хунини тулӯи офтоби дигар
Ба мисли ҳошияе босафо, мубарро буд,
Шафақ ба сафҳаи китоби Авасто муҷалло буд.
Ҳама дар намоз буд хамӯш,
Фақат муғбачае зери лаб ба модар гуфт:
«Бигӯ, ки боз оё офтоб меояд?!»
Зани порсои порсигӯ
Ба лаб ангушти ишорат гузошт…

Суоли муғбачаро пиртарин
мӯъбади тарсу ҷавоб гуфт:
«Тулӯи офтоб аз сари буридаи Зардушт,
Зи шонаҳои даридаи Зардушт,
Аз раги кашидаи Зардушт,
Зи хуни чакидаи Зардушт
Тулӯи рӯшании дигар нест.
Сафои домани ӯст,
Нишони гулшани ӯст…»

Хитоби пиртарин мӯъбадро
Шикаст теғи дигар.
Нафаси риштапечи ҳайрати муаддадро
Гусаст ҷилваи қаламзани ханҷар…

* * *

Зардушт, ҷазои аввалинро дидӣ!
Аз пушти худ овои касе нашнидӣ!
Дар саҳфаи ҳар сафина аз пӯсти гов
Аз хуни чакида ҳарфи зарҳал чидӣ!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## Мададгорӣ

Аё рӯҳи қавии ҳазрати Лоиқ,
Мададгорам бишав, то бишканам ханҷар!
Ки моро мекушад имрӯз ҳам пайғоми даъвогар!
Чунонки Зардуҳишт аз моҷарои мову ман фавтид,
Табори ҳазрати Иброҳим акнун дар талош имрӯз,
Тарозу бишканад дар вазнбозӣ сангу мош имрӯз.

Фаластин қудрати дирӯзро имрӯз месанҷад,
Яҳуд аз камтарин сарбозии Бағдод меранҷад.
Саронро мекашад бар дор,
Аналҳақгӯй мансурони сарҳуро барад то ҷодаи бозор…
Шиканҷа бишканад панҷа,
Ба мағзи устухони курд теғи корд,
Ба зери тасмаи ҳар танк дандонҳои пилон орд.

Харобот аст аз сангарнишин даъвогари мазҳаб
Работи корвони Роҳи абрешим,
Пур аз тиру туфанг имрӯз чун анбор ҳар мактаб…
Ҷаҳон гум кардааст оё
сару нӯги калоба – риштаи кораш,
Ки ними олам акнун бо мушак ҳар дам ба озораш?!
Яроқи ҳастаӣ бар нестӣ бурдӣ Ироқашро,
Ба зону бишканад марди зи ҷон сераш яроқашро.

Аё рӯҳи қавии ҳазрати Лоиқ!
Мадад кун, то бигӯям дардҳои ин замон бо шеър,
Ки аз даҳри куҳан омад талоши мазҳабу шамшер!
Куҷое ҳаст оин пок, он ҷо тир,
Куҷое зишт, он ҷо шир…

## II. Зуҳури ҳазрати Иброҳим

Шикастам бутеро, ки тимсоли ҳеч…
Падарро натонистам орам бурун
Зи роҳи каҷе, к-ӯ бад он рост буд.
Фиғони фалакро кашидам дарун,
Ки ҳастии инсон каму кост буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чу он бут замингаз буду нотавон,
Натонист бо ман баробар шавад.
Фикандам сару дасту пояш ба хок,
На гармиш буд, к-он чу озар шавад,
Супурдам сару интиҳояш ба хок.

Шикастам тамоми русуми қадим,
Нишастам ба пои падар чун писар.
Худоё, чӣ кардам, ки азмаш шикаст,
Ки кард ӯ ба гардун ба ҳайрат назар,
Ба санги бути пораи худ нишаст.

Нарафт ӯ вале пеши мардум зи ҷаҳл,
Нагуфт офарин ҳам ба рафтори нек.
Ба гуфтори хуш гӯши худ баста дошт,
Дилаш ҳам нашуд во ба пиндори нек,
Қадам сӯи нобуди имон гузошт.

…Шикастанд нахли тару хушкро,
Ҳама аз ҷаҳолат ба оташ фиканд.
Зи ахгар замин шуд гулистони дард,
Чӣ дуде, ки нафъаш чу дуди сипанд,
Чӣ оташ, ки шуд дар кафи пой сард?!

Зи озар надидам чу озори гард,
Ба Намруд Озар бигуфт аз набард.
Камонкаш бишуд ӯ, ки захме занад
Ба ҷони Худо, к-ӯ ғамашро бихӯрд,
Расанро зи пои разолат канад…

Фитод аз фалак тири хунин ба хок,
Ту гӯӣ ки захмин бишуд кирдугор.
«Худои замину фалак – ин манам!»
Бигуфто ба мардум шаҳи беқарор,
Ки ҳастии инсу малак – ин манам!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Яке пашшае бар машомаш фитод,
Ки Намруд бе сар бишуд он замон.
Ҳазори дигар кушт лашкар ба дашт,
Ба неше, на бо тиру не бо камон…
Ҳама рӯи дунё аз он тира гашт.

Халилам, ки кардам ба даште бино
Сарои Худоро ба санги сиёҳ.
Чу Ӯ худ бувад рӯшании ҷаҳон,
Сиёҳӣ чу асвад бар он шуд гувоҳ,
Зи ҳастии яздон бимонад нишон…

Ба номаш чунон кардаам ҷон фидо,
Ки ҳатто писарро ба қурбон диҳам.
На Ҳоҷар, на меҳри писар пеши роҳ,
Ҳама ҳастиямро ба яздон диҳам,
Зи ҳар сӯ ба ман ӯ чу дорад нигоҳ.

Фидоӣ чунин боядо, эй писар,
Ки аввал гузаштам ба Ӯ аз падар!
Сипас ҷони худро ба оташ задам,
Ки сӯзам ҳам аз раҳ нагардам бадар.
Қадам бар мақому маромаш задам.

Чунин боядо эътиқоди касон,
Ки раҳро бувад рӯшноӣ аз он.
Бигардӣ зи азмат, вуҷудат дутост,
Дуӣ оварад бар хиёнат, бидон!
Тамоми ҳаёти пасинат хатост!

* * *

Бутҳои шикастаро санамҳои дигар
Карданд бапо ба суру ғамҳои дигар.
То ҳол парастандаи сурат беш аст,
Дар сирати кам зиёд аламҳои дигар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## Тавлиди ҳазрати Исмоил

Реги тафсону биёбон холӣ,
Нафаси гарми самум оташбор.
Дарди Ҳоҷар рагу пайвандшикан,
Задани набзи вуҷудаш бемор.

«Об, як қатра ҳаёт, об бидеҳ!»
Нигаҳаш ташнаи дидори сароб.
Ашк дар миҷҷаи ӯ мехушкид,
Оҳ дар хонаи дил буд хароб.

Рашъаи кандани ҷон меларзонд
Лаби чун барги хазон хушкашро,
Тоқати дард нафас мегардонд–
Аташе пеши дами оташро.

Бишикастанд ҳама нохунҳо,
Хати чине ба ҷабин то шуд беш.
Риши сад буттаи худрӯй биканд,
Рахи ожанги рухаш то шуд реш.

…Гирдбоде зи бари домани ӯ
Ба фиғон шӯри биёбон шуду хост.
Дар миёни ҳама саҳрои араб
Қади уммеди канизе шуд рост.

Бонги тавлиди бани Иброҳим
Шарари дам задани кӯдак буд.
Гирдбоде набуд он, дар воҳа
Хабари омадани кӯдак буд.

Гираҳи тирагӣ во гашту расид
Рӯшноӣ ба уфуқҳои араб.
Об фаввора зад аз зери паяш,
Чашма ҷӯшид ба саҳрои араб.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳоҷар аз ташнагии ҷон вораст,
Чун ба дидори азобаш бирасид.
Баски бар мӯъҷиза ӯ бовар кард,
Об аз кӯи саробаш бирасид.

Зан, ки худ мӯъҷизаи хулдсиришт,
Ба худо, аз ҳама ӯ зудбовар.
Ҳама эъҷоз ҳам аз ӯст, биҳишт
З-ин сабаб дар қадами ҳар модар.

…Лек пайғамбар аз ин тифли савоб
Баҳри як ҳарфи занаш рӯ гардонд.
Бе писар буд агарчи ҳама умр,
Тифлу модар ба қазо танҳо монд.

Оҳ, имрӯз ба ҳар сонияе
Миллион кӯдаки маъсум ятим.
Чӣ кунам, парданишин, бо ман гӯ
Ба навӣ бо ҳама он расми қадим?!

## Видои Ҳоҷар бо Исмоил

Намегирям, агарчи мағз-мағзи устухон сӯзад,
Дилам чун барги хурмо дуд печида, хазон сӯзад.
Зи оҳам абр гиряд, Даҷлаи доманкашон сӯзад,
Битаркад Каъбаву чун шамъ санги осмон сӯзад.
Дилам сад пора гардад, ҷони ҷонам, бо ту мемирам!
Сарам хам, эй ғурури осмонам, бо ту мемирам!

Сарам хам, баски нарзи ҳазрати ман бо Худо будӣ,
Канизе будаму модар шудам, пайванди мо будӣ!
Миёнҷии замину осмон, аммо ҷудо будӣ,
Ба қурбони туям, ҷонам, ба қурбон мубтало будӣ!
Дилам сад пора шуд, ҷони ҷавонам, бо ту мемирам!
Саропо бастаам ман, нотавонам, бо ту мемирам!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бузургии падарро як нишон будӣ, ки аз ишқ аст,
Маро ҳам хонадон, ҳам ошён будӣ, ки аз ишқ аст.
Ба рӯҳи мурдаи як идда ҷон будӣ, ки аз ишқ аст,
Ба ҳарфи Ҷабраилаш достон будӣ, ки аз ишқ аст.
Ҳазорон ҳарфи ширин дар забонам бо ту мемирам,
Бимонда сар ба поят, остонам, бо ту мемирам!

Туӣ тимсоли нотакрори ман дар сабру дар тамкин,
Бузургии расулу шавкатам дар қудрати оин.
Заминии фалакпайванд бо рӯҳи шарарозин,
Бимонӣ бо чунин таслим озод аз ҷаҳон, омин!
Бирав, дар ҷовидонӣ то бимонам, бо ту мемирам!
Ба яктоӣ ту ҳастӣ ду ҷаҳонам, бо ту мемирам!

Наменолам чу дигар модарон аз нотавонимон,
Ки то санҷам ба ҷони хеш маргу қудрати имон.
Ки то мағлуб созам дар вуҷудам ваҳшати қурбон,
Ба мардон то диҳам дарси садоқат, ваъдаи паймон.
Кунун пеш аз ту, эй ҷононписар, озода мемирам!
Ба ин дунёи дун ҳайратназар, ман сода мемирам!

Зи оҳам гарчи оҳан мешавад симоб, хомӯшам,
Зи тобам санги асвад мешавад чун об, хомӯшам.
Парида ранги рӯям чун рухи маҳтоб, хомӯшам,
Тамоми зиндагонӣ баъд аз ин дар хоб, хомӯшам.
Дилобам, дилкабобам, хунҷигар, ман бо ту мемирам!
Канам ҷон з-аввали шаб то саҳар, ман бо ту мемирам!

…Бузургони ҷаҳон, як лаҳза ҳоли модарон бинед!
Ба сар андешаи умри ҷавон бо модарон шинед,
Ки ҳоло ҳар як аз атфоли мо маҳкуми қурбонист,
Заминро аз фалак донед, ризқи охирин чинед,
Ки ҳоло модарон бо орзуи бекарон миранд,
Ба ҳар ҷон кандани як тифл гӯӣ як ҷаҳон миранд…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бузургони ҷаҳонро медиҳам ҳушдор, қурбонӣ
Барои охирин – олитарин армон бувад ҷоне.
На дар ҳар ҳилабозии сиёсат бошад арзонӣ,
На ҷонбозист қурбонӣ, ҳимоят аз ҷаҳонбонӣ.
Кунун ҳам модарон аз ҳасрати қурбониён миранд,
Чу бозича ба дасти ҳукмдорони ҷаҳон миранд…

* * *

Ҳабдаҳ писари Кова бишуд қурбонӣ,
Заҳҳок туӣ, шак накунам, яздонӣ!
Бар гардани ман рост агар монӣ теғ,
Гар дам назанам, ту чаппа дам гардонӣ!

**Хунбаҳо**

Ман теғ ба ҳалқи ҷон кашидам,
Як барра чу хунбаҳо биёмад.
Қурбони ту, хостам, кунам ҷон,
Фармони фалак: «раҳо!» биёмад.

Ин олами дод бесабаб нест,
Посух ба ғами ту шодӣ ояд.
Гар чашм бубандӣ аз азобе,
Роҳат ба ту боби нав кушояд.

Печӣ ба гираҳ, гираҳкушое
Ояд ба мадад чу нӯги нохун.
Завлона ба по занад сабурӣ,
Бе пой шавӣ барои бе чун…

Кӯшию наёбӣ пӯшишеро,
Ҳусни амали ту айб пӯшад.
Хомӯш нишинӣ гоҳи сӯҳбат,
Ҳар ҳарфи ту бесадо хурӯшад.

Дарёб бузургии матонат,
Таслим бикарда тинататро.
Дар зиндагӣ хоҳӣ дид дӯзах,
Дар олами ҳаст ҷаннататро.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар ҳар амали ту хунбаҳоест,
Хоҳ он чи бахайру хоҳ зишт аст.
Дӯзах ту ба кори зишт бинӣ,
Подоши бахайри ту биҳишт аст.

Хуни ту, ки аз сафою торист,
З-ин рӯст ду гуна хунбаҳоят.
Аз худ ту ҳамеша бош огоҳ,
Зеро зи ту бохабар Худоят.

Тафсири ду ҳарф метавон гуфт,
Чун бо ту дам асту дар ту одам.
Худкушта машав, ки охири кор
Одам бидиҳад ба бод олам…

Донӣ агар, эй ки рангбозӣ,
Ин даҳри куҳан нигорхона-ст.
Ҳар барф ба расм накши яктост,
Чун сурати улвие ягона-ст.

Торӣ ба иваз сафо наёрад,
Миранда бувад зи рӯшноӣ.
Аз худ чу раҳо шавӣ, шиносӣ
Бе худ ту шаҳомати худоӣ…

Ҳарчанд ки хунбаҳо биёмад
Дар сурати гӯспанди улвӣ,
Донӣ агар, он чу панд бошад,
Эй хокнишаста, панди улвӣ!

Яъне ки ба умри хеш ёбӣ,
Бар кардаю нобикарда савғот!
Ин умри азиз – хунбаҳоят!
Ин даҳр барои ту мукофот,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

* * *

Дарёб ту хунбаҳоям аз чашми намам,
Аз тиру камони қоматам – дуди ғамам.
Айём ба ман чу «Ҷоми хайёмӣ»[1] дод,
Нӯшидаву пас шикастаам Ҷоми Ҷамам!

**Руҷӯи ҳазрати Лоиқ**

Гаҳи мастӣ
Ба умқи тирагӣ афтодаам ман ҳам,
Чунонки хок
 бар ҷавфаш кашад оби мусаффоро.
Сарозер аз баландиҳо фитодам
 ҳамчу оби Зарфишон аз товасанги кӯҳ.
Дар ин афтодагӣ парвози дарёро кунӣ эҳсос,
Дар он лаҳза
Бирақсӣ чун дарахти монда танҳо дар дами тӯфон,
Барӣ як лаҳза аз ёд олами имкон.

Агар ақлу дилат тира,
Ҷаҳони равшану зебою пуранвор ҳам
 беранг метобад,
Гули чун парниёну нарм ҳам чун санг метобад.
Фалак бе офтобу нур,
Шабон бе ахтару бе моҳтобу ҳур…

Зи худ рафтан
Гаҳе ворастан аз андӯҳи дил бошад,
Яке ворастан аз анбӯҳи гил бошад.
Гурези ботин аз олоиши зоҳир,
…Гурези тоҳир аз анбози нотоҳир.

[1] «Ҷоми хайёмӣ» номи китоби устод Лоиқ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## III  Фирори Ҳазрати Юнус

Ман зи қавми худ гурезонам,
Баски лафзи мардумон лофист.
Чун дурӯғи маҳз мебофанд,
Дар фиреби ҳам суханбофист.

Ибтидои ҳар касофат фанд,
Интиҳояш шармсориҳост.
Чун дурӯғ аз бефурӯғияст,
Охири ин кор хориҳост.

Ришва бистонанд бо лофӣ,
Ришвахорӣ аз дурӯғе соф.
Ҳам рибо бистонда, масруранд,
Бурдаанд аз ёди худ инсоф.

Дар зинокорӣ ба ҳар зина
Кори марду зан талабгорист.
Комгорӣ аз писар хоҳанд,
Қимати духтар ба бозорест.

Не падарро фикри фарзанд аст,
Не писарро ҳурмати аҷдод.
Модарон побанди симу зар,
Духтарон дар кори худ озод.

Сарнишинон сарпарасти ҳирс,
Бо тамаллуқ зиндагӣ доранд.
Лофзан болонишин, аммо
Ҳақталошон дар таги доранд.

Ончунон анқо бишуд ҳақгӯ,
К-аз дурӯғ аллома месозанд.
Чун фиребу фанд авло шуд,
Аз дурӯғи хеш менозанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳамчунон ки подшоҳеро
Пеши мардум луч оварданд,
Бо дурӯғи маҳз ду хайёт
Шармсори мардумон карданд.

Чун вазири ӯ нахуст омад,
Ҳечро дид ин «асилзода».
Пас муқарраб лофи дигар зад,
К-ин «либоси шаҳ» чӣ сон сода!

Инчунин садҳо мулозимҳо
Бо мароқи беш мекарданд
Хилъати нобударо таъриф,
Хилқати ду нохалаф таҳриф.

Гурбанозии муқаррабҳо
Подшаҳро карда буд масрур.
Хилъати нобударо «медид»
Шоҳ бо чашмони бози кӯр.[1]

Мамлакат сар то ба сар аъмо,
Пиру барно мардумон ҳам кар.
Шоҳи бетавфиқ саропо луч,
Ҳамраҳон мафтун ба ин манзар.

Пас чӣ сон бо қавми иллаткор
Пеши яздон дар назар бошам?!
Беҳтар он ки худ гурезам ман,
Аз бадон андар ҳазар бошам.

Баски танҳоям миёни қавм,
Баски нерӯ нест дар танҳо.
Ё касофат мезанад бо ман,
Ё ки дурӣ ҷустанам авло…

---

[1] Ишора ба афсонаи Кристиан Андерсен



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Афтодам агар ба домани поки Ватан,
Кардам ҳама умр саҷда бар хоки Ватан.
Юнус набудаму на моҳӣ балъид,
Моҳе бишудам ба шоми афлоки Ватан.

## ДАР УМҚИ СЕ ТОРИКӢ
## I

Шикаст шишаи рӯз…
Зи оҳи парданишин
Бисӯхт пилтаи фонуси моҳи дурӯза
Ба рӯи хиранамоён чароғпояи кӯҳ.
Вале баъди каме фурсате сукути сиёҳ
Бикушт шӯълаяки милмили ҳилолашро,
Ба пушти парда гирифт осмон суолашро.
Шаб аз тирагӣ ғализ шуда,
Замин, ки ғарқаи сиёҳӣ гашт,
Нагуфт як ҳадафи посухи муҳолашро.

Маро чу бори изофӣ фиканд аз киштӣ
Суоли қуръаи як нохудо ба умқи сиёҳ–
Ба баҳри пур аз розу гуноҳ,
Ба баҳри пур аз ваҳму хиёл,
Ба қаъри пур аз шӯру ҷидол.

Чу шаб, ки пардае нахустин буд,
Гирифт пардаи сонӣ ба торӣ ба канор.
Гирифт тирагии баҳр ба қир,
Фишурд ба зер…

Наҳанг пайкари бе вазну бе тааллуқро
Фурӯ кашид ба комаш чу тӯъмае бо шаст.
Умеди вораҳидан аз дарё
Дигар бирафт зи даст…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мане, ки аз қасаби қавми касиф
Фирор карда будам аз қисмат,
Ба доми жарфтарин тирагӣ фитодам зор,
Ки ҳеч чодаи аз тангно халосӣ нест,
Қарори кор ба ор…
Наяст бар дари раҳо мифтоҳ,
Наяст дар сари вафо тадбир
Аз ин қаър,
Аз ин қир.

Ман аз бало ба балоҳо гурехтам, воҳ!
Ман аз қазо ба кучоҳо гурехтам, оҳ!
Ман аз чазо ба чазоҳо гурехтам, воҳ!

Кунун, ки шикастам ба хеш пои гурез,
Кунун, ки шикастам ба хеш азму ситез,
Кунун, ки шикастам ба сина шишаи дил,
Ба ҳабси худованд мондаам чу вакил…

## II

Туро ман раҳо мекунам аз чазо,
Туро мераҳонам зи умқи сиёҳ.
Туро мебарорам саломат зи дом,
Туро мекушоям зи ҳабси гуноҳ,
Чунон луқмае мерабоям зи ком.

Рамузе гирифтӣ магар аз қазо,
Ки дар се сиёҳӣ фитодӣ ба дом?!
Яке шаб, ки қавми гунаҳгори туст,
Дигар тирагӣ баҳр–пиндори ом,
Даруни наҳанг охири кори туст.

Зи қавми касифат бичустӣ канор,
Накардӣ ту тадбири ислоҳи ом.
Ачаб, бетараф ту нишастӣ ба мавч,
Ту худро бикардӣ ба ваҳшат ғулом,
Фитодӣ ба қаъри сиёҳӣ зи авч.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Кунун бетараф гар нишинӣ, бидон,
Зи аҳлат яке ҳам намонад нишон.
Бимирӣ, бимирад ҳаёти пасин,
Касифӣ, натонӣ, барӣ аз миён,
Набахшад гуноҳат худоят яқин.

Раҳоӣ бувад имтиҳоне дигар,
Бисанҷӣ тавонат ба дастури ёр.
Бубахшӣ наҷот ар ба мардум зи банд,
Кушоӣ раҳи бастаро пеши кор,
Халосӣ биёбӣ ба хеш аз нажанд.

Зи об ар ҷаҳонӣ ту оташ бурун
Чароғи дилу хона равшан шавад.
Бигардон ба оси танат осиё,
Замин ҳамчу хони ту гулшан шавад.
Тафаккур ҳаётат кунад пурзиё…

### III

Модар, зи азал ҷӯшиши илҳом туӣ!
Дар хатти қазо кӯшишу инъом туӣ!
Чун «Дасти дуои модар»[1] оғозам буд,
Бозам ҳама ибтидои анҷом туӣ!

## IV Фиреби ҳазрати Яъқуб

…Пирӣ чу расида буд падарро,
Ӯ хаста кушод чашми тарро.
Гуфто ба писарбузурги қобил:
«Овар зи шикор мурғи бисмил,
То дар дами вопасин ба роҳат
Нуқле хураму равам ба тоат.
То аз ту ризо шавам, ки зорам,
Пайғамбарӣ пас ба ту супорам…»
Бишнид чу Яъқуб аз паси дар
Ин ҳарфи падар, бигуфт: «Модар,

[1] «Дасти дуои модар» номи китоби устод Лоиқ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Тадбир бичӯ, ки чун тавонам
Аз пеши бародари калонам
Пайғамбарӣ гирам аз расулаш,
Гардам ба ризои ӯ қабулаш».
Модар ба илоҷи кор кӯшид,
Дар ҳиллаи кирдугор кӯшид.
Ҳарду ба ҳазору як баҳона
Рафтанд ба пеши пири хона.
Аз мурғ кабоб пухта бурданд,
Бар нафси пасини ӯ супурданд.
…Фарзанди бузург дар хатар буд,
Исҳоқи низор бехабар буд…
Чун нуқлу қабоб хӯрд бемор,
Пиндошт писарбузурги хушкор
Бо шукр шикор карда овард,
З-ин рӯ ба расулияш дуо кард.
Бигрифт ба даст дасти Яъқуб,
Молид ба панҷа гарданаш хуб.
Бар китфу рухаш гузошт панҷа,
Бо ларзу азобу бо шиканҷа.
Яъқуб зи кори дасти модар
Монанд бигашт бо бародар.
Модар ба илоҷи кори ангушт
Печонд ба пашм гардану пушт.
Пайғамбари пир ҳам писарро
Нашнохт ба чашми қалби бино.
Чун кард дуои ҷони Яъқуб,
Бардошт зи пеш хони Яъқуб.
…Ин дам ба азоб аз шикораш
Баргашт писарбузурги зораш.
Огоҳ шуд аз фиреби додар,
Аз меҳри каму илоҷи модар.
Аммо чӣ кунад, ки дер омад,
Тадбири хато зи пир омад.
Пайғамбарӣ аз замони Яъқуб
Вобаста бишуд ба хони Яъқуб.
Фатвои падар шунид гардун,
Найранги писар надид гардун.
…Пас дар амали ҳазор инсон
Дар асри кунун илоҷу имкон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳар лаҳза фиребу ҳилабозист,
Найранг раҳи бузургсозист.
Ҳар он хабари падарфиребист,
Ҳар гаҳ амали назарфиребист.
Гардун магарам хабар надорад?!
Яздон ба замин назар надорад?!
Гӯё ҳама ихтиёр морост,
Ё чашми фалак ҳанӯз аъмост?!

* * *

Юсуфи маро бародари гургнасаб
Афканд ба чоҳу ҷоҳро кард талаб.
Чун ҳодии мо ҳайкали худ чаппа фиканд,
Бар шӯришу балвои дигар гашт сабаб.

## Юсуф дар чоҳ

Чоҳ мисли ҷоҳ бошад,
Чун ба он афтодӣ, аз поёну аз боло,
Аз пасу пешат касе ҷуз худ намебинӣ мададгоре.
Пас ҳазор андешаю тадбир меҷӯӣ,
Ҷуз худат бар худ намеёбӣ дигар як ёвару ёре.

Ҷуз даҳони чоҳ, к-аз болост,
Роҳу боби дигаре бар рӯи ту баста.
Итминонат коста,
Дасти тавоноӣ шикаста,
Риштаи имкон гусаста.

Чоҳ мисли зиндагонияст–
Бо ҳама хоку ҳавою об танҳоӣ.
Баски ёрони қаринат,
Дӯстони дилнишинат,
Додарону хоҳарон ҳам,
Бедилону дилбарон ҳам
Баҳри подошу талошу манфиатҳошон
туро як рӯз чун партоб
аз худ дур андозанд,
Бо дусад тадбиру ҳила нотавон созанд.
Онҷунон ки бо ҳама нерӯи ҷисмонию рӯҳонӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дасту пои боз бе имкон ба чоҳи ҳабси худ афтӣ.
Ҳар қадар бо ноз-нозиҳо
туро дар парниёни лӯъбатакбозӣ ҳамемонанд,
Дон, ки онон мӯлтонанд.
…Бо сабукборӣ чунон мушти гаронанд.

Оҳ, эй ҳамхун бародарҳои ҷони ман!
Ҳар қадар ки жарфтар афтодам аз боло,
Он қадар ҳам
рафъати улвии гардунро
ба чашми ҷони худ дидам.
Қадри болоро зи поён хуб санҷидам.
Баски таҳту пешу пас буд баста бар рӯям,
Ман раҳоиро
зи имкони даҳони вои чоҳи тира болидам.
Баски он буд бар мани маҳбус мисли додгар,
Чун нигоҳи раҳми гардун буд,
Он худое буд, ҳам озодгар.

Пас зи бурҷи далв омад дасти имдодам,
Иддае аз дашт омад, кард озодам.
Лек баски чоҳ ҷоҳ аст,
Аз таҳи чоҳи нифоқи баргузида додаронам
Ман раҳо гардида, афтодам ба дасти корвонам,
К-он маро овард бар бозори ҳусн.
Чун ғулом афтодам аз чоҳе ба нори ҳусн,
Сӯхтам дар моҷарои нору нур,
Он қадар бисёр буд озори ҳусн.

Оқибат бо як азизе
Дар баҳои як пашизе
Ман гирифтору сазои ҷоҳ гардидам,
Аз ғуломӣ гаштам озод,
Бандаи даргоҳ гардидам.
Аз қарибонам ҷудо, аз хеш ноогоҳ гардидам,
Пас саропо оҳ гардидам…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## Вазорати Юсуф

Подшоҳию вазорат бо ҳама нерӯю шавкат,
Бо ҳама бозии пинҳони сиёсат,
Бо ҳама ворастагӣ, побастагӣ,
Бо ҳама озодагӣ, якҷодагӣ.
Бо ҳама санҷидани ақлу заковат,
Зӯру қудрат,
Бо зару симу шаҳомат
Пеши ишқи асливу ишқи маҷозӣ ҳеч.
Сад Азизи Миср
дар пеши Зулайхо лол мемонад.
Сад уқоби тезчангол
Оқибат дар пеши ин товус
рӯзе бе пару бе бол мемонад.

Подшоҳию вазорат
мисли чархи ресмонресист,
Пунба монӣ,
Риштаю пироҳанат аз пунба хоҳад шуд.
Пашм ресӣ,
Ресмону ҷомаи ту мешавад пашмин.
Ғозаҳои пилла монӣ,
Мешавад сар то ба пои ҷисми ту абрешимин.
Дастгоҳатро ба ҳар чӣ гар кунӣ омил,
Бо хиёлу накши афкорат шавад рангин.

Подшоҳию вазорат бо ҳама воломақомӣ
Дар қиёси зиндагии мардуми омӣ
Ончунон ҳам содаю беранг,
Ончунон ҳам фаҷҷу беоҳанг.
Ончунон бе нуру бе сур,
Кас бимирад бо малол аз нанг,
Бесару дилтанг.
Баски маснад бозие бошад ба расмият–
Ҳам саломи ҳам дурудат қолабист,
Ҳам каломи ҳам сурудат қолабист.
Базм бе шӯру шааф, якранг,
Рақс бе нозу малоҳат,
Қолабист, оваҳ, назокат.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Амру фармон мекунад дилгир,
Баски иҷрои талабҳоят чунон осон,
Зери дасти ту ҳама имкон.
Зиндагӣ дар боргоҳу дар вазорат нест,
Баски дар қалбат ҳарорат нест.

Гарчи ман бисёр аз иқбол болидам,
Лек дар худ он қадар бисёр нолидам.
То раҳо ёбам зи маснад,
То халосӣ бахшадам қисмат
Аз ҳама тахти равону тоҷу давлат.
То даме чун дар замони баччагиям
Бе ғаму ташвиш бошам дар ҷаҳони баччагиям.
То набошам ман Азизи Миср,
То азизи модарам бошам,
Ҳамбари бузғолаи бозингарам бошам.
Бо ҳавас биншаста дар пеши падар
Бишнавам афсонаи гурги гунаҳгораш,
Бегуноҳи бар гуноҳи хун гирифтораш.
Бегуноҳонро бубахшам,
Богунаҳро ҳам…

Эй азизон, тоҷи шоҳиро зи ман гиред!
Даст мешӯям зи фармону вазорат низ!
Ман дигар олӣ наям, омӣ!
Ман дигар воло наям, оҷиз!
Кулбаи эҳсони Канъонро кунун ман ёд кардам,
Кулбаи эҳзон бубояд шод кардан,
Қалби вайрони падар обод кардан.
Он қадар бегона будам бо қарибонам,
То ба ҳадде, ки намедонам.
Ҳар қадар болонишин будам,
Дур будам он қадар аз хеш.
Ҳар қадар оям миёни қавм,
Бо дили худ ман яқин будам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Эй азизон, бо шумо будан гуноҳе нест!
Баски шоҳону расулон низ
Бо шумоянд…
Бе шумо ҳеч,
Бо шумо пайғамбари мурсал
ба наздики Худоянд…

* * *

Фарёд, ки фарёдрасе нест дигар,
Имдодгару додрасе нест дигар.
Аҳкоми вазоратею қонун ба куҷост?
Давлат ба гарав рафта, хасе нест дигар!

**Муколамаи Зоғ бо Яъқуб**

Дар сари чорроҳаи Канъон
Пири танҳо нишаста буд гирён.
Роҳи маҳбуби хеш мепоид,
Дидахун, синареш мепоид.
«Эй Худо, бандаи ҷавони туям,
Зори дастони меҳрубони туям.
Дидаам кӯр шуд зи раҳпоӣ,
Гоҳи ҷон доданам ту меоӣ?!
Суратат пеши чашми дил равшан,
Роҳи баргаштани ту чун гулшан.
Як қадам аз ту то дил аст, биё,
Дидаам бар ту манзил аст, биё!
Шӯълаи рӯи ботаровати худ,
Панҷаи нури босаховати худ
Бар дилам ҷилва деҳ, шавам бино,
Бар сари ин ятими худ моно!
То зи дидори ту ҷаҳон гардам,
Дар канори ту бекарон гардам.
Мужда деҳ шарфаи қадамҳоят,
То диламро ниҳам таҳи поят…»
Зоғ чун нолаи алим шунид,
Торҳои назар ба пир танид.
Баъди як лаҳза ӯ зи ҷой ба шаст
Пар кушоду ба пеши пир нишаст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гуфт: «эй пири нотавон, бар ман
Рост гӯ бар суоли банда сухан!
Аз Худо зорию таваллоят–
Нур оё ба чашми аъмоят?!
Баски гуфтӣ, ки навҷавони туям,
Зори дастони меҳрубони туям.
Охир ин ҳоли ту нишони фаност,
Ғайрати ақли нотавон ба куҷост?!»
Қар-қару чун суоли ӯ бишунуфт,
Пири Канъон ба зоғ посух гуфт:
«Дар қиёси ту, эй сиёҳиқбол,
Гарчи пирам, ҷавонтарам дар сол!
Дар ҳама чиз чун нишони фаност,
Чун набинӣ ту, чашми сар аъмост.
Ман туро чун ба чашми дил бинам,
Аз дарунам ба нур озинам.
Ғайрати ақл аз шаҳомати ӯст,
Чашми ботин гаҳи иқомати ӯст.
Бе вайӣ гар, ҳамеша танҳоӣ,
Дар замину самои болоӣ…»
«Гӯй, эй пир, зиндагӣ чӣ бувад?!
Ман, ки озод, бандагӣ чӣ бувад?!»
«Зиндагӣ – сӯи ормон рафтан,
Ҷон супурда, канори ҷон рафтан.
Интизори зуҳури ӯ будан,
Дар умеди ҳузури ӯ будан.
Зиндагиро ба баъд бахшидан,
Доман аз хоки наҳс барчидан.
Бандагӣ – зиндагонии озод,
Рӯҳи ободу ҷони нообод.
Бандагӣ дар замин сафогардист,
Дарди мардум кашида, бедардист.
Гарчи парвоз мекунӣ ба ҷаҳон,
Ту ба ин дом сарбадом, бидон!»
Ёфт посух ба роз аз Яъқуб,
Зоғ пурсид боз аз Яъқуб.
«Бо чунин нотавонӣ, эй барҷо,
Чун расӣ бар саховати боло?!
Ман, ки ҳар рӯз дар само гардам,
Гӯӣ аз погаҳи Худо гардам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Лек боре надидаам рӯяш,
Ҳам надонам, куҷо бувад кӯяш.
Чун сесадсолаам, нашуд як бор
Сояашро бубинам аз пиндор.
Ончунон содаӣ, ки хоҳӣ дид
Ҷилваи нури рӯи ӯ ба падид.
Чун суханҳои ту, баландовоз,
Мекунад мурғи хонагӣ парвоз!
Гӯй, яздон чӣ гуна хоҳад буд?!
Кай тавонад ба даҳр рӯй кушуд?!»
Пири Канъон ба зоғ посух дод,
Як ба як рози пардагӣ бикушод.
«Эй ки се аср зиндагӣ кардӣ,
Умри якранг бар сар овардӣ.
Лек инсон дар ин миён бисёр
Хешро кушту зинда шуд сад бор.
Ҳар чӣ бинад ба рӯи олами буд,
Баҳри инсон бувад нишони вуҷуд.
Тори пайванди мо ба меҳр бувад,
Не назарбозию ба сеҳр бувад.
Қудрати ӯ, ки ин ҷаҳон барпост,
Ҳар чӣ бинӣ, тамом, бе каму кост.
Не касе дидаасту хоҳад дид,
Ҷуз садои дилаш садо нашунид.
З-ин сабаб дар талаб ба дидораш,
Бишмарам рӯзу шаб вафодораш.
Нури ӯ нури ҳусни инсон аст,
Нек бин, дар манаш намоён аст…»
Зоғ дар мӯи ӯ сафоро дид,
Ҳамчу дар чашми ӯ қазоро дид…
Гуфт бо пир: «эй расули Худо,
Аз чӣ шуд , гӯй, чашми ту аъмо?!
Ин чу подош бар фиреби ту аст?!
Ё нишон аз ғаму шикеби ту аст?!»
«Ҳар чӣ дидам дар ин ҷаҳон–подош,
Ҳам ғами нестию ҳам пайдош.
Тавба кардам, ки неку бад кардам,
То ки ин халқ бо худ овардам.
Варна будам ба мисли ту танҳо,
Пурзиё қалбу лек мӯй сиё.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Баски ту беғамӣ, ба се асрат
Як парат не сафед дар касрат.
Сеяк аз умри ту надида ҳанӯз
Чашму мӯям шудаст ҳамчун рӯз.
Ишқи аслӣ ту аз куҷо донӣ,
Баски он нури ҷони инсонӣ.
Чун шиносӣ вуҷуди Ҳақ аз чист,
Пас шиносӣ, ки Ӯю инсон кист…»

* * *

Бемор шудам чу Айюби миллати хеш,
Печида ба дарди миллат аз зиллати хеш.
Куштам ҳамаро маҳалгаро гардида,
Аз дарди касифу ақли пуриллати хеш.

## V Касолати ҳазрати Айюб

Варшикаст олитарин давлат,
Қавмҳояш шуд пароканда.
Ғам намехӯрд он, ки як умрӣ
Мансабашро дошт поянда.

Дасткӯтаҳ коргар бигрист,
Нотавон буд ҳам кишоварзаш.
Он яке бо путки худ ҳайрон,
Дигаре бо досу бо дарзаш.

Сарнишинон бози давлатро
Сар буриданду параш канданд.
Сарваташ монданд байни хеш,
Ҷамъро охир пароканданд.

Коргар берун зи дарвоза
Мушти худро бар дараш мезад.
Коргоҳаш бастаю муфлис,
Путки худро бар сараш мезад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Деҳқон дар дашт саргардон,
Киштзораш бе дарав монда.
Боғ бе анво, дарахтон хушк,
Ощдонаш бе алав монда.

Он фаровонӣ куҷо зад ғайб?!
Ку мазиду ҳосили заҳмат?!
Аз кушоиш хайру нафъе ку?!
Ку бузургӣ, шавкату давлат?!

Ҳеч кас бар пурсиши мардум
Посухи дилпур намедонист.
Нестро ангорҳо медид,
Ҳар чи буду ҳаст, гӯё нест…

…Оқибат дар гӯшаи торик
Равшанафкорон барошуфтанд.
Инқилоби нав бишуд барпо,
«Мо зиёи ин замон!»–гуфтанд.

Эътисоб оғоз шуд аз ном,
Инқилоб оташ гирифт аз нанг.
Тири таъна шеърборон шуд,
Бонги наъра сар кашид аз банг.

Коргарҳо бо зиёиҳо
Шоҳроҳи кӯҳнаро бастанд.
Равшанафкору кишоварзон
Дар сари як ҷода биншастанд.

Дар миёни ду тараф пире,
К-аз касолат зору барҷо буд,
Менишаст афтодаю беҳол,
Бо ҷароҳатҳош танҳо буд.

Ҳар тараф фарёду ғавғо дошт,
Нохалаф даъвою иғво дошт.
Ҳар ду ҷониб бе сару сарвар,
Бетараф бо ҳарду савдо дошт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Пир буд бемори ҷони қавм,
Пир буд бемории миллат,
К-аз касолат банд-бандаш дард,
Рӯҳу ҷону ҷисм пуриллат.

Чун ба ӯ наздик гардидам,
Дидам аҳволи муҳолашро.
Сар ба зону монда гирён буд,
Интизоре буд заволашро.

Гуфтам: эй пири касолатбор,
Аз чи боис дар чунин ҳолӣ?!
Аз сарат то пой пур аз захм,
Зинда, аммо мӯри помолӣ?!

Пир гуфто: эй писар, донӣ,
Айюбам ман, дардманду зор!
Сабри худ бояд бисанҷам, боз
То шифо бахшад маро Ғаффор.

Он қадар буд сарвати ман беш,
Давлатам бе ҳадду поянда.
Ҳозирам буду ҳузурам буд,
Ман накардам фикри оянда.

Ҳар касифу нохалаф боре
Кард таърифам, қарибам гашт.
Бо касофат ҳамнишин будам,
Муфтхоре ҳамнасибам гашт.

Фарқи неку бад надонистам,
Даство, сарҳӯю озода.
Пораҳо бар ҷодаҳо рафтам,
Дар мураккабкорҳо сода.

Рафт аввал сарватам аз даст,
Пас ҳама давлат фано гардид.
Бераҳӣ аз раҳ бизад охир,
Ҷода ҳам аз по раҳо гардид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ман шикастам аҳду паймонро,
Чун шикастам шишаи виҷдон.
Хор кардам чун рафоқатро,
Рафт аз дастам ҳама имкон.

Ин касолатҳои ҷисмонӣ
Сар бизад аз нуқси рӯҳонӣ.
Меҳр мехоҳад кунун ҷонам,
Меҳри ин дунёю инсонӣ.

Гар набошад байни инсонҳо
Меҳру шафқат, одамӣ ҳам нест.
Эътисобу инқилоби даҳр
Ҳарзаю бозии шайтонист.

Боядо дар рӯҳу ҷони мо
Эътисоби оташин бошад.
Шӯришу балвои инсонҳо
Инқилоби ақлу дин бошад.

Равшанафкор ончунон бисёр,
Нек бинӣ, тирадил ҳам ҳаст.
Боядо равшанравонӣ кард,
Пеши роҳи тирагиро баст.

Даври ман даври асотир нест,
Ҳамзамонам бо ҳама инсон.
Ҳамкасофат бо ҳама иллат,
Ҳамшафоат бо ҳама раҳмон.

З-ин сабаб дар асри бисту як
Ту маро дар ҳар куҷо бинӣ.
Дар зинокорӣ гирифторӣ,
Ҷон касолатбор биншинӣ.

Ҳар шаб аз оинаи нилӣ
Ман намоёнам ба ҳар ҷода.
Теғ мехоҳад диле маҷрӯҳ,
То намирад ҷони озода.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Пас биёндеш, эй писар, боре
Бандагӣ беҳ, ё ки озодӣ?!
Тан фано кардан ба ҳар сурат
Мебарад аз зиндагӣ шодӣ!

Шодмонӣ – бардамии тан,
Шод будан ними хушбахтист!
Шодмонӣ – сиҳҳатии ҷон,
Пас ба ғам печидагӣ аз чист?!

Дар азоби наҳс печидан
Иллати беҷодагӣ бошад.
Пок бояд дошт хуни хеш,
Тозагӣ озодагӣ бошад.

Тозагии нафси ҷисмонӣ
Пок дорад рӯҳро аз наҳс.
Ҳамчунон ки обҳои соф
Пок шӯяд кӯҳро аз наҳс.

Боз дор, эй бе касолат тан,
Ин ҷаҳонро аз фано гаштан!
Дар тани пок аст подорӣ,
Аз касофатҳо ҷудо гаштан…

**Садоқати зани Айюб**

Олитарин муҳаббати инсон вафои ӯст,
Тимсоли ишқи ҷовидон меҳри Худои ӯст.
Ҳарчанд ишқ бе ғаму бе дард нест, нест,
Тақдири аввалину охирин сазои ӯст.

Ман ишқро ба сирати Айюб дидаам,
Нури варо ба сурати Айюб дидаам.
Гум карда ҳарчӣ доштам, бехонумон шудам,
Ҳастии худ муҳаббати Айюб дидаам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мардум касолати варо гуфт: аз сазои ишқ!
Мардум ҷароҳати варо дид аз ҷазои ишқ.
Дидам муҳаббати варо ман дар худои ишқ,
Ҷустам садоқати варо ман дар бақои ишқ.

Шайтон ба сурати ҷавон гул рехт пеши пом,
Овард нуқли нафсу май дар ҷом чун ғулом.
Симу зар аз сарам бирехт, аммо на як нигаҳ
Бо заҳрхандаи манаш ноком шуд мудом.

Сад мард ҳам баробари гарди раҳаш набуд,
Бо сад ҳазор иллаташ ранги каҳаш набуд.
Мардум гурехт аз бараш чун аз касофате,
Баҳри манаш рухе чунон рӯи маҳаш набуд.

Пайғамбарии ӯ агар аз сабру меҳру дард,
Як шӯълаи муҳаббатам ӯро бузург кард.
Гар ёфт ӯ иҷобат аз авфи гуноҳи хеш,
Як тоқат аз садоқатам ӯро бузург кард.

Ҳар марди фард бебаҳо шуд аз баҳои зан,
Инсони бефано бишуд ӯ аз вафои зан.
Гар мардро парастиши Ҳақ мекунад расул,
Бар хоку об мезанад дасти ҷазои зан.

Яктопараст гар шавад пайғамбари Худо,
Зан мардро парастаду бо ӯ кунад вафо.
Аз парра[1] руста, зан шавад парвардигори ишқ,
Монанди ҳақ нишаста ӯ дар пардаи ҳаё.

Дар ҳар замон бубоядо такрори ишқ кард,
То зан баҳор оварад бар рӯзгори мард.
Дунё ба пояи вафо бошад чу устувор,
Гардад ризо ҳазор раҳ парвардигори мард!

[1] Парра–қабурға



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Якбора ман аз тири қазо ғалтидам,
Маҳкум на, бе ҳукми ҷазо ғалтидам.
Чун подшаҳи бехабар аз тахти баланд
Аз боргаҳам ба пеши по ғалтидам…

## VI Марги Қибтӣ

Теғ чун барқе бизад бар синаи қибтӣ,
Хун бизад фаввора мисли кинаи қибтӣ.
Қатрахун дар хоки ташна
Мечакиду майса чун дашна
Пора мекард, оҳ, бозам қатраҳоро,
Мемакид ин хок бо хун гӯиё ҷони раҳоро.

Марди қибтӣ метапид,
аммо нигоҳаш ташна буд бар зиндагонӣ,
Онҷунон маъюс мемурд
Дар ду чашми ӯ ҷавонӣ.

То дами вопас ба пеши дидагонам
Манзари ҷон додани ӯ
Лаҳза-лаҳза ҷилва мекард.
Хунбаҳо мехост аз ман
Дидагони ташнаи ин мард…

Дашна хун буд,
Хоки гарми ташна хун буд.
Даст хунин,
Доманолуда ба хуни гарми қибтӣ
Чун тавонам зиндагӣ кардан?!
Бо гуноҳи ҷонситонӣ,
Чун тавон боре савоби нек овардан?!
Бо вуболи ҷонрабоӣ,
Чун тавон кардан даҳоӣ?!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

…Ман гурезон бор бастам,
Аз ҷиноят то иноят,
Аз ҷазо то озмоиш,
Аз қазо то бар қазоват
Бори умри хеш мебояд кашид…
Боз сад соли дигар ин манзара
Мекунад таъқиб моро,
Мекунад бе дасту кору бефара.

Аз кушиш то бар кушоиш,
Аз ҷазо то бар раҳоиш,
Аз раҳоӣ то ҳимоят,
Аз ҳимоят то ҳидоят,
Ё ки умре… то қиёмат…

Шиква танҳо дорам аз худ, эй бародар,
Гар ҳама пайғамбарон мӯре наёзурданд,
Қасд кардам ман ба ҷони одаме.
Ман ба теғи худ раҳо кардам равони одаме,
Ман фано кардам ҷаҳони одаме.

«Оҳ, Мӯсо,–
Ҳотифе аз ғайб дод овоз,–
Мӯр умре дар машаққат, бегуноҳ аст,
Лек инсон дилсиёҳ аст.
Кори мардум кинатӯзӣ, бехудоӣ,
Бо фиребу нафсу шаҳват
Хонасӯзӣ, худгадоӣ.
Дар муҳаббат худнамоӣ,
Дар садоқат бевафоӣ.

Пас ҷазо ҳам озмоиш,
Балки як навъе зи омурзиш.
Аз қазо омад, ки бо дастони ту яздон
Ҷони қибтиро ситонду кушт,
Хокро бо хуни ӯ оғушт…»



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Манзари ҷон додани қибтӣ кунун ҳам
Пеши чашмонам ҳувайдост.
Мисли он ки дорбозе–ҳиласозе
Ҳалқаи бози расанро
Бе ғаму бе дард бар Мансур меандохт,
Гӯиё бар дидаҳо манзур меандохт.
Бо алам бар гардани Саддом мепечонд,
Оҳро дар дори ваҳми ом мепечонд.

То кунун ҳам гӯиё ҳар рӯз
Қибтие аз теғи ман мирад…
Насли ман аз наслҳои ман,
Асли ман аз васлҳои ман
Интиқоми мурдаро гирад,
Хунбаҳои иддаи озурдаро гирад…

* * *

Пур шуд дили ман, тиҳӣ сари доре нест,
Бар ҷои вазир як талабгоре нест
Ҳар ёри Ироқ дар фироқ аст чунон,
Дар мулки араб, аҷаб, ки бооре нест!

## Шубонии ҳазрати Мӯсо

Кулли пайғамбарон шубон буданд,
Сар шавад кори мо зи чӯпонӣ.
Хулқи ҳайвони даҳр омӯзем,
То ки фаҳмем табъи инсонӣ.

Гӯспандон чунон ба ҳам монанд,
Аслашон муқтазои ҳайвонист.
Нафси онон фақат хӯриш бошад,
Даркашон ҳаст, лек фаҳмиш нест.

Нафси ҳайвон талоши якнафасист,
Шаҳвати мол бе ҳавас бошад.
Бе раҳу бе марому бе тартиб
Умри он низ як нафас бошад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Таккаи раҳнамой ҳам умре
Менадонад макони мақсудаш.
Медавад, то каҳе бувад ҷое,
Мечарад, то даме ғизо будаш.

Бехабар аз хатар, зи вартаву марг
Гӯспандон ҳамераванд аз пас.
Даъвате ҳаст бонги зангӯла
Ҳамчу бар корвон нидои ҷарас.

Баҳри онон, ки дар рама бичаранд,
Бебақояст меҳри аҷдодӣ.
Хилқату нафсашон чу ҳайвонист,
Менадонанд аҳди авлодӣ.

Дар шубонӣ кунӣ қиёси аҷиб,
Хулқи ҳайвону табъи инсонро.
Он яке ҳеч пеши яздон аст,
Ин парастад вуҷуди яздонро.

Кори пайғамбарӣ шубонӣ бувад
Бар гурӯҳи бузурги қавми касиф.
Раҳнамоӣ кунӣ ба аъмоён,
То кушоӣ ба нур чашми ҳариф.

Мебарӣ аз пасат ба кӯи мурод,
Баски талқин кунӣ сафои вуҷуд.
Ҳар касеро, ки нафс ҳайвонист,
Афканӣ бар ҷазо чу қавми Самуд.

Дар қиёси гала дар инсонҳо
Бештар бухсу кин, низову талош.
Нафси аммора ҳам фузун бошад
Ғурбати беш дар мазоқу маош.

Он қадар ҳам мураккабу зишт аст
Хилқати қавми бефару имон.
Содагияш ба хайр, гоҳе боз
Мешавад содагӣ азоби равон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

То ки равшан кунӣ тахи пояш,
Шоми торик мешавад рӯзат.
То ба сармош оташ афрӯзӣ,
Сард хандад ба нолаву сӯзат.

Аз рама хавф нест бар чӯпон,
Лек з-инсон ҳамеша хавфу хатар.
Рама аз пеш-пеши ту биравад,
Қавми кӯр аз пасат занад ханҷар.

З-ин сабаб иддае расулонаш
Чун шубонҳо асокаши кӯрон
Будаанду манам чунин бошам
Бар гурӯҳи азими маҳҷурон.

Меравам то ба воҳаи Айман,
Мечаронам ба нафс ҳайвонро.
Ин рамузи асокашӣ бошад,
То шиносам вуҷуди инсонро.

…Ман шубонам ба водие дигар,
Ман асокаш ба зоти насли худам.
Дар уруҷам зи хок то ба фалак,
Мерасам оқибат ба васли худам…

* * *

Дарё, дарё, ба хуни ман мавҷ задӣ,
Гирдоб шудӣ, ба ком сад фавҷ задӣ!
Ҳаммиллати ман ғарқ бишуд дар обат,
Тайёраи душман шуда, аз авҷ задӣ!

## УБУРИ ДАРЁ
### I

Қавми ман аз тирагӣ бигрехт боз,
Умр кӯтаҳ буд, лекин раҳ дароз.
Умр кӯтаҳ буд, баски қир буд,
Баски таъқиби дами шамшер буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гушнагӣ мекушт моро раҳ ба раҳ,
Ташнагӣ мекард ҳоли мо табаҳ.
Аз паси мо лашкари анбӯҳ буд,
Ҳамбари мо дард буд, андӯҳ буд.
Кӯлбори ғам ба дӯши ҳар яке
Буд чун бори гароне–андаке.
Пирҳо дар роҳ мемурданд зор,
Кӯдакон дар дашт мегаштанд хор.
Чун зи пас қотил буду дар пеш рӯд,
Дар миёна қавм аз буду набуд
Қисмати худро ба дасти Бор дод,
Ҳастии худро ба ёди ёр дод.
Чун ба соҳил омадем, аз оби Нил
Боз шуд бар рӯямон як боби Нил.
Об доман чиду амвоҷаш бурид,
Пардаи обии асрораш дарид.
Роҳ бикшоду хуш истиқбол кард,
Ду тараф амвоҷи худро бол кард.
Аз таги дарё гузаштам бе халал,
Қавм ҳам ҳайрон бимонд аз ин амал.
Чун адӯ аз пас бизад худро ба рӯд,
Зад чунон мавҷаш ки пиндорӣ набуд.
Домани обии дарё мавҷ зад,
Дасти яздон тирагӣ аз авҷ зад.
Ман зи оби Нил берун омадам,
Кам нагаштам, боз афзун омадам.
Аз сиёҳӣ раста, роҳам шуд сафед,
Бар дилам шуд воҳаи Айман умед…

**II**

…Лек дар қарни кунун Омӯю Вахш
Бурд бо худ Рустаму Сӯҳробу Рахш.
Халқи Вахшон сӯи Афғон мегурехт,
Пеш-пеши тирборон мегурехт.
Қисмати мо он қадар монанд буд,
Тӯда-тӯда халқ андар банд буд.
Пеши мардум садди соҳил баста буд,
Аз пас анбӯҳи аҷал пайваста буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Тӯпу танку тирдори бангзан
Чун камон печонда, аз пас тангзан.
Ҷони мардумро ба об андохта,
Ҳар тараф аспи аҷалро тохта…
Рӯди Ому садди балвогир гашт,
Оби Ому мавҷи хун шуд, қир гашт.
Ҳар касе ҷон дод, зери об рафт,
То абад дар қаъри дарё хоб рафт.
Гар касе вораст аз амвоҷи рӯд,
Аҳли худро бохт ҳамчун боҷи рӯд.
Лек аз хоки Ватан берун фитод,
Раст аз обу ба хоку хун фитод.

## III

Баски кори қавми ман буд кори ҳақ,
Растам аз амвоҷу аз озори Ҳақ.
Лек ин ҷо ду тараф дар ҷанг буд,
Дар талоши ҳеч андар нанг буд.
Бегуноҳон, чун набуд як тӯдакаш,
Бехабар рафтанд дар коми аташ.
Нурро берун зи дил бигзоштанд,
Тирагиро бо гунаҳ анбоштанд.
Нийяти ҳар қавм, ки некӯ бувад,
Якраҳу якпораву якрӯ бувад,
Раҳмати гардун мададгораш шавад,
Қудрате аз ғайб ҳамкораш шавад.
…Баъди чанде аз ғарибию азоб
Боз баргашт ом бар ин сӯи об.
Ваъдаю паймони як инсони хуб,
Раҳкушо гардид, раҳгардони хуб.
Ҳамчунонки аз ғарибӣ, аз ҳалок
Боз овардам қарибонро ба хок,
Бар Ватан овард халқи хешро,
Одамони сода, некандешро.
Кори ӯ аз кори ман ҳам хубтар,
Бар халоиқ, бар ҳама матлубтар.
Баски хубу дарзамон буд кори ӯ,
Ҳақталошӣ, ҳақварӣ кирдори ӯ,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Одамонро зуд баргардонд пас,
Рӯи каф дил бонг зад бо як нафас.
Лек баъди панҷсад соли азоб
Қавми худро оваридам бо савоб.
Аз вуболу аз сияҳ кардам раҳо,
То шудам бар халқи худ охир даҳо.

**IV**

Нусрати тоҷик ҳам ворастан аст,
Бо тамаддунҳо ҳаме пайвастан аст.
Чун замон дар об ҷӯяд равшанӣ,
Чун ҷаҳон аз об хоҳад гулшане,
Ҳамчунонки мо зи дарёи ҷаҳон
Даргузашта, аз сияҳ ҷустем амон,
Обро чун рӯшноӣ ёфтем,
Воҳаи ганҷи худоӣ ёфтем,
Турро кардем пора бегумон,
Пас қабас дидем дар Айман аён,
Қисмати тоҷик ҳам дар об бин!
Воҳаи Вахшони он дар тоб бин!
Рӯдҳояш рӯшноӣ оваранд,
Воҳаҳо бахти худоӣ оваранд…

* * *

Афғону фиғон, ки дашти Афғонистон
Гардид мазори аҳли армонистон.
Баргашт зи сад якею ором бишуд
Дар сояи боли раҳми Раҳмони замон.

**Руҷӯи дигари ҳазрати Лоиқ**

Дар фазои пойтахти орзуҳоям– Душанбеи муқаддас
Дидаам парвози маргу тирро,
Дидаам бозичаи дасти аҷал тақдирро.
Рӯи ҳар шохи чанорони баланди қадди роҳаш,
К-аз ҷавонӣ кардаам авсофи шоху баргҳошон,
Дидаам, биншаста иблисе сияҳпӯше,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бо камону тир «бозингар»,
Аз қиёми банг мадҳуше.

Ҳамчу ман даҳшатзада
Сад ҳазорон
одамони бегуноҳи шаҳр аз тирезаҳо
Дар фазои тира парвози аҷалро
дида нолиданд…
Лошахорон рӯи мавҷи тираи Варзоб болиданд.
Фавҷҳои гушнамаст аз ваъдаҳои хӯҷаҳо,
Селворон рехтанд аз кӯчаҳо.
Шуд қиёмат
Рӯи майдони ҳукумат…

## VII Видои ҳазрати Исо бо Байтулмуқаддас

Эй шаҳри пурдаҳо, ки ҳама доҳиёни кӯр
Дар остонаи куништ афтода, кар шуда.
Ғавғофурӯши ҳарзагӯ дар пушти дар шуда,
«Кӯре бубин, асокаши кӯре дигар шуда!»

Эй шаҳри пуралам!
Ку порсои ту?!
Ҳар савмаа пур аст аз даллолу вофурӯш,
Ҳар дайру хонақо пур аз тардоману касиф.
Ку покбози ту?!
Ку марди беназир?!
Ку пир, ку шариф?!
Ку зӯр, ку зариф?!

Эй шаҳри пурсадо!
Эй шаҳри пурдағо!
Ҳоло дурӯғ мезанад ҷавлон чу шоҳбоз
Андар ҳавои тираи пурдуди болсӯз.
Зеро дар осмони ту иблис чорагар,
Дар абрҳо хатар,
Дар кӯҳҳо шаҷар,
Дар роҳҳо кавир,
Дар комҳо кавар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ку як кашиши пок?!
Ку синасӯз модари ғамхори тифли хеш?!
Ку покдил падар?!

Эй шаҳри тирахок,
Куштӣ ту киштро!
Куштӣ куништро!
Куштӣ баҳори тозаро дар рӯи тифлакон!
Куштӣ шарори ишқро дар чашми оташин!
Кардӣ умеди зиндаро бебайту ломакон,
Кардӣ ҷаҳоннавардро беболу хонашин!
Куштӣ ҳазор ҷон
Бо сад ҳазор кин…

Эй шаҳри безиё,
Ку офтоби ту?!
Эй хоки ташналаб,
Ку наҳри оби ту?!
Гаштӣ назарфиреб,
Оҳ, эй сароби дур!
Оҳ, эй ғурури кӯр!
Оҳ, эй сабури дард,
Оҳ, эй ғубору гард,
Оҳ, эй шароби шӯр!
Дирӯза тарзабони ту имрӯз гунгу лол,
Дирӯза навҷавони ту имрӯз пиру зол,
Дирӯза пурҷадал ҳама имрӯз хастаҳол.

Эй шаҳри бе даҳо,
гаштӣ расулкуш!
Эй марзи пурбало,
гаштӣ малулкуш!
Будӣ равоншинос,
имрӯз ҷонрабо,
Будӣ ҷаҳонкушо,
ҳоло пур аз рибоъ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Будӣ замонасоз,
гаштӣ замонасӯз!
Эй пири бехудо,
ҳастӣ ҷавонасӯз!

Эй шаҳри пурмағал–
Савдогару дағал,
Оромии Халил имрӯз пурхалал.
Ку меҳрубони ту?!
Ку меҳмони ту?!
Ку остони пок?
Ку осмони соф?
Ку ҷодаи савоби ту, эй боиси тавоф?!

Бишкаст раъйи ту,
рӯъёст шоми ом,
Уммедҳои халқ
чун меваҳои хом.
Сарҳо тиҳӣ зи мағз,
Холист тунгу ҷом…

Эй шаҳри бениёз, талбандаӣ чаро?!
Эй шаҳри бенамоз, шармандаӣ чаро?!
Эй шаҳри бефара, ку шавкату шукӯҳ?!
Дардат қабат-қабат, ғамҳот кӯҳ-кӯҳ.

Бо ғусса меравам аз қисматат кунун,
Эй шаҳри безабон, бечораю забун!
Рӯ тофта зи ту гардун ба қаҳри хеш,
Имрӯзи ту азоб, фардот пур зи хун…

**Исои Маслуб**

Ман хамӯшии садои ғайбро хоҳам шунидан,
Дар миёни ин ҳама ғавғою оромии сангини сукут
Пардаи гунгист?!
Ё ки пардаи гӯшам?!
Он қадар монанд арроси фалакпечони ҷаллод
Бо ғурунгоси магас,
Ё парида чун магас ҳушам?!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар миёни чордевори хамӯшистон–
Коиноти беҳудуд,
Осмони чордард
Аз замин гӯй шуда мағлуб.
Пардаи ҳоли ману як пардаи ҳола–
Чормехи хунчакон
ҳарфи асирии[1] фалакро бишнавам маслуб:
«Аз ҷароҳатҳои ту ҷористам ин дам!».
Ман ба роҳат
Бишнавам овози даъват…

Бишнавам ларзидани мавҷи хамӯширо,
Бишнавам овои ҷони навҷавони дигари маслуб,
К-ӯ нигоҳашро ба чашмони мани хушбахт овезад.
Илтиҷояш хунчакон аст,
Муддаояш пора-пора лахти хун…
…Ман забони нахуни ӯро ҳамефаҳмам,
Гарчи набзи хун надорад гармии нохун.
Бо ҳарорат метапад ишқаш…
«Ман туро бо хеш хоҳам бурд!»–
Чашмҳои бастаи ӯ бишнаванд ин ҳарфҳо аз ман.

Пардаи хунини нохунҳои ӯ чун пардаи гӯшам
Мекунад такрор акси ин садоро.
Рашъа мегирад вуҷудашро ба мавҷ,
Нашъаи гарми садои пушти парда
Мебарад наъшаш ба авҷ…

Зиндагии доду фарёду ғиреву авҷи бедодӣ
Мешавад хомӯш.
Пардаи гӯш
Зиндагиро мебарад дар худ фурӯ.
Ҳам садою рангу таҳрику сукут
Мешаванд омехта бо хуни захми меххо.
Чор фасли солро
Дар салиби беҷасад амвоҷи рӯҳи беххо
Мебаранд аз хок то афлок…

[1] . Ҳарфи асирӣ–мавҷи эфирӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Дар паси хомӯшии ду пардаи гӯшам
Мехӯрад тасвирҳои зиндагӣ барҳам.
Бишнавам аз мавчҳои дуррафта–
Аз хамӯшии асирии фалакҳо:
«Аз ҷароҳатҳои ту ҷористам ин дам!»

## Навҳаи Марям

Худоё, чанд борам мекунӣ қурбон маро зинда?!
Ман охир Марями ту,
дар замин як оламат ҳастам!
Зи кулли хокиён як маҳрамат ҳастам!
Ба танҳоӣ кашидам дар дили танҳо ғамат бисёр,
Сияҳпӯшам тамоми умр, баски мотамат бисёр!

Батар аз куштани фарзанд
бар модар дигар ҳадди ҷазоят нест!
Батар аз инчунин бешафқатӣ теғи ҷафоят нест!
Батар аз силии тақдир
саркӯбии дастони қазоят нест!
Батар аз ҳоли ман
дар ду ҷаҳон ҳоли сазоят нест!

Наметонам,
бигирям дар салибаш сӯгвори навҷавонамро,
Наметонам,
биёбам рӯи хоки ту мазори ормонамро.
Чӣ сон куштан чунин куштан, ки дунё мехкӯби дард?!
Чӣ сон худро биёвезам –
ба дорат устухонамро?!

Чунон ки шири ман
шах мешавад дар устухони зард,
Таровад мӯмиёи хуни гарми ӯ
зи рагҳои салиби сард.
Гули мехак шуда,
мерӯяд аз хоки сияҳ ҳар қатраи хунаш,
Чу хун дар чашми захмаш
ашки чашмам шах шудаст аз дард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Худоё, чанд борам мекунӣ қурбон маро зинда?!
Ба мавлуди писар кардӣ ба рӯи даҳр шарманда!
Шубон кардӣ маро аз кох бар хокат барафканда!
Чунин кардӣ маро як кафтари хомӯши парканда!
Ба рӯҳулқудс бахшидӣ забону кардӣ фархунда!
Вале фархундагиям оқибат шуд бо хун оганда!

Ҷаҳон то ҳаст, гирён меканам мӯ аз сари сахтам,
Ҷаҳон то ҳаст, менолам ман аз вожунии тахтам.
Куҷо болишти санги гӯри ӯ, ки сар ниҳам ором?!
Куҷо оғозу анҷоми саодатҳо, ки бадбахтам?!
Худоё, оҳ бадбахтам!

* * *

Дунё, аҷабо, ҳанӯз ҳам олам нест,
Инсон ба ғами худ аст, чун Одам нест!
Исо чу писар ҳазор бор ояд боз,
Чун модари маҳрам, ба худо, Марям нест!

## Хоб ё зуҳури ҳазрати Исо

Чӣ хоби кибриёӣ?!
Ё ки бедорист?!
Ба рӯи абрҳо по монда меояд яке инсони бонуре,
Ки аз дасташ чу аз чашмони ӯ анвор мерезад.
Ба ҳар як шарфаи пояш зи хоки сард
Ба ҷои гардҳо фаввораи анвор мехезад.

Ба хоки тира гӯё менамонад по,
Гули мехак ба ҳар пайроҳа барги сабз густурда.
Ҳаво бо болҳои мурғакони ранг андар ранг
Ҷилои домани пероҳани рангини ӯ бурда…
Ба ҳар чӣ гар бубинад, ҷилваи нураш шавад дигар,
Саропо мешавад дигар ҳамон манзар.

Ба лаҳни мурғакон бар буттаҳои гул занад фарёд:
«Шуморо дӯст медорам!»



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Забони сабзаю баргони гулҳоро кунад идрок:
«Шуморо дӯст медорам!»
Садояш ҷилваи боҳамзании шӯълаи хуршед
бо ранг аст,
Дурудаш бар замин чун оҳи шабнам сабзоҳанг аст.

Худоё,
Ба симо ҳазрати Лоиқ бувад ин мард!
Худоё, Ҳазрати Исост ё Лоиқ?!
Ба пояш барг резад гул,
Кушояд пардаҳои дидааш булбул.
Нигоҳи растагорони замин ошиқ,
Хаёли авҷгарди ошиқон шоиқ...
«Шуморо дӯст медорам!»–
Нидо хезад зи ҳар рафтори ин ҳазрат.
«Шуморо дӯст медорам!»–
Кунад такрор беҳасрат...

Аҷаб, ин хоб, ё ангезаи рӯъёю бедорист?!
Ки дунё аз дуруди ӯ шавад мадҳуш
Ва Марям чун дарахти бегули анҷир ҳушёр аст...
Яке Мансур дар лаб ояти хунин,
Ба по занҷир ҳушёр аст...
Кабӯтар дар дами ғоре ба рӯи байза осуда,
Ба тори дорҳояш анкабуте пир ҳушёр аст...

Бигӯ, эй Ҳазрати Исо,
Кӣ меояд, ки моро дӯст медорад?!
Бигӯ, эй ҳазрати Лоиқ,
Кӣ меояд, ки моро дӯст медорад?!
Нидои аввалину охирин,
к-он аз аҳад буду пур аз ҳайрат
Фазоро пур кунад: Эй мардуми осӣ!
Суҷуд ореду бархезед, меояд ба ин маснад
Зи арши кибриёӣ Ҳазрати Аҳмад...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## VIII Салиби шикаста
## 1

Аврупо аз зарби пои оҳанин–
Наълҳои аспҳои тозии бургундҳо
Ҳамчу гурги гушнаи сармозада
Мӯя дошт…
Дар калисоҳо шаборӯзон
Шамъҳо сӯзон…
Фавҷ-фавҷи аскароне,
ки забони якдигарро менафаҳмиданд,
Мавҷ-мавҷи ғаллазоронро
Бехабар аз қути худ помол мекарданд
Ҳамчунон дар даштҳое каллазоронро…

Дар сафи мардони маҷрӯҳи салибдораш
Коҳинони пир
Боғҳои андалусию шароби куҳнаи
испониёро хоб медиданд.
Ин ҳама бехатнагон
Тахтаи пӯсидаи қабри ниёро хоб медиданд.

Мурдаҳои дар салиби бастаи шамшер хобида
Бе кафан буданд.
Тӯдаҳои лошахорони ҳавопаймо
Беватан буданд…
Як сипар буд рӯйпӯши наъши гандида,
Рим дар Румаш ба хуну хок ҷӯлида.

Пири юнонӣ, ки бо фазлаш
тамоми пирамардонро ба ҳайрат мегузошт,
Дар паси хуми бузурге
Донаҳои хоми ангури дубарра
Турш мехоид…
Лаҳзаи андарзгӯиро ба афсарҳои сарбозони хаста
Зиракона хуб мепоид…
Аскарон
дасту пои пирро маҳкам бубастанд,
Афсарон хуми шаробашро шикастанд…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар паси ҳар хаймаи чоки салибдоре
Гулхане аз бурсҳои нимсӯзон дуд мекард,
Роҳиби пир устухонҳои парешонро
Баъди парвози баланди лошахорон
Бо асои дастпайванди шикаста ҷамъ меовард.
Ҳар куҷо як тӯда калла
Бе тану бе дасту по буд.
Баски роҳиб бе калисо буд.

Дар миёни даштҳо
Қабрҳои хоксери аскарони ҷонфидо
Бе салиби рӯи гӯр–
Бе нишон хобида буданд.
Ин зимистон аҳли шаҳр
Тахтаҳоро баҳри ҳезум чида буданд.

Пири юнонӣ ба ҳоли роҳибон хандида гуфт:
Ҳайфи хуми нимаи ман,
Ҳайфи ангури дубарра!
Ҳайфи гӯри Ҳомери кӯр!
Ҳайфи ҳарфи воизи бенур!
Ҳайфи шамшери Сикандар!
Ҳайфи фавҷи бесару сарвар!
Бар салибу бар салибдорон чӣ сон бовар кунад кас?!
Фасли сармо ҳар дари Байтулмуқаддас
Як ғарам чӯби салибу дорро ҳезум биёвард!
Хонаашро гарм кард…

…Дар сари гӯри виқори қайсаре
Ҳамчу рамзи чоргуна–
                    чун салиби ҳузнпарвар
Як салибшамшерро хастанд.
Бо сипар
Чашми вои дахмаи мағлубро бастанд…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## II

Дар сари роҳи калоне
Дар миёни чордевор аст қабристони нав.
Аввалин фавтидааш июли …чилу як,
Охиринаш тирамоҳи чилу ду.
Хокҷо яксола, аммо аҳли он лак-лак.
Рӯ ба рӯи ин мазористон
Захмхурда як «Паланг[1]»
маслуби дидор аст,
Зери чанги нангу ор аст…

## III

–Ин қубури иддаи поки маҷориҳо!
–Ин мазори тӯдаи лухти лаҳистонист!
–Ин мазорони асирони азиятдидаи финҳо!
–Ин қубури куриёгӣ, русу ҷопонист!
–Ин мазори олмониҳо!
Дар паси дарвозаҳои сабзи қабристон
Тахтаҳо бишкаста овезон…
Бекасу соҳиб салибу мармару ёди ҷавониҳо,
Во дареғи ҳасрати ин ормониҳо!

## IV

…Ҳазрати Аҳмад ба тоқи ҳар мазори қадди роҳ
Баски дасти хат надошт,
Бо нигоҳи сурмаи чашмаш нигошт:
«Ман Шуморо дӯст медорам!
Посбони ҳар мазорам!»

* * *

Эъҷози Худост чун суханҳои китоб,
Аз мӯъҷизаи расули худ рӯй матоб!
Дастони маро, ки достони азалист,
Дарёб ҷавоби ҳар суолею хитоб!

---

[1] Номи танкҳои фашистон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## IX «ФУРҚОН»

Ба мавъиза ҳарфи илоҳӣ бигӯям,
Кунам боз такрор он чӣ шунидам…
Шикастам нигаҳро ба оинаи Тур,
Таҷаллии рӯяш ба ҳар қулла дидам,
Зи аксаш расидам ба ҷону дилам нур.

Садо додам: «Эй ҷон, намо рӯи худро!»
Биёмад зи ғайбаш садо: «Лантаронӣ!»
Фитодам зи по, то дубора бихезам,
Ки то бинам аз пушти парда ниҳонӣ,
Ки то меҳри худро ба пояш бирезам.

Чунон пора-пора бишуд санги хоро,
Ба мисли варақҳои сӯзон сияҳ шуд.
Зи барқаш вуҷудам саропо бишуд об,
Зи ҳашмат дилу ҷону ҳолам табаҳ шуд,
Шудам заррае, балки як қатра симоб.

Таҷаллӣ бикард ин ҷаҳони маро пок,
Сипас саҳфа-саҳфа биёмад китобам.
Ҳама ҳарфи воло, ки дастури ҳақ буд,
Раҳонд аз балоҳо, раҳонд аз азобам,
Ки ворастагиҳо зи манзури ҳақ буд.

Ба сомию бо ибрию суриёнӣ
Ба «Таврот» гуфтам ҳама муддаоро,
Ки инсон бубояд китобе бихонад,
Ки дар он биёбад ба дардаш даворо.
Зи аҳли саводаш савобе бимонад.

Бани одам он гоҳ дарёфт панде:
Набошад китобе, тариқат набошад,
Муаммои умраш бимонад муаммо,
Китоб ар набошад, ҳақиқат набошад,
Ки дар рӯзгораш наёбад тасалло.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Агарчи расулони мурсал зиёданд,
Мукаммал набуд муддаои илоҳӣ.
Забони дили якдигарро нафаҳмид
Бани одам, аммо зи маҳ то ба моҳӣ
Зи кирдору кор аз ҷазоҳош ваҳмид.

Мураттаб бишуд аз варақҳои дерин
Парешон рисолат ба ҷилди китобе.
Сухан чун нахустин башорат биёмад,
Итобу саволу ҷавобу хитобе…
Ба роҳи пасин ҳам ишорат биёмад.

Раҳи охирин буд раҳи ибтидоӣ,
Зи рӯзи азал то абад раҳнамоӣ.
Сухан баски эҳсони ишқи самовист,
Кушояд гираҳро, бувад дилкушое.
Зи эъҷози яздон нахустин гувоҳест.

Сухан мӯъҷизоти муҳаббат, ки инсон
Бигӯяд ба боло ба ихлосу меҳраш.
Забон ар набошад, тавонӣ магар гуфт
Ба он нозпарвар зи эъҷозу сеҳраш?!
Ҳама рози ӯро натонӣ, ки бинҳуфт…

Сухан ибтидои расолат зи гардун,
Сухан иқтидори расули худо аст.
Забон мояи ҳикмати зиндагонист,
Забон пояи миллати бефано аст.
Нишони бузургӣ, фари ҷовидонист.

Чу қавме суханро ба ҳикмат биёрост,
Масалро мисоле бикарду пароканд,
Китобаш ба андарзу бо панд пирост,
Набинад ба роҳи муборак яке фанд,
Расад бар ҳақиқат, ба худ бе каму кост.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Биёмад бузургӣ, чу омад китобам,
Дигар мӯъҷизотам ҳама бебарор аст.
Бубояд ба ақли тавоно кушоиш,
Кунун дасти пурзӯри ман бемадор аст,
Бубояд ба фикри фарогир кӯшиш.

Ба нуре, ки дастам ҳамерехт умре,
Ба эъҷоз кардам ба қавмам намоиш.
Ба мавҳуму аз тарс, лекин ба дониш
Ба ин қавм додам зи банде раҳоиш.
Кунун ёфт роҳаш халоиқ ба хониш.

Китоб аст олитарин ҳарфи яздон,
Расули мукаррамтар аз ҳар расулаш.
Гиромитар аз он наёбӣ ба эъҷоз,
Ки инсон бикард аз дилу ҷон қабулаш,
Ки чун нону чун ҷони худ кард эъзоз.

Дар ин даҳри пурмоҷарою баҳасрат
Китоб аст нодиртарин ҳамнишинат.
Туро вораҳонад зи найрангу касрат
Чу ёри вафодору ёри қаринат,
Раҳонад зи зиллат, биёрад ба ҳайрат.

Китоб аст зӯру мадорат, ки боре
Наяфтӣ ба роҳат, чунон раҳнамо ҳаст.
Намонӣ яке бенаво дар ҳаётат,
Китоб ончунон махзани бебаҳо ҳаст,
Ки монад зи ту боз баъди мамотат.

Ситоиш бибояд суханро, ки яздон
Ба инсон забони муҳаббат ато кард.
Ҳаёти пур аз ваҳшату пураламро
Пур аз меҳру сидқу пур аз мӯҳтаво кард,
Сипас қисмати худ бизад ҳар рақамро.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ситоиш бибояд суханро, ки ҷон аст,
Набошад забон, ин ҷаҳон бе равон аст.
Зибаски сухан исми мо, номи ҳар чиз,
Мусаммои дунё ба ҳарфи забон аст.
Муаммо наёбӣ ба ҷуз ном ҳаргиз.

Агар даҳр бозам дусад асри дигар
Ва ё миллион сол бешам бимонад,
Китоб– ин муқаддас расули бақоят,
Туро аз замон то замонҳо кашонад,
Зи рӯзи нахустин ба рӯзи ниҳоят…

* * *

Аз рӯзи нахусту аз ниҳоят гуфтам,
Гавҳар ба тавони худ ниҳоят суфтам.
Охир нашуд он чӣ гуфта шуд, ошуфтам,
Дар нуқтаи айби худ дар охир хуфтам.

## X Хотима

Ғайбро ғайбат накардам,
ҳайбат аз кӯҳе калонтар,
ҳашмат аз рӯҳе гаронтар буд.
Сабри ман аз тоқати Айюб,
ҷабри ту аз ҳиммати Айюқ,
габри нотанте зи муслиму насоро ҳам
ҷавонтар буд.
Баргҳои нахли Одам
аз садафҳои кабуди оби Замзам,
аз варақҳои адими гови Зардушт,
аз гули анҷиру Тӯбо бехазонтар буд.
Ваҳми Юнус
аз сиёҳии чаҳи Юсуф,
аз фарохии фазои аршу уқёнус,
аз нигоҳи кибри Фиръавну уқобаш,
аз самоъи Мавлавӣ ҳам бекаронтар буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Хандаи шайтон зи дуродур меомад,
қаҳ-қаҳи дамдузд буми кӯр меомад,
аз паси Қофи сияҳболин
садои зоғ ҳам маҳҷур меомад,
чашми Кавсар доимо тар буд…
Пушта-пушта кушта мехобид,
қабза-қабза мӯи канда мушта мехобид,
ранга-ранга одами дар хуни худ
оғушта мехобид,
танга-танга ашки шӯри ҳасрату ғам,
шадда-шадда устухони хушку нам,
барга-барга гӯшу лабҳои бурида,
ёдгор аз теғи аскар, амри афсар буд…
Сад суоли хешро дар «чист?!» гум кардам,
ҳастро дар олами беҷодагии нест гум кардам,
Нестро дар ҳаст,
болоро ба паст,
моҳро чун моҳие дар шаст,
айшро дар худсарии маст,
саркаширо дар гираҳзавлонаи побаст,
сархамиро дар уруҷи рафъати вораст,
вошавиро дар шиканҷи бастаи пайваст
гум кардам.
Баски овози Замин дар сурма печида,
фалак кар буд…
Баски ҳар ҷо ғолибе мағлуб,
чор сӯ дар чор унсури равон маслуб,
хоку об орому маҳ маҳҷуб,
боду оташ саркашу бедодгар буд.
Вопасин фарёд дамбаста ба теғи тези ханҷар буд,
Ҳайбати шери Худо дар ҷони Ҳайдар буд.
Карбало дар боли хун пероҳани ғам дошт,
Ҳар гияҳ бар бегунаҳ мақтул мотам дошт.
Ду бародар ҳамтани бесар –
баробар буд.
Дар талоши маснади хунин
дар гарав буд ҷони духтар –
ҷони ширини паямбар буд…
Офарин, эй дӯст, эй душман!
Аҳсан, эй вомонда, эй ҳодӣ!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Раҳмат, эй боранда, эй бодӣ!
Ассалом, эй нур, эй оҳан!
Алвидоъ, эй теғ, эй ҷавшан!
Аламон, вайрона!
        эй сарсабз ободӣ!
Шукр, эй бандӣ, аё пайғоми озодӣ!
Будану нобудани ту бештар пайдо,
        пас зиёда дар нигоҳи ақлу дида
                зоти поки ту ниҳонтар буд!
Рафъатат аз коиноти беҳудуди ҷовидонният
        ҷаҳонтар буд!
Хайри ман шар,
        хушки ман тар,
                дасти бозам бастаи ришта,
                        марзи шодобам накишта.
Офтобам сӯхта,
Шамъу фонусу чароғам бесабаб н-афрӯхта,
Сӯзани килкам ба сатри ришта-ришта
        бахяи лабҳои хомӯши маро нодӯхта…
Хилқатам бегонапарвар буд,
        тоқатам тоқи баланди лонаи холии кафтар буд.

Хонаи кайҳони ту торик,
Хаймаи пурбоди рӯи об аз ман
        як ҳубоби нимҷони бас мунаввар буд.
Шишаи афлок холӣ,
        водаҳан паймонаи паймоншикаста,
                мисли ҳоли безабон ноқуси балвогар
                        ҳамчу як воруна соғар буд.
Кафтари дар рӯи байза
        посбони ғори ғар буд,
Парчами дар нӯки найза
        боли ҳамсоли паровар буд.
Қабза-қабза парри резон
        қисса-қисса рамзи дафтар буд.
Кӯҳи кӯҳонпушти хоболуд–
                як шутури гумшуда дар дашт,
        Астари побаста дар занҷири беҳалқа
        дар биёбони араб овораахтар буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Эй фурӯғи гумшуда дар умқи кайҳон!
Эй дурӯғи рост, эй гардуни саргардон!
Оҳ, эй яздон!
Арзи ман бо ту зи марзи несту ҳасти ту бигзашт,
Фарши ман болотар аз арши ту побаст,
Бахти ин сайёра баргашт!
Балки аршам пасттар аз остони фарши ту биншаст…
Чун адолат аз аломатҳои ту ҷӯёи адлам,
Бо забони безабониҳои ту гӯёи адлам…
«Ҳаст оё?!» муддаои дардисар буд,
Ин суоли сад ҳазорон бор бе ишқу муҳаббат гуфтаи мо
Оқибат сармашқи ҷустанҳои арвоҳи музаффар буд.
Гандуми як бор бе амри ту бар лаб бурдаи мо
Луқмаи якумр дар ин осиёи обдарсар буд.

Киштии бишкастаат мероси мо гашт,
Осмонат оси ин киштӣ,
Нестият ноходо гашт…
Эй башорат бар ҳама самти расидан!
Эй ишорат бар ҳама ҷӯёи дидан!
Тарси мо аз рӯзи маҳшар буд!
Он ҳама дарду масалҳое, ки гуфтам,
Нотамому номукаммал, мухтасар буд!

*Солҳои 2006 – 2008.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## НАВРӮЗНОМА

*(манзума)*

### I Оғоз

Бо номи ту, эй ки даҳр дар қабзаи туст,
Оғоз кунам номаи Наврӯзи нахуст.
Эй ҳафт фалак ба пардабозии ту банд,
Эй ҳар ду ҷаҳон ба роздорит дуруст!
Эй гуфтаи ту варақ-варақ чор китоб,
Бишнуфтаи ту надонамат аз чӣ накӯст?!
Дар хидмати ту лак андару лак буданд,
Бозам ба ҳазору анд айём ба чуст…
Дар пойгаҳат талоши имон бикунанд,
То рӯзи адам ба хотири рӯзи нахуст.
Азбаски хаёли ту зи ово тез аст,
Ояд ба замин ба суръати нур – зи рӯст.
Оваҳ, чу хаёлбозиям суст бувад,
Дар васфи ту ҳарф гуфтанам мушкилу суст!

Эй лавҳанависи рӯзгори азалӣ,
То кай бишавӣ ба банди кори азалӣ?!
Ин кор ба дӯши худ гирифтӣ, чи аҷаб,
Бигзор зи китфи хеш бори азалӣ!
Як бори дигар пок навис он лавҳ[1] ба пок,
То фарш шавад чи поки ори азалӣ!
То кай бишавад талоши инсон ба ниёз,
Як зарра шавад сабук мадори азалӣ?!
Дар гардани мо тор тааллуқи ба чанд,
Озод бикун зи ҳалқ дори азалӣ!
Дар ишқи ту сӯхтан бишуд амри вуҷуд,
Як панҷа бизан зи оби нори азалӣ!
То машғалаи ду оламӣ як гардад,
Яксон бинамой гирудори азалӣ!

[1] Ин ҷо «Лавҳаи маҳфуз» дар назар аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Эй хоматароши лавҳаи арши баланд,
Дар ҳалқи тарам қаламтарошат то чанд?!
То кай падарам зи модарам бигрезад,
Барбаста вуҷуди тифли худро дар банд?!
Қурбонии мо ҳадяи идии ту шуд,
Бигсаста ҳазор силсила аз пайванд…
Кай нек нигаҳ кунад фалак бар ин хок,
Кай пок шавад зи хору хас хоки нажанд?!
Эй барқ, туӣ Буроқи тундарқадамон,
Эй ишқ, туӣ болу пари рӯҳи саманд!
Пайванди замину осмон кай бишавад,
Бархез, Каюмарс, зи домони Хуҷанд!
То фол занам, ки Ҳазрати Одамато
Кай омаду умри зиндагонист ба чанд?!

Эй тиргузори хаймаи боми фалак,
В-эй парданигоҳдори дунёи малак!
Дар пойгаҳат нишаста ҳайратзадаам,
Чун аст, ки пайвастаӣ аршат ба самак?!
Барбастаӣ бас ғурӯшаи шаҳд ба гул,
Печондаӣ дар коғази гирдоб намак…
Саҳрои само ба рӯи хок овардӣ,
Чун печиши ҳар соиқаи барқ палак.
Симурғи ту доначини домони маҳ аст,
Мурғони ҳавопарасти шӯхат ба катак.
Аз далви чаҳат раҳо шавад сад Юсуф,
Резад ба сарам об сурӯшат ба чалак…
Аз раҳми яке нози ту Раҳматзодам,
То ноз кунам пеши ту, бигзор, камак…

Гуфтам, ки зи рӯзи нав нависам нома,
Оғоз бишуд ба номи ту барнома…
Чун сар шудани ҳаёт бошад зи само,
Бинвишт нахуст қисмати мо хома.
Он хома кунун ба дасти ман афтодаст,
То дар вараҷи умр нависам чома…
Бе кому забон наёфаридӣ, сад шукр,
Пас шӯр чаро қисмати мо дар кома?!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Пӯшидани мо қабои шарм аст, на пӯст,
Орои вуҷуди мо шуд аз бахрома...[1]
Баҳроми фалак ба қаҳр гирад ҳама кор,
Дар сулҳи кул аст нома дар «Шаҳнома».
Ман пас ба ниёз рӯй орам ба намоз,
Афшонда ғубори доманам аз ҷома...

Саҷҷоданишин нашуд дилам аз Наврӯз,
Шуд коғази пок ҷонамозам шабу рӯз.
Пас саҷдаи ман қабули даргоҳ шавад?!
Ё роҳ равам ҳамеша дар ҷодаи сӯз?!
Оҳам чу камон ба дуд печон ояд,
Омос гирифта дард чун пуштаи кӯз...
Ҳар ҳарф шуд оғоз ба номи ту нахуст,
Сӯзан шуда килкам ҳама дар бахяи дӯз.
Ором нагирам, нашавад мақбулат,
Донам, ки туӣ банозпарвардаю нуз...
Пас нозпазиру нуздонат шудаам,
Эй турки Самарқандию эй мушкили юз![1]
Сад бори дигар бигӯямат дар такрор,
Бинам ҳама шавкати туро дар Наврӯз!

Наврӯзи манӣ, сози манӣ сӯзи манӣ,
Ҳурмузди манӣ, валек чун Аҳриманӣ!
Ҷанги тую ман сар шуда кай, кай донам,
Эй вусъати дашту ранг дар сад чаманӣ!
Оғози замони ман зи Наврӯз бувад,
Ту пештарӣ, зи бас ҳазорон заманӣ!
Гӯянд тамаддуни кунун ҳашт ҳазор
Сол аст, вале ту аз азал дар ватанӣ.
Ҳаждаҳ карат ар Замин зи тираш лағжид,
Пас гӯй, чӣ сон ба ҳар карат анҷуманӣ?!
Анҷуми ту анҷоми ҳама оғоз аст,
Эй садди хатар, чун ту хаторо шиканӣ?!
Чин аст Хито, хатои мо низ ба чин,
Инсоф бидеҳ, нофи ману ту – хутанӣ!

[1] Бахрома – пилла
[1] Мушкиле, ки сад гиреҳ дорад



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## II Тамаддуни Тоҷ

Гӯянд тамаддуни нахустин зи азал
Оғоз пазируфт зи айёми Ҳамал.
Ҳамли ҳамагӣ зи арш то фарш расид –
Аз роҳи биҳишти адн то хоки амал.
Аз донаи гандумӣ чунон сабза дамид
Аз кишти падарбузург дар марзу маҳал.
Он гоҳ дарозои ҳаёт аз дами зод
Чанд аср будӣ, набуд кас огоҳи аҷал.
Ҷуфтони нахуст бехабар зистаанд,
Аз марги муфоҷову зи тадбири ҳиял.
Андӯҳи нахусти марг аз куштор аст,
Гаштаст зи Қобили ту то ҳашр масал.
Яъне ки зи ибтидо набуд шеваи бухс,
Яъне ки намурда буд нахустин зи касал.

Одам, ки зи ибтидо ҷаҳон сохтааст,
Бо ёди муборакат макон сохтааст.
Яъне ки биҳишт нусха партофт ба хок,
Ҳавво ба ҷамолат назар андохтааст.
Сар суда ба арш ноз мекард гаҳе,
Бобо зи намози худ сар афрохтааст.
Чун баъди ҳазорсола даври сафи пеш
Даврони бақои ҳазраташ тохтааст…
Дар пеши ду фарзанд Сафиюллоҳат
Ду дона гуҳар ба маърифат бохтааст[1].
Як дона ба подшоҳии олами хок,
Пас фарраи рӯҳи қудс бишнохтааст.
Яъне ки Каюмарс бишуд шоҳи замин,
Пайғомбарӣ ба Шис пардохтааст…

---

[1] . «Одам алайҳиссаломро фарзандон бисёр буданд ва аз фарзандон ду танро баргузид: яке Шис ва дигаре Каюмарс. Пас Шисро ба корҳои онҷаҳонӣ баргумошт, ба нигоҳ доштани дин ва Каюмарсро бар корҳои ин ҷаҳон ва подшоҳӣ рондан». Имом Ғаззолӣ, «Насиҳат-ул-мулук». Душанбе, Ирфон. Соли 1999. Саҳ. 41



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Наврӯз будӣ ба тахт биншастани шоҳ,
Оғоз бишуд замон зи Наврӯз ба гоҳ.
Пас пеш бувад зи ҳазрати пайғамбар
Дар манзалати боргаҳӣ шоҳ ба ҷоҳ?!
Аркони ҷаҳоннигоҳдорист аз ӯ,
Мебурд ҳам инсон ба фари шоҳ паноҳ.
Субҳи дами Наврӯз мубарротар буд
Аз чор тараф, шаш ҷиҳату аз ҳама роҳ.
Давлат ба вуҷуд омад аз Наврӯзаш,
Рӯид сапедабарг аз хоки сиёҳ…
Бишнохт зи санг оташу оҳану зар,
Оҳангу таровату назокат зи гиёҳ.
Бардошт ливо ба ранги хуршеди фалак,
Пӯшид лиқо ба парчами сабзи сипоҳ…

Оғози тамаддуни дигар буд магар,
Чун рӯи замин пур бишуд аз қавми дигар?!
Рамзист адолати Каюмарс ба аҳд,
Азбаски рамуз рафтани пайғамбар.
Оғози тамаддуни нахустин – Одам,
Бо аҳди Каюмарс ҳаме гашт сипар…
З-он давр чӣ мондааст дар рӯи Замин,
Ҷуз хоки мазоре ба Хуҷандам, ба гузар?![2]
Ин ҷоҳу ҷалоли абадӣ барҷой аст,
Як олими аллома надодаст хабар.
Афсӯс надонам, ки ба анҷом чӣ буд
З-он аҳди падарбузургу даврони самар?!
Зеро ки замони сонӣ оғоз биёфт
Чун шом бирафту бишуд оғоз саҳар.

---

[2] «Гузар» ба маънои маҳалла ва ё маҳал. Дар минтақаи Пуличуқури шаҳри Хуҷанд мазоре ҳаст, ки онро Мазори Каюмарси Одам мегӯянд. Дар бораи мавҷуд будани чунин мазор дар дигар манотиқи олам маълумоте дар ягон сарчашмаи таърихӣ ва ё китобҳои олимону бостоншиносон дучор наомадам. (Муаллиф).



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гӯянд, нахустрамзи Наврӯз фар аст,
Яъне ки ба тоҷи шоҳ нури саҳар аст.
Тоҷе, ки дар он дурри ятим васл бувад,
Аз ҷабҳаи пурнур ҳувайдо гуҳар аст.
Он асли асолати бузургӣ бошад,
З-он васл ба довару дили додгар аст.
Додор чунин рамузи пинҳон додаст,
Бар он ки чу баргузидаву роҳбар аст.
Чун ном, ки аввалин нишон аст зи хулқ,
Пас халқ варо раъияту ӯ ба сар аст.
Айн аст футувввату ҷавонмардияш,
Дорову гадо ба оинаш як назар аст.
Пайдову ниҳони олами буду набуд,
Даргоҳи варо аён чу шамсу қамар аст.

Эй боргаҳат фазои айн асту ниҳон,
Боре ба манат ниҳони худро биаён!
То гуфта шавад, аз сари олам чӣ гузашт,
То рост бигӯямат зи оғози ҷаҳон!
Ҳар марҳалаи тамаддун аз рӯзи азал
То чанд идома карду кай гашт хазон?!
Оё ки баҳори аввалин гашт чунин,
Оё ки баҳори вопасин буд чунон?!
Эҷоди биҳишти рӯи хок аст дуруст,
Эъҷози дигар халоиқат аз инсон?!
Зеро ки ту офаридаӣ ток ба хок,
Зеро ки ман офаридаам ратли гарон…
Ин сабқати мо сар шуда аз Наврӯзат,
Бо тирамаҳи давр биёбад поён…

Эй содасару мураккабанҷоми нахуст,
Бе шарти ишорати ту як сабза наруст!
Шабнам зи куҷову чашми шабнам зи куҷо?
Ашки малакат як рухи гулбарг нашуст!
Пас ҳар чӣ ато кардаӣ, аз ман бошад,
Дунёи мукаммали ту аз мост дуруст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Эъҷозгарӣ ба ақли ман тахшин гашт,
Чун дузди амал шудам зи донишвари суст.
Фардо ба фалак чу мавҷпайванд шавам,
Бишнав ту зи гӯшакӣ садоро, ки зи ӯст.
Халлоқ шудам ба хотири роёна,
Кампутари ман башорат аз ҳастии туст!
Ҷавлонгаҳи ҳуши ман кунун кайҳон аст,
Байни ману ту парда кунун пардаи бӯст…

## III Тамаддуни Шамшер

Бигрифт шаҳи тоҷварам шамшере,
То қавси қузаҳ камон шавад, ӯ тире.
Пирон ба асо такя намуданду амир
Бишнохт ба шамшер асои пире.
То қавму халоиқат тасарруф бикунад,
Бишнохт сипар–забар, ба тире –зере…
Бигдохтани Ҳушанг буд аввали кор,
Пас панҷаи шаҳ бигашт оҳангире.
Дар манзалати тахт нишон дошт чунон
Тасвири бузургии каён чун шере.
Наврӯзгаҳи подшаҳӣ ҳамҳама дошт,
К-он мебарад аз Монӣ ғами тасвире.
Баҳроми фалак теғнигаҳдораш буд,
Ҳар гӯр ба ҷонканӣ чунон нахчире…

Наврӯз кунун ҷашни яке давлат гашт,
Азбаски нишонаи фару шавкат гашт.
Бозидани ҷанг буду шамшерзанӣ,
Сайдафканию сайдзанӣ, заҳмат гашт.
Боло шудани даст ба шамшери дусар,
Хам гаштани гардани адолат, лат гашт…
Бозии ҷавонмарду сиёсат ба ҳиял,
Бозуи матонату футувват фат гашт.
Доро бишуд он кабири шамшергузин,
Раҳбону раҳозмуда бероҳат гашт.
Оҳу, ки намешинохт марзу буми ғайр,
Дар хокаи нофабез бешафқат гашт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳар дастаи қат рост бишуд теғкушо,
Ҳар панҷакаши ростӣ бетоқат гашт…

Он давр кай ибтидо шуд, он кор куҷо?
Он марзи хуноғуштаи нодор куҷо?!
Оё ба нишони теғ Наврӯз хуш аст?
Фармудаи ҳифзи рӯзи додор куҷо?!
Як солу тамоми фаслу як аҳди бузург
Дар рангубаранги гулу дар хор куҷо?!
Чакчакзадани қатраи хун – сози ҳазор
Дар навҳаи як ғунчаи минқор куҷо?!
Кӯтоҳии парвози дами чаҳ-чаҳи мурғ,
Нолидани ҳалқи хушк аз дор куҷо?!
Бишкастани шохаҳои барқи сари кӯҳ
Шамшерзании фалак аз ор куҷо?!
Бебор бишуд хазинаи шоду ҳазин,
Дар суру ғами даҳри дудар бор куҷо?!

Чун маърифати хулқ ба шамшер наяст,
Ҳар халқи бафар бо сипару тир наяст.
Хулқе, ки ба теғ мешавад даст ба даст,
Бо маърифати хеш ҷаҳонгир наяст.
Халқе, ки ба теғ мебиёяд сари кор,
Қавми ба дифои худ батадбир наяст.
Шамшери адабпарвари Рустам бояд,
Зеро ки адолат дами шамшер наяст!
Бояд ки адаб ғилофи шамшер шавад,
Сулҳ аз азал асту ҷанг тақдир наяст!
Болидани теғро ба тақсир бикун,
Болидани рӯҳи мо ба тақсир наяст.
Сад аҳд гузашта, мо кунун ҳалқанишин,
Наврӯз, ки сарҳалқаи занҷир наяст…

То маърифати хулқ китоб омадааст,
Бар боғи вуҷуди халқ об омадааст.
Дар даври нахусти зиндагии ману ту,
Бар дашти ҷунуни мо сароб омадааст.
Аввал ба варақ хитобаи дорумадор,
Бар қавси қузаҳ дусад ҷавоб омадааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Андар сари Од ордро бехтаанд,
Бар тори Самуд пас саҳоб омадааст.
Бедор нашуд саҳобаи Қаҳф дигар,
Чун пардаи як замона хоб омадааст.
Ҳаллоҷ ба аъсоби таранги сари дор,
Бо рӯҳи парии эътисоб омадааст!
Пас бо нафаси ҳуррияти таблқадам
Бар ҷони замона инқилоб омадааст.

Наврӯз шикаста шуд, чу шамшер шикаст,
Заҳҳок ба ақли шоҳи мо тир шикаст…
Морон ба забаргаҳи ду китфам буданд,
Тахти фари ман зи ҷунбиши зер шикаст.
Дидам ба нишони тоҷ ёли зари шер,
Дандони ялон чу қабзаи шер шикаст.
Мебурд чу луқма ақли касро ба даҳон,
Дар ҳалқаи морон сипари мир шикаст.
Оқил ба улоқи турктозон бидавид,
Ориф ба миёни пардаи қир шикаст.
Чун халқи шикастапо тамаддун мебурд,
Он хулқи даридаҷон зи тақсир шикаст.
Чун мори шикастасар тамаддун мехӯрд,
Он аҳди буридасар зи тақдир шикаст.

Яъне ки нишони маърифат зӯр набуд,
Наврӯзи яқин зи маърифат дур набуд.
Ҳарчанд ки як аҳд халогоҳ бимонд,
Заҳҳок ба даври хеш маъмур набуд.
Ҳарчанд ки луқма ақли инсон будӣ,
Қисмат ба яке заҳр, вале шӯр набуд!
Медид фалак ба дидаи анҷуманаш,
К-ин хокбасарнишаста шабкӯр набуд…
Афрӯхт гуҳар ба тоҷи фарри азалӣ,
Ҳарчанд ки дар дидаи манзур набуд.
Хишти таҳи пои ӯ нашуд оби гуноҳ,
Биншаста вале ба рӯи оҷур набуд…
Ғам буд, ки муҳаббати дилам равшан кард,
Дар маҳшари ман ид набуд, сур набуд…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## IV Тамаддуни Шароб

Ҷамшед, ки буд мунодии наврӯзам,
Омад сари тахт ҳодии наврӯзам.
Ҷуз тоҷ варо буд ҷаҳонбин ҷоме,
Дар ҷом шаробу шодии наврӯзам.
Шамшер варо буд зи андешаву ақл,
Бе ҳадду карон кушодии наврӯзам.
Соқӣ ҳама буд маърифатомӯзи замон,
Май бандкушо, ниҳодии наврӯзам…
Парвози хаёли некбин буд ба уруҷ,
Мерафт ба бодбодии наврӯзам.
Додор варо дод муборак ҳадафе,
Мизони ҷаҳон ба ҳодии наврӯзам.
Виҷдону адолату вафову имон,
Илму амалу саводии наврӯзам…

Дунё ба тасарруфи Ҳамал буд зебо,
Бо маърифату илму амал буд зебо.
Дар Ҷоми ҷаҳоннамои Ҷамшед падид,
Бе хушку хазону бе халал буд зебо.
Виҷдон ба имората ҳукумат кӯчид,
Имону адолат ба масал буд зебо…
Олим ба хаёли сохтан бандаи фикр,
Кандуи малика бо асал буд зебо.
Ориф ба хаёли сӯхтан масти шароб,
Парвонаи шамъи бебадал буд зебо.
Ошиқ ба гирифтории худ масти ниёз,
Дил машъалае, ки дар бағал буд зебо.
Шаҳрӣ ба умеди шаҳрдорӣ ҳама банд,
Рустоӣ ба саҳрои азал буд зебо…

Дар дидаи ангур сафо меҷӯшид,
Дар ҳар сари он ақли расо меҷӯшид.
Дар пайкари ток тори ҳис мепечид,
Чун нур ба оҳангу наво меҷӯшид…
Ҳар шингила буд ҳамчу қандил банур,
Ҳар нарти буридаҷон ҷудо меҷӯшид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳар барг кафи дуои ориф ба назар,
Дар лаб сухани ҳақ ба дуо мечӯшид.
Дар тирагӣ акси анҷуман буд ангур,
Дар рӯи замин боғи само мечӯшид.
Дар ҳар раги ток барқи оламтобе,
Бо печишу бо сӯзу ҷило мечӯшид.
Дар панҷаи ток буд рӯзии Худо,
Аз маърифати замин ризо мечӯшид.

Он буд ғизои ақл, не нуқли тараб,
Бар дарки замину осмон буд сабаб.
Дар ҷоми пур аз маи ҳалоли Ҷамшед
Буд нури адолат, набуд аҳкоми талаб.
Ангезаи софию ҷаҳонбинии Ҷом
Чун субҳ ба ҳар Шом, на чун шоми Ҳалаб
Будасту замона тирагиро мекушт
Бо субҳ ба шому бо шафақтоб ба шаб…
Гуфтам ба шаробӣ: «Аҷаб, ориф шудаӣ!»
Гуфто, ки ман олимам, ман ошиқ, чӣ аҷаб?!
Ҳар марди худо ҷаҳоншинос аст чу Ҷам,
Ҳар ақли расо шаробӣ бошад ба насаб!
Афлотуну фалак ба хум сар монанд,
Ҳар як ба мароми худ ба оҳанги тараб…

Бардор яке ҷоми муборакбодӣ,
Дар базми замину осмон озодӣ!
Ин хаймаи тангро кунун чатре соз,
Эй ҷомбадасти хонаи аҷдодӣ!
Бо наъраи ту зи хок хезад одам,
Аз оташи тар ҳаво барад ин бодӣ.
Вайронаи худ қасри мурассаъ созад,
Чун мақсади ӯ бувад ҳама ободӣ.
Гулгашт кунад мағоки гӯристонаш,
Бинад садади қаламрави авлодӣ.
Шодоб шавад аз майи идроки ҳалол,
Биншонда ба боғи маърифат шамшоде.
Ин даҳр на баҳри он ки ғам хӯрда равӣ,
Шодона бизӣ, эй ба муҳаббат ҳодӣ!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шодона бизӣ, тафаккури равшан ҳаст,
Чун ақли мунир бар танат ҷавшан ҳаст!
Тобанда бикун, ҳар он чӣ буд дар ботин,
Чун гавҳари асли одамӣ дар тан ҳаст.
Берун магузор рафтани ҷони мунир,
Ҳарчанд ба булбул ҳама ҷо гулшан ҳаст.
Месӯз, агар бисӯзӣ, ҷонат ба Ватан,
Дар ҳар қадамат агарчи сад гулхан ҳаст!
Мағлуб машав, зафар бикун дар ҷабҳа–
Дар ботини кас талоши мову ман ҳаст…
Берун марав аз хиттаи афкори Аҷам,
Гар дар кафи пот оташу оҳан ҳаст.
Хуш бин ҳамагӣ шиёри деҳқони азал,
Парҳез зи ҳар шиор, к-аз кавдан ҳаст!

Асли майи хуш мураккаб аз дунёяст,
Ҳарчанд ба як назар чунон дарёяст.
Дар рӯиши он ҳастии инсони асил,
Дар ҷӯшиши он печиши сад маҷрояст.
Дар софии май ҷаҳони пок аст ниҳон,
Ҳар қатраи он тафаккури Мавлояст.
Аз равшанияш замон мубарро гардад,
Аз маърифаташ замонаҳо барҷояст.
Дар донаи ангур биғунҷад ҳама даҳр,
Эй сода, бубин, ки дидаи биноят!
Доруст ба имони касолатдида,
Чун дар ҳама давр мӯъҷизи Синояст!
Наврӯзи Аҷам сафо бигирад аз он,
Он хуни мусаффост, ки ҷон барпояст…

## V  Тамаддуни Сипар

Ҳар аҳд бувад, варо ҳимоят бояд,
Дар ҳифз ҷамоаро кифоят бояд.
Зеҳни азалӣ агарчи чун ҷавшан ҳаст,
Илму амалаш даме ҳифозат бояд.
Ҳар халқ бувад зинда ба шамшери забон,
Ин нукта чу парчам ба ҷамоат бояд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Таъкид зи олмоние бояд кард,[1]
Ҳастӣ ба ҳама халқ шарофат бояд.
То роҳи башорати ниё гум накунӣ,
Бар самти абад яке ишорат бояд.
Пайғомбарӣ ба сӯи ҳақ маърифат аст,
Пас сафшиканӣ ҳам зи иноят бояд.
Қонеъ машав аз зӯру тавон, эй ҳодӣ,
Дар тӯдакашӣ тавон ҳидоят бояд!

Алҳол тасарруфи адаб гашт оғоз,
Аз зовияи Ғарб ба ин аҳди фароз.
Дар акси навори сурату фаҳш расид
То чашми дилат манзараи қубҳ ба ноз.
Зӯроварӣ аз марду зану наврасу тифл
То воҳаи мамнӯъгаҳи гургу гуроз…
Кӯтоҳии ақли кас тараннум бишавад,
Дар зарбати пурфочиаи дасти дароз.
Тири ғазаб аз пардаи одоб гузашт,
Дар қадди камон хам задааст аҳди намоз.
Фарёди хушунат бидарад пардаи гӯш,
Дар хеш фурӯ бурда садоҳои ниёз…
Дунёи тамаддуни касофат ҳама шаб
Дар оташи фаҳш мекунад шӯру гудоз.

Куштори паёпай сари раҳмат бихӯрад,
Ақли азалӣ чу нуқл ваҳшат бихӯрад.
Маҳвораи бомҳо чу як косаи заҳр,
З-ин коса ҷаҳоннамой даҳшат бихӯрад.
Кӯдак хабар аз ҷанг надорад, чу зи фаҳш
З-ин коса ҳалоҳили ҳамоқат бихӯрад.
Даҳсола шудасту дар ҷадал хунхор аст,
Ин бехабар аз хуни касолат бихӯрад.
Чун ақлу адаб касиф гардид, аҷаб
Ин тоифа нӯшоби касофат бихӯрад.

---

[1] Эйнштейн чунин нуктаро таъкид кардааст, ки барои аз байн бурдани халқе ва ё миллате шарт нест, ки яроқи ҳастаӣ ба кор барӣ, кифоят аст, ки забону фарҳангу мусиқаашро тасарруф кунӣ!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Пас мор ба зинаи зино мепечад,
Аз мағзи асилзод асолат бихӯрад.
Дар пояи минбари адолат бихазад,
Охир асаби савоби миллат бихӯрад.

Фарҳанг расад ба дасти сад бефарҳанг,
Фар кушта шавад, харон бимонанд ба ҳанг!
Анвои маорифу фазилат ба карон
Ҷуз ёва набахшад ба ҳузуре оҳанг.
Саркосаи идроки назокат шиканад,
Сад мушт хӯрад соқӣ зи ҳар соғарчанг.
Дуди алами сигор хезад ба фазо,
Хандад ба итоби ҳуш бангиш ба банг!
Дар мастабаҳо маст гиребонгир аст,
Домони ҳақорати ҳақиқат дар чанг.
Помол шуда нанг ба номуси занон,
Подош талаб кунад ба даҳ панҷаи нанг.
Сад мушт ба пешона занад раҳҷӯяш,
Сад чини дигар кашад ба пешонаи танг.

Ҳуш дор, вабо бувад фари бегона,
Ҳангӣ бишавӣ чунон хари бегона.
Бе сарвару бе раҳбару беор шавӣ,
Порав бишавӣ чу бо сари бегона.
Бояд ба навори худ наво сабт кунӣ,
Оҳанг мазан ба бовари бегона…
Санги маҳакат кулӯхи даргоҳи ту бод,
Зар бармакашӣ ба довари бегона!
Хоки дари ту баланд аз Қасри Сафед,
Зангӯла маҷӯ ту аз дари бегона.
Сарсабз бидор вомбаргат сари даст,
Воме маталаб зи дафтари бегона.
Сандуқи сари синаи худ боло гир,
Дастат нашавад пур зи зари бегона!

Бегонапарасту ҳодии хеш мабош,
Бар шав зи ҳади хеш ба оҳанги талош!
Ин даҳр тамошогаҳи мову ману туст,
Ҳар дидаи мо ба ҳар маҳи мост маош.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ту об марезон ба гурунҷи чинӣ,
Ту сабр бикун ба рӯиши донаи мош.
Турби худу сиркои худ омода бикун,
Дегу табақат мадеҳ ба ҳамсояи ош…
Дар сояи худ нишину чатре маталаб,
Бегона машав, ки соя – девортарош…
Бахти ту агар саодати ёрон ҳаст,
Пас дар сари ту дони муҳаббат барчош.
Эй миллати ман, чунин саодат хуш бод!
Сад асри дигар чунин бубинам, эй кош!

Бар ҷони ҷавонат сипари хуршед аст,
Дар рӯҳи баландат саҳари уммед аст!
Кӯҳе, ки маро рӯҳу туро такягаҳест,
Пири хиради тамаддуни испед аст!
Гар минбари ту забони садасраи мост,
Наврӯзи ҳама аҳди ту аз Ҷамшед аст.
Гар тахти баландат фари обои Аҷам,
Ҳар коргаҳат рахти дами тавлид аст.
Пас номаи ман шеъри дурӯғин набувад,
Сарводаи ширину шиори ид аст!
Хуш бош, сипардаӣ тамаддунҳо беш,
Қонуни ту сарсабз чу маҷнунбед аст!
Эй миллати пок, умри оби ту дароз,
Баски ба сарат тоҷи фари хуршед аст!

## VI Тамаддуни Қалам (Китоб)

Он рӯз, қалам, ёри Муҳаммад будӣ,
Чун лавҳанависи номи Аҳмад будӣ!
Дар арш паямбари нахустин бошӣ,
То дасти манат давлати сармад будӣ.
Пайвастагии фалак ба ақсои замин,
Дар дасти расулон хати омад будӣ.
Чун нарти ҳама нахли вафо дар дили хок,
Чун донаи гул ҳарфи баромад будӣ.
Бишмурдани тоқу ҷуфти ҳар даври навин,
Дар кӯҳнабисоти нав муаддад будӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чун тири замин нуқтаи гардиш ба замон,
Чун тири замон ситода навқад будӣ.
Як умр ту дар қаламрави аҳди китоб,
Наврӯз будию дар саромад будӣ…

Яъне ки ту охирин паямбар ҳастӣ,
Эҷоди Худованди муқаддар ҳастӣ.
Эъҷози расулу нури Фурқони абад,
Дар роҳи ҳама шамъи мунаввар ҳастӣ.
Роҳи ман агар шебу фароз омадааст,
Ту қудрати ақлу ишқу бовар ҳастӣ.
Дар боғи муҳаббати пур аз гул, аҷабо,
Чун накҳати ҷаннати муанбар ҳастӣ.
Як лангари дасти дорбозӣ ба сирот,
Шамшери дузарбаи музаффар ҳастӣ.
То ҳаст ҷаҳон, номанависи дили мо,
Дар боғи замон дарахти навбар ҳастӣ.
То ташна бувад дил ба муҳаббат ҳама давр,
Бо ҳарфи тарат чашмаи Кавсар ҳастӣ…

Ҳарчанд дусад гуна ман эҷод кунам,
Эъҷоз ба роёнаи худ ёд кунам,
Ҳарчанд ҳазорон сабақ омӯзаму кор,
Бар гӯши фалак ба шӯр фарёд кунам,
Болида ба қудрати тафаккур пару бол,
Бар ҳафт фарози арш иршод кунам,
Бо Зӯҳраву Баҳром нишинам сари хон,
Доман ба Зуҳал кашидаву бод кунам,
Дар бурҷи Бародарони худ хайма занам,[1]
Бар омадаву гузашта имдод кунам,
Собит бикунам: ситора дар гардишу сайр,
Арвоҳи ниёи хешро шод кунам,
Пас ҳарфи дигар нишона монам ба китоб,
Пас хоки тари хоби ту барбод кунам…

Ғам мехӯрам, эй ҷаҳоннигаҳдор, ки ман
Кам хондааму надонамат аҳди куҳан!

---

[1] Бурҷи Ҳафт додарон дар назар аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Кам хондани одамӣ муғамбирии ӯст,
Ғам дида, намекунад яке ёди Ватан…
Чун курраи арз хонаи мост ҳама,
Зомин шудаам ҷаҳони худро ба заман.
Дар ҳар қадамам дусад суол аст туро,
Чун рӯиши ҳалқа-ҳалқа гулҳо ба чаман.
Дар чор китобу чор унсур надид,
Ворастани ҷону рӯҳ аз маҳбаси тан…
Ҳарчанд чунин растану ворастан ҳаст,
Аз ҷилди садаф ҷудоии дурри Адан.
Чун рафтани мо сабти гузориш бошад,
Ман беватани туам дар ин хоки ватан…

Чун нуқтаи авҷи хеш дидем ҳама,
Алҳол ба як нукта расидем ҳама:
Яъне ки уруҷи мо ниҳоятталаб аст,
Ангушти хаёли худ газидем ҳама.
Тарсоию зардуштию муслиму яҳуд
Аз домани бодбон қапидем ҳама.
Буддоиву ҳиндую дигар ақвомат
Аз лангари киштие кашидем ҳама.
Ин даҳр чу завраќе муаллақ дар об,
Дар мавҷаю гирдоб тапидем ҳама.
Аз мағзи замин кашида нафту газу об,
Талвосаи вопасин харидем ҳама.
«Кимёи саодат» на илоҷи кор аст,
Кимёи касолат бичашидем ҳама.

Тарсам, ки чӣ гуна иқтидор аст маро,
Дар шаш ҷиҳати даҳр фишор аст маро.
Арзат ҳама обистани ғурбат шудааст,
Паҳлу мазанам, ки дар канор аст маро.
Рокету яроқи ҳастаӣ – нестиям,
Ҳар лаҳза зи мағз инфиҷор аст маро.
Таркидани як гулӯла берун бибарад,
Аз тири Замин, ки дар мадор аст маро.
Бурданд ба девбоди худ ҳуши касон,
Девони Сулаймон, ки савор аст маро.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Як қатраи ашк аст замин, миҷҷа мабанд,
Дар дидаи ҳайрат ошкор аст маро.
Бо ин ҳама гулситону гулзор замин
Дар оқибати кор мазор аст маро…

Милён карат ар туро ситоиш кардам,
Ин қадр ба погаҳат ниёиш кардам.
Ин қадр суол омаду ин қадр ҷавоб,
Дар ҳар хати ҳар китоб нолиш кардам.
Дар фоҷиаи китобсӯзӣ мурдам,
Чун обилаи сӯхта сӯзиш кардам.
Дар косаи сар гудохтам равғани бухс,
Бар ҳизбу равияҳо гароиш кардам.
Чун нохалафон халифагӣ мехоҳанд,
Бо ҳар халафу тараф на созиш кардам.
Охир «Салафӣ» шудам ба «Таҳрир»-и кутуб,
Бебурд шудам, бохта коҳиш кардам.
Сад бор шикастам қаламу минбари хеш,
То санги мазори хеш болиш кардам…

## VII Хотима

Наврӯзи хуҷастафол омад ба дарам,
Наврӯзи дигар дамид шир аз саҳарам.
Шодии ҷаҳон дар ба дар омад ба хабар,
Пайғоми дигар расид боз аз падарам.
Модар, ки ба шири ҷони худ сабза дамонд,
Гандум суманак бишуд зи ширу шакарам.
Аз косагул оҳанги шароб ояду рақс,
Дар доираи давр бигардад қамарам.
Шамъи сари хони ман ба дуд афшонад
Зулфони аташпеч ба нури назарам.
Дар шонаи шамшод нишинад замбӯр,
Аз омади достак биёрад хабарам.
Кандуи гули хайрии лабрез зи шаҳд,
Дору бишавад ба кӯрзахми ҷигарам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Сад бори дигар шукр, ки Наврӯз расид,
Аз бодияи шаб хабари рӯз расид.
Огоҳ бишуд ҷаҳон зи растохезаш,
Аз хиттаи Ҷам фотеҳу пирӯз расид.
Оғоз бишуд замони гулгардонӣ,
Навбат ба гуландоми дилафрӯз расид.
Сад тоифа дар шигифт мондаст, бубин,
Озодагии дилбари дилсӯз расид.
Мегуфт ба пири хонақаҳ пири муғон:
«…Поям чу ба саҷҷодаи гулдӯз расид,
Бикшуд дари биҳишт аз меҳробат,
Бар гӯши дилам садои Ҳурмуз расид!
Бар хони биҳиштии ту бовар кардам,
Пеш ор пиёларо, ки Наврӯз расид!»

Дар ҷаннати ту нахли барозанда шудам,
Аз себи биҳишти ту сарафганда шудам.
Чун мурғи хуҷастафол буд дил зи азал,
Ошиқ шудаму тӯтии парканда шудам.
Як дона чунон кора бикард аз сари кор,
Хӯрдам чу варо, зоти пароканда шудам.
Ҳарчанд ба будани ту дар рӯи замин
Чун гавҳари поки ту намоянда шудам.
Чанд аҳд агарчи зиндагонӣ кардам,
Ҳарчанд ки рафта будам, оянда шудам.
Сад бор мубаррову мусаффо гаштам,
Бозам ба гуноҳи ишқат оганда шудам.
Омос гирифтаам зи дуди борут,
Тарсам, ки кунун яроқи тарканда шудам…

Ин нома муноҷоти дили як фард аст,
Ҳарчанд нишони олами пурдард аст.
Ин нома ба маншаи ту кардам эҷод,
Афкори замон қасидагӯям кардаст…
Дар фосилаи кӯтаҳи умрам чӣ кунам?
Озодагии тафаккурам парвардаст…
Дидем сипоҳиёни худро ба силоҳ,
Ҳарчанд генероли манат даҳмарда-ст…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Рӯбандаи роҳи кӯчагардон шудаам,
Рухсораи номаҳои олӣ зард аст…
Парвози кабӯтари сабо дар поён,
Чун лонаи кафтари хаёлат сард аст.
Холӣ шуда мазраҳоям аз киштаи сабз,
Варзишгаҳи омоли манат огард аст.

Эй бордеҳи дарахти армони дилам,
Боре бишунав нозиши фармони дилам!
Ман аҳд ба аҳд асли тамаддун ҷустам,
Дармонда шудам ба асли дармони дилам!
Дидам, ки равоқи манзарат пӯшида-ст,
Ҳайратзада мондаам чу ҳайрони дилам.
Афтода шудаст аввалу охир зи китоб,[1]
Ман бехабар аз сархати девони дилам!
Эй кӯҳнабисоту ҳазрати навпардоз,
Боре бинамо – чӣ гуна даврони дилам?!
То мазҳари аввалину охир бинам,
Гавҳар бикунад зуҳур дар ҷони дилам!
Пайванд шавад шикастаҳои азалӣ
Бо ҳарфу ҳиҷои ту ба Қуръони дилам…

Ман номаи Наврӯзи саодат гуфтам,
Бо сӯзи дили худ ба муҳаббат гуфтам.
Дар манзалати бузургворони ҷаҳон,
Бо содагии худ зи шаҳомат гуфтам.
Ҳарчанд дағалбозии дунё дидам,
Нозук бишунида, бо назокат гуфтам.
Чун масъала пардапӯшии симо дошт,
Сомеъ шуда, аз асли асолат гуфтам.
Чун завраќи нохудо зи маҷро мерафт,
Маллоҳсифат зи бори тоқат гуфтам.
Тоат, ки рисолати ибодатгар буд,
Сар монда ба зонуи итоат гуфтам,
К-ин даҳр саропо ба Худо мемонад,
«Хуш бош, азиз, то қиёмат!» гуфтам…

---

[1] Ишорат ба таъбири «Аввалу охири ин кӯҳнакитоб афтодаст»



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Поёни чунин нома, ки аслаш назарист,
Таърихи тамаддуни ҷаҳони башарист.
Садсола гузашту бигзарад садсола,
Монад ба забони модари ман, ки дарист!
Тоҷик хаёли сад тамаддун бикунад,
Зеро ки ҳама аҳди бузургаш падарист!
Шамсулҳақу Мавлои дигар хоҳад ёфт,
Даврони гузаштааш, ки даври қамарист…
Бозам, ки замонаи футувват бирасад,
Ҷӯшидану кӯшидани он сарбасарист.
Дар шоҳрагаш соиқа ҷавлон бизанад,
Ҳар шоҳраҳаш пойгаҳи хушхабарест.
Пас гуфтаи мо замон-замон хоҳад монд,
Ин номаи Наврӯзии ӯ шаҳасарест…

*Апрел- июни соли 2009*

## ПАЁМЕ БА УСТОД МӮЪМИН ҚАНОАТ

Эй вусъати фикри аҳди Одам!
Эй машъалаи ҷаҳони Зардушт!
Эй парчами тори тахти Ҷамшед!
Эй Коваи путки оҳанинмушт!
Эй ҷилваи мӯкашии Монӣ–
Аржанги хаёли осмонӣ!
Чун ҷони сухан ту ҷовидонӣ,
Дар хиттаи хат ту қаҳрамонӣ!

Эй хуми маи Фалотуни маст!
Эй анвари чашми Ҳомери кӯр!
Эй фазли адабгаҳи Арасту–
Эй фалсафаи ҷаҳони мастур!
Эй шӯри муғанниёни Сосон–
Эй Борбади навои фарёд!
Ширинсухании мавҷи ширӣ,
Парвози баланди рӯҳи Фарҳод!
Бо ишқи сухан ту ҷовидонӣ,
Дар меҳри Ватан ту қаҳрамонӣ!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Эй рӯднавози Оли Сомон!
Эй такяи Балъамӣ ба ҳар фан!
Гаҳворатакони рӯҳи Сино,
Мифтоҳи ҳазор илму махзан!
Эй нодирамард, эй Дақиқӣ,
«Шаҳнома»-нигоҳдори айём!
Эй шавкати орифи ҳақиқӣ,
Ангезаи май ба ҷоми Хайём!
Дар назми ҷаҳон ту ҷовидонӣ,
Бо дарди замон ту қаҳрамонӣ!

Дар туст нубӯғи Рӯдакӣ ҳам,
Дар туст таҷассуми Низомӣ!
Гӯё ба забони туст Ҳофиз,
Улвист зи ту хаёли Ҷомӣ!
Ҳафт ахтари рӯшани бародар
Дар ҷозибаи ситораи туст.
Гӯёст Суруши олами ғайб,
Дар саҳфаи пуришораи туст.
Бо рӯҳи гарон ту ҷовидонӣ,
Дар ҳифзи забон ту қаҳрамонӣ!

Дар Чашмаи Носири хурӯшон
Чашми дили Мӯъмине дурахшон.
Эй шоҳи сабур, эй Қаноат,
Шаҳзодаи хиттаи Бадахшон!
Дар шаҳраги ту ҳамеша ҷорист
Хунмавҷи Днепри бародар.
Дар ёди ту хоб сад қабат ҷон–
Милён ҳавасу умеди аскар.
Эй шӯълаи сулҳи ҷовидонӣ,
Дар Ҷанги Ҷаҳон ту қаҳрамонӣ!

Масъуд тавонгар аст ҳоло
Бо қудрати ҳарфу хомаи ту.
Пайкори шадиди рӯҳи ӯ ҳаст
Дар сангари хатти номаи ту.
Афғони варо ҷаҳон шунида



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз ҳайбати ҳайдари садоят,
Хасм аз ғазавоти ӯ шикастаст.
Шамшери ғазанфарӣ ба поят.
То ҳаст сухан, ту ҷовидонӣ!
Дар ҳифзи Ватан ту қаҳрамонӣ!

Сад асри дигар чу пайкари қу
Дар хотираҳо сафед шеър аст,
Барҷастатарин нишони эъҷоз
Бо номи азизи туст пайваст.
Эй қуллаи охирини барҷо,
Албурзи ману виқори Помир!
Эй такяи вопасини Мавло,
Иршоди сулуки муршиди пир!
Рамз аст ҷаҳон, ки ҷовидонӣ!
Дар разм ту қаҳрамон бимонӣ!

## СОҚИНОМА

*Соқиномаи мазкурро бо хоҳиши*
*дӯсти донишмандам Мирзо Анварӣ*
*Олим иншо кардаам ва ба ин рафиқи*
*шафиқ онро эҳдо мекунам.*

Хамӯш осмону фалак тирарӯ,
Чу набзе тапад барқи бедорхӯ.
Заминро кашад дар канораш саҳоб,
Занад гоҳ тундар ба хобе хитоб:
Бихез, эй гарондил, ки мехри баҳор
Зи санги сияҳ берун орад шарор!
Бирезад ба шодӣ арӯс ашки хеш,
Кушояд ба борон чу зулфи парешь.
Занад ҷӯш чашма зи паҳлӯи санг,
Бигирад ҳавояш ба оғӯши танг.
Кушояд ба сабза замин миҷҷагон,
Қалам дар уфуқҳо кашонад камон.
Бубинӣ, бихандад баҳори қашанг,
Бигирад ба дӯш атласи ҳафтранг.
Хабар деҳ, ки соқӣ шароб оварад,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ба дашти дили ташна об оварад.
Хабар деҳ, ки лола тиҳисоғар аст,
Сияҳгӯш тимсоли гӯши кар аст.
Хабар деҳ, муғаннӣ ба чангу рубоб
Ба ин даҳри пир оваронад шабоб.
Биё, косагулро ба паҳлӯ нишон,
Ғами косадумро зи паҳлӯ бирон!
Бидеҳ коса-коса шаробу гулоб,
Бидеҳ хоса-хоса ба бӯса ҷавоб.
Зимистони дилро баҳорон бикун,
Чароғон аз ин торикистон бикун,
Ки дар тирагӣ ёди рӯят хуш аст,
Сафои сафоли сабӯят хуш аст.
Зи қалбам кунӣ пок доғи сияҳ,
Мубарро шавад ҷони мо аз гунаҳ.

Биё, косагардони даври кухан,
Навои наве деҳ ба даврони ман!
Ки дунё гузаргоҳи дерина аст,
Сари зиндагӣ гӯиё дина аст.
Ки Ҳаввою Одам парер омаданд,
Ба ин зудфарҷом дер омаданд.
Чунон дери дере, ки рафтанд зуд,
Ту гӯӣ, ки дӯшина буду набуд.
Куҷо Каъба буду сарои Худо,
Ки тарҳаш бишуд акс тори само?!
Куҷо ишқи асливу Маҷнуни зор,
Куҷо хаймаи Лайлӣ буд пойдор?!
Надонӣ кунун, кай шуд оғоз рӯз,
Ки қандили хуршед омад ба сӯз?!
Малак омаду хоки моро бубехт,
Ба як дона себ обрӯмон бирехт.
Надонӣ кунун, кай Раҳи Каҳкашон
Зи боло ба поён бишуд нардбон.
Надонӣ, ки оташ чӣ сон даргирифт,
Дили сарди моро ба маҷмар гирифт.
Надонӣ, ки гоҳи вафоти Ҳаво,
Чӣ сон навҳа мекард Одамато.
Нидои пасинаш ба сӯи фалак
Чӣ таркиш бишуд дар ҷаҳони малак.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Каюмарсро ӯ башавкат бикард,
Расулӣ ба Шис монду даъват бикард,
Ки инсон нишони муҳаббат аз ӯст,
Садоқат аз ӯву хиёнат аз ӯст.
Ҷаҳон то бувад, ҳикмати рӯзгор
Дар ин нукта монад чунин пойдор…

Биё, соқиё, ҳазрати косагул,
Нишину шунав ҳасрати косагул!
Ки гул ҳам чу мо ташнаи мул шуда,
Ҷигарсӯхта мисли булбул шуда.
Дуогӯи масту саногӯи ҳаст,
Самоъ рафта, беҳуш соғар шикаст.
Шикан шишаро, дил шикастан чаро?!
Ба рақс о, ба зону нишастан чаро?!
Чу гирдоб печида резад шароб,
Ба сар гирдбоде ситезад шароб.
Зи ҷо бар шаву сар ба гардун бисой,
Ба даҳри дурӯза канорат кушой.
Ба бар кун ниҳоле, ки сабзина аст,
Ба авҷи фалак ишқ як зина аст.
Ғами ин ҷаҳонро бирон аз дилат,
Ки ишқи бузург аст ҳамманзилат.
Ту марди раҳ астию роҳат дароз,
Раҳи ту гаҳе пасту гоҳе фароз.
Дар ин ҷода як умр ҳамподаӣ,
Мураккаб гаҳею гаҳе содаӣ.
Надонӣ, чӣ бошад туро интизор,
Дар оғози роҳат, ба поёни кор…
Дар ин байн, эй бегумону диранг,
Ба худ сулҳ дорию бо хеш ҷанг!
Қаноат кунӣ гар ба нафсат, равост,
Накардӣ, тамоми ҳаётат ҷазост.
Чу марди раҳӣ, шав ба худ раҳнамо,
Ба марди дигар ҳам раҳи нав кушо!
Шавӣ пас ризо аз худу аз дилат,
Мунаввар шавад ҷодаат, манзилат…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Биё, соқӣ, эй ёри ҳамҷони ман,
Сияҳмасти ғам шав ту ҳамсони ман!
Фаромуш бикун ёри бутхонаро,
Шикан сурату мавҷи паймонаро!
Ки тӯфони Нӯҳ аст мавҷи хаёл,
Раҳон оламеро ба авҷи хаёл!
Парон кафтареро зи киштии чашм,
Ту биншон фурӯ баъд тӯфони хашм.
Ҷаҳонро зи нав бо муҳаббат шинос,
Бикун ҷони киштинишинон халос.
Чу дар ҷоми май баҳри тӯфанда ҳаст,
Ба соғаркаше гаҳ биёрад шикаст.
Фалотунфикан шуд шароби куҳан,
Ба ақли сарозод бонге бизан,
Ки дунё кирои «ману ту» наяст,
Бизан ҷом, олам саропост маст!
Сано гӯ, ки Сино ба шабҳои роз
Ба гардун биёвард рӯи ниёз.
Бизад ҷому ҷононаро бӯса дод,
Дари сирру асрори кайҳон кушод.
Вале як дари розро баста дид,
Ки то ҳаст олам, нагардад падид…
Агарчи ҷаҳон шуд пур аз кашфи илм,
Ба хулқи касон монд бегона ҳилм.
Ҳалолу ҳаром ин замон шуд яке,
Зи инсофи анқо бидеҳ андаке,
Ки то дар тарозу ниҳон баркашам,
На бешу на камтар, баробар кашам…

Биё, косагардони ширини ман,
Бидеҳ як қадаҳ май, ки тамкини ман
Фидои кафи бози дастат шавад,
Ҳинои кафи гулпарастат шавад.
Бидеҳ як қадаҳ, то ғуломат шавам,
Таранги камони саломат шавам.
Фишонам ба мастӣ сару дасту дӯш,
Ки ояд зи афлок бонги сурӯш.
Бикӯбам ба поям ба саркосаҳо,
Ки хезанд аз хоки тар хосаҳо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бигӯянд то аз ниҳонгоҳи хоб,
Ки он ҷо ба роҳат бувад ё азоб.
Чӣ сон аст дунёи хомӯши хок,
Биҳишт аст оё дар оғӯши хок?!
Ҷаҳаннам чӣ сон сӯзад уди маро,
Наи устухону суруди маро?!
Ба барзах ҳавои дурангӣ бувад?!
Ба тораш навои дучангӣ бувад?!
Бигӯянд то аз ҷаҳони дудар,
Чӣ сон омадию нарафтӣ бадар.
Бигӯянд то аз ҷинони чамон,
Зи ҳуру париёни абрӯкамон,
Ки то бо ту, эй соқии гулҷамол,
Намоям қиёсе ба нуқсу камол,
Ки то ҳусни ёри худододаро,
Ба сурат, ба сират яке содаро,
Туро, эй нахустину эй охирин,
Ки ҷустам зи гардуну пас аз замин,
Намоям қиёсе ба ҳуру парӣ,
Аминам, ки аз ҳар ду волотарӣ!

Биё, соқиё, гул фишонам ба сар,
Ки дунё намонад чунин то саҳар!
Чунонки Самудаш чу Одаш бирафт,
Чу нодон ҳама босаводаш бирафт.
Занам ҳалқаи даст бар гарданат,
Кунам ром мастии аспи танат.
Бупечам ба дастам миёни туро,
Зимоме занам як замони туро.
Замоне бишав дар замони кунун,
Ки ҳастам чу ҳоло ҷаҳони кунун.
Бидеҳ ҷуръа-ҷуръа, баҷуръат бишав,
Маи ноби сират, басират бишав!
Кушо чашми дилро, шинос иллатам,
Ки ман ҳам халоиқ, ки ҳам миллатам!
Шиносӣ агар ҷурми ҷони маро,
Мубарро бигардон ниҳони маро!
Ниҳони ман аз сиратам бин аён,
Ки буду набудам зи ботин нишон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз аввал чу додӣ маро номи нек,
Кунун бахш боре ту инъоми нек.
Заминам чу ҷонам парешон бишуд,
Ҳама зиндагонӣ баармон бишуд.
Ҳаёт ар баробар ба сад асри мост,
Наяфзуд умре, ҳамеша бикост.
Зи дастам рабудӣ ҳама давлатам,
Забонам, вале монд бо шавкатам.
Кунун ҳам ба иллат биҷӯям даво,
Ки то зинда бошам ба асри даҳо.
Даҳоям кунун даври дигар шуда,
Умедам ба фардо паямбар шуда…

Биё, соқӣ, сар шуд кунун мастиям,
Зи ёдам бубар соате ҳастиям!
Бигӯ, то муғаннӣ навое занад,
Ки то шишаи ҷони мо бишканад.
Ки то ларза бинад сутуни фалак,
Биҷӯшад чу май сардхуни малак.
Малоик биёянд то бар замин,
Фишонанд чун мо ба даҳр остин.
Ки дунё наярзад ба шӯру талош,
Ки ман ҳам малаксон надорам маош.
Маоши дурӯза ҷаҳон ишқи мост,
Саранҷоми ин даҳр сармашқи мост.
Сароғози ман ишқи ҷонпарвар аст,
К-аз ин пас ба фарҷоми ман довар аст.
Ту ҳастӣ ба мизон баробарнишон,
Ки охир кунӣ бегунаҳро аён.
Ба дасти ту хумби пур аз бода аст,
Ба дасти манат ҷому ман боддаст.
Ҳар он чӣ бидодӣ, бидодам ба бод,
Ба ту бастапоям ба дасти кушод.
Натонам, кушоям, ки ман бандаям,
Сияҳмасти ишқам, на шармандаям.
Чӣ мастӣ, ки дорам диле беқарор,
Зи ҳушоваронам басе ҳушёр.
Ту ҳастӣ амини гунаҳгори ман,
Гунаҳ карда бошам, ту ҳамкори ман!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Маро ҳарчӣ кардӣ, ба дасти ту буд,
Шикастам чу аҳде, шикасти ту буд.
Кунун ту сазою ҷазои манӣ,
Яке дӯсти ҷонию душманӣ…

Биё, соқиё, арғувонӣ май ор,
Муғаннӣ, ба арғун ту нохун гузор!
Маи соф нӯшему арғун занем,
Салое ба номи Фалотун занем.
Ба хумбаш, ки ақли ҷаҳонгири ӯст,
Бикӯбем муште, ки тақдири ӯст.
Муғаннӣ, навои диламро навоз,
Ки нураш ба тори дилам гашт соз!
Бизан панҷаро, то ки нохун занӣ,
Ба тори муҳаббат ба афсун занӣ.
Бизан нохуне, ки дилам хун шавад,
Ба ишқи бузурги ту маҷнун шавад.
Ки то дар ту бинам муҷассам наво,
Дубора дарояд ба ҷонам садо.
Садо дардиҳам то ба гӯши фалак,
Ба сар оядо то ки ҳуши фалак.
Садо дардиҳам, то ки хобаш парад,
Зи пеши назар пардаашро дарад.
Бубинад, ки ҳоли заминӣ чӣ сон,
Фарангӣ чӣ сон асту чинӣ чӣ сон.
Чӣ сонанд мардум ба обу ҳаво,
Ки нодон куҷоясту доно куҷо.
Ки то дар нигоҳаш баробар шавад,
Ҳама гургу мешаш бародар шавад.
Бубинад, ки таррор тазвирхоҳ,
Ба террор кӯшад ба тазвиргоҳ.
Фаластин фалохун занад бар яҳуд,
Яҳудӣ паронад мушак аз амуд.
Ироқӣ зи мазҳаб бишуд дар фироқ,
Шикасти бузургаш расид аз яроқ…

Биё, косагардони маҳзуни ман,
Бирез об бар дасти пурхуни ман!
Бишӯям нахустин кафу панҷаам,
Ки ман аз амалҳои худ ранҷаам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Нашӯям ба обу ба май ҷони худ,
Касофат бубинам ба имони худ.
Навоям шавад нолаю доди ман,
Касе нашнавад, оҳ, фарёди ман!
Муғаннӣ, вагарна навои ту ҳам
Ба ғам печаду бо ҳавои алам!
Муғаннӣ, ба соқӣ бигӯ «Ҳуш дор!»
Ки фардо шавад ҳоли дунё низор…
Ки мову туву соқии кӯзабар
Нишинем дар киштии пурхатар.
На созу наворо касе бишнавад,
Зи фардои худ бехабар биғнавад.
На чашмам бубинад шароби варо,
Чу асле шиносам сароби варо.
Надонам, куҷо рафт киштибараш,
Куҷо монд Исову бонги хараш…
Муғаннӣ, «Фалак» зан, ки аз шаш ҷиҳат
Раҳоӣ биёбам ба ҷони сиҳат!
«Фалак» зан, ки ояд аз ӯ «Шашмақом»,
Ки ёбад дили ман макону маром.
Шиносам мақомам, зи кай будаам,
Зи тухми бузургону Кай будаам!
Каюмарсу Ҷамшед обои ман,
Ба гӯши ҷаҳон рафт овои ман.
Нагӯям зи самти суҷуди ҷадам,
Адӯям кӣ буду вуҷуди ҷадам.
Кунун даври худро бидонам, ки чун
Бисозам ҷаҳонам ба аҳди кунун.
«Фалак» зан, муғаннӣ, фалакдор ҳам
Шиносад маро, он ҷафокор ҳам.
Шиносад амалҳои хуби маро,
Тулӯи фари беғуруби маро…

Биё, косагардони рӯзи мурод,
Шароби сарафкан бидеҳ, ҳар чӣ бод!
Ҷаҳонро занам пушти по бо ғурур,
Ки ҳастам ба нури шаробат банур.
Ғурурам аз он, ки яке бо манӣ,
Ба поям бидорӣ, зи по афканӣ!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бинозам, ки нози манӣ, соқиё,
Бипӯшам, ки рози манӣ, соқиё!
Бақоям набошад ба ҷуз номи ту,
Ҳама беқарорӣ аз ороми ту.
Бинӯшам ба номат гаҳи охирин,
Занам соғари худ ба рӯи замин.
Ва ё вожгуна бимонам ба миз,
Биёяд чу ман, дигареро бирез!
Ки дунё давоми ману мо бувад,
Ба нури маи ту муҷалло бувад.
Биёяд пас аз ман қадаҳхорае,
Набошад чунинам гунаҳгорае.
Бидеҳ, соқии ҷон, шароби маро,
Бимон, то навозад рубоби маро!
Бубин дар ҷавонии ӯ суратам,
Бубин дар ниҳоди ваят сиратам.
Бидеҳ он мае, ки нахӯрдам кунун,
Ба лаб соғаре, ки набурдам кунун.
Ки ӯ бегунаҳтар бувад аз манат,
Чу хуни мани рафта дар гарданат.
Ризоям, ки розӣ тую ман аз ӯ,
Ҷавонии дунёву меҳан аз ӯ.
Бидеҳ он ки монд аз манат ёдгор,
Кафилам яке пеши парвардигор…

*Марти соли 2007*

## БЕТХОВЕН
## 1

Гӯши Бетховен зи фарёди фалак кар шуд…
Ӯ дигар бигрехт аз маъшуқааш бар кунҷи танҳоӣ.
Изтироб ангезаи аъсоби музтар шуд,
Гашт шавқу шӯри ҷон фарёдфарсоӣ,
Дидааш оинаи тар шуд.
Хотири осудааш бархост
аз умқи вуҷудаш ҳамчу балвогар,
Панҷаҳои дастҳо
печида андар торҳои лираи чанбар,
Мушт мегаштанд бар сӯи фалак бебок.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бесадо фарёд мекард оҳи ӯ бар гӯши ситораш,
Мисли даъвогар
ба сӯи дарду озораш.

Чашми ӯ овози ранги баргҳои ёсро медид,
Миҷҷааш овои гарди болҳои гулпаракро мешунид.
Мӯи ӯ мешуд парешон аз садои тақ-тақи пои насим,
Панҷааш бонги шукуфтанҳои гулро ламс мекард,
Бе калима чун Калим
Ғунчаро монанди ноқуси калисо
Хуб мегирёнд.
Қатрашабнамро чу як маҳбуб мегирёнд…

Аз ҳаво
Шӯълаҳои хандаи нилуфари гирдобро медошт,
Дар сукуташ чак-чаки помонии мурдобро медошт,
Рӯи пилки дидааш овои боли хобро медошт.

Арғунун рӯҳи балогардони ӯро меписандид,
Бо забонакҳои созаш
Нӯки ангуштони ӯро бӯса мекард.
Шӯри шайтонии пинҳонро ба рӯ мезад,
Раҳми раҳмонии имонро ба рӯ мезад.
Аз ташаннуҷ мефитод ин созгар дар пои арғун,
Хастагии рӯҳи ӯ мекaнд мӯяшро ба нохун…

**2**

Баланд аст ранги кабуд аз сиёҳ,
Табоҳ аст ҷони савоб аз гуноҳ.
Гузаштам, даридам садопардаро,
Ишорат шунидам зи бонги диро.
Кашидам ба рагҳо танини тапиш,
Ба ноқус дидам фиғони кашиш.[1]
Ғурубе расидам зи бонги тулӯъ,
Ба нури сияҳ шуд фиғон дар рукӯъ.

[1] Руҳонии дини католикӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шикастам ба мижгон булӯри нигаҳ,
Ки шуд ранги мозӣ ба чашмам сияҳ.
Дигар ман натонам шунидан зи дӯш,
Фаро ҷисму ҷонам ба фардо чу гӯш.
Зи мозӣ наояд дигар бонги дил,
Ҳама олами ҳозирам шуд сабил…
Ниёро ниёиш фурӯ бурдааст,
Садоро гузориш фурӯ бурдааст.
Сутудам шаҳии назокат ба ҷон,
Нигоҳи аташбори нозир–фиғон!
Шаҳии садо бесадо мурдааст,
Барои намои ниё мурдааст.
Назорат башорат зи оҳанг дошт,
Назофат ишорат ба авранг дошт.
Нигаҳ пардабози навои дилам,
Назар пардапӯши сафои дилам…
Ба мижгон кашидам забони найе,
Нишондам ба мардум гули пардае.
Башорат зи ранги камон дидаам,
Зи ҳафранги гардун замон дидаам.
Замон фитнахези дарунмояҳост,
Садо ибтидои ҳама ғояҳост…
Ба Лира кашидам яке тори сим,
Ки дорад ба ларзиш навои насим.
Насиме, ки рӯҳи навозишгар аст,
Танини ҳавохоҳи донишвар аст!
Чу ошиқ ба мӯи паризодае
Кушодам канорам ба озодае.
Дилам даргирифту шикаст арғунун,
Ба рӯҳи ҷавонам биёмад ҷунун.
Ҷунун аз ҷиноне, ки ҷаннат дар ӯст,
Нигоҳе зи ҳурон, ки ҳайрат дар ӯст.
Фиғони вуҷудам ба арш омада,
Сипас акси бонгам ба фарш омада.
Ба чашмам зи тӯфони Нӯҳ қатрае,
Зи ҳушам ба тӯфони рӯҳ қатрае.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дамиду ҷаҳонам бишуд ғарқи хун,
Зи ашк арғунунам бишуд дар ҷунун.
…Ба гӯшам ҷаҳон сокиту бениёз,
Манам монда бар байн накшуда роз…

## РАҚСИ ЁҒУ

Рақси ёғуро тамошо кун!
Мавҷи дарё болҳои шишагини рӯҳи дарёяст,
Оҳи гирдоб
Кафки шӯрангезро туф мекунад бар кори ин дунё.
Дар лаби мавҷи таболуди гираҳпечон
Ҳар ҳубоб амсоли табхол аст,
Мекафад бо доди беосор аз озори ин дунё…

Рақси ёғуро тамошо кун!
Пашшаҳо дар оби дарё пой мемонанд,
Бар лаби ҳар мавҷи хандон
Неши худро мехалонанд.
Мавҷ мепечад,
ҳубоб омос мегирад.
Мекашад фарёд бо гирдоби рӯд,
Бо кафаш туф мекунад бар кори дунё,
Мекашад аз пои обаш хори дунё.
Пашшаҳоро моҳиёни зарҳалинпар
Меҷаҳанд аз обу бо худ мебаранд,
То ба ракс оранд барги обсабзи парниёнро,
То ба шӯр оранд арвоҳи париёнро.

Рақси ёғуро тамошо кун!
Боли худро мезанад бар мӯи амвоҷ,
Бӯсаи тар мебарад аз рӯи амвоҷ.
Мекафонад пардаи оҳи ҳубоби гушнадилро,
Мекунад хандон лаби гирдоби қотилро.
Мезанад бар каф ҳавои синаи масташ,
Мебарад бар доми сайёди қамишзорон
Бехабар мурғобиёни хобтарсуро…
Кун тамошо кори дунё,
Рақси ёғуро…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ЗОҒ

Мӯсафеде, ки бирешими ришаш
Тору пуди зиндагии кӯтаҳи ӯ буд,
Бар тани калтути пире такя дода,
Зоғро андеша мекард…

Дар миёни ҳота зоғи навпари садсола
 бо минқори хоколуди худ
Чормағзеро ба мисли давраи дунё[1] ҳамеғелонд,
Ӯ мисоли файласуфи пир танҳо буд…

Мӯсафед андешаи кӯтоҳи умри нобасомонро
Бо ҳилоли риши худ дар панҷа мепечонд,
Тахтапушташ баргҳои зардро
 дар навдаи кӯтоҳи калтути хаёлолуд меларзонд.
Ӯ тавоноии зоғи навқиронро
Бо тавони навҷавонияш қиёсида,
Гиря мекард.

…Зоғи садсола ҷавон буду сияҳҷома,
Аккаи пире, ки сесад соли тӯлонӣ хабаркаш буд,
Зоғҳои гандапири тундхӯро
Бар дукони шохҳои чормағзи боддаст
Бар талоши хом бо гармӣ хабар мекард.
Тирамоҳи зардрӯ дар изтироби сард меларзид,
Мӯсафед аз дард меларзид.

Ин замон аз кунҷи ҳавлӣ
Кӯдаке, ки нав баҳори ҳафтро
 дар пушти сар бигзошт,
Бо камонғӯлак
Аккаро парронд,
Пас ба шодӣ сӯи бобояш давид.
Аз сари ӯ
Коғ-коғи зоғҳо барги хазон афшонд.

[1] Глобус дар назар аст



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мӯсафед аз зоғ, ки андешаи танҳоии ӯ буд,
Бозпас аз тирагӣ вораст.
Пайкари ҳамчун ниҳоли кӯдакияшро бикард оғӯш,
Боз асояшро гирифту хест аз ҷо.
Баччагияшро гирифт аз даст…

## ПАЁМЕ БА АКБАРИ ТУРСУН

Аз шахе, ки ҷонамози Рӯдакӣ буд,
Аз чаҳе, ки сӣ баҳори умри Бӯмаҳмуд бигзашт,
Аз раҳе, ки пури Сино дар ба дар мегашт,
Карда парвозе, фитодӣ
        то ба умқи жарфнои баҳри андеша…
Осмон дар оси худ гардон,
Дар замин осӣ зи чархи булъаҷаб ҳайрон,
Фарди тоҷик бо фари синоии худ дар ба дар сарсон.

Аз гаҳе, ки Балъамӣ тарки вазорат кард,
Қарматие заҳр хӯрд.
«Судси Фахрӣ» шуд насиби боргоҳӣ,
Аз сафоратгоҳи Исмоил берун рафт марди андалусӣ.
Подшоҳӣ кард нози шоҳбону…
Зери пои пили Маҳмуд
Шуд парешон хотири «Шаҳнома»-и Тӯсӣ,
Дар уруҷи худ фитодӣ рӯи зону…
Осмон дар оси худ гардон,
Дар замин осӣ зи чархи булъаҷаб ҳайрон,
Бо фари зотии худ як фарди тоҷик дар ба дар сарсон.

Аз гаҳе, ки пури тоҷик маснавихон шуд,
Марви зебо ҷойгоҳи туркамон шуд.
То ба Румаш рафт девони Аҷам,
Ҷилдҳояш аз адиму саҳфаҳояш аз алам,
Коғазаш абрешимину мӯҳтавояш ҷовидон–
Ибтидояш аз абад, ҳам интиҳояш аз адам.
Гирумони мазҳабӣ шуд,
Мавлавӣ муллои турку аҷнабӣ шуд…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳамчунон як пора нони саршахе,
Ҳамраҳи савдогари хоки Бухоро
Тай намуда бешаи Рус,
Ҷилди дуюми китоби Наршахӣ
Ёфт маскан дар тамошогоҳи осори Питергоф.
Зина-зина ҳар қадар боло бишуд қадри сухан то Қоф,
Он қадар ҳам
Пилла-пилла паст шуд идроки шоҳони Хуросон.
То кунун муллоюю мавлои Вароруд
Пеши султонҳои турку миру миракҳои аъроб
Медиҳад товон чу тарғибгар зи ислому зи «Фурқон».

…Баъди сад соли футӯҳи аҳди Сомонӣ
Ҳар кӣ чашми дурбину ақли равшан дошт,
Хонақаҳшин шуд.
Тангчашмон водаҳону гапфурӯш,
Ҳар камонпои биёбонгард
тахтзебу тахтшин шуд,
Бӯсаид охир муаззин шуд.
Бӯалӣ дар рӯи зини асп печида ба дард
Зори як силии қамчин шуд.
Хоҷаи мо дар канори боғи Табрезаш,
Хоҷа Ҳофиз дар бари боғи Мусаллояш
Бар шаҳи Мирон муовин шуд.

Оҳ, эй вомонда, оё ҳамзамони мову ту донад,
К-ин халоиқ лоиқи рангинтарин давр аст?!
Лоиқи ширинтарин давр аст!
Бо чунин файзи худодода,
Бо чунин имкони озода
Ман намедонам, ки кай ин халқ эҳё мешавад аз нав?!
Рӯзгори дӯш оё
Субҳи фардо мешавад аз нав?!
Баски акнун метавонад
Пойгоҳи барқхез аз чӯбаки гӯгирд созад!
Ҷамъ орад доманашро,
Саргарон саргаштагонаш гирд созад!
Ин суоли содаро
Пурсад аз кӣ, кас намедонад…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Осмон дар оси худ гардон,
Дар замин осӣ зи чархи булъаҷаб ҳайрон,
Бо фари зотии худ як фарди тоҷик дар ба дар сарсон.

## СИМОБИ МАҲБУС

*Барои Абдуҷаббори Суруш*

Дар най на чун наво маро ҷо карда будаанд,
Дар найчаи вуҷуди азал симобқатраам.
Ман дар раги дарахти Асурик забони ҳақ,
Яъне ба шохаҳои талаб тобқатраам.

Симоби зинда будаму куштанд дар азал,
Меъёри гарму сардро то бишмарам ба ранҷ.
То аз тавони ирсиям гардам ҷудо, зи дӯш
Побанд дар миёнаам монанди тобсанҷ.

Дар роҳи найситон бувад самти талош як,
Ҳам аз азал ба ҷовидон хатти раҳам ҷудост.
Аз най намеравам бурун, овози ман дар ӯст,
Оғоз чун дар он бувад, ин роҳам интиҳост.

Пас ростии умри ман аз дӯш будааст,
Пасту баланд мешавам аз гарму сардҳо.
Ҳар ҷо равам, фаросуи қисмат зи ман нояст,
Ҳам шодию ғамам ҳама аз доғу дардҳо…

Пас бо манат бигӯ, аё Ҷабрили покрой,
Фармудаи Худост ин симобмурдагӣ?!
Дар ҳашри растахез пас чун медиҳад ҷавоб
Бетоби бандагӣ ба най, ҷонаш супурдагӣ?!

## ОҲАНГИ БЕГОНА

Танбӯр чун қабурғаи пайванди изтироб
Дар дасти як муғаннии бетоб метапид…
Шаб даст мефишонд ба барги кабуди субҳ,
Беҳол шавқи партави маҳ ҳола мекашид,
Симин тарона дар раги маҳтоб метапид.
Ин мурғ дар навои ҳубоби кашидамавҷ,
Дар болҳои зарҳали гирдоб метапид…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мизроби оҳанин ба қафасҳои синаҳо
Минқори оташини Самандар ба сина буд.
Бар чоки хунфишони дили Прометей халид,
Эҳёю куштагии ваям аз рӯи кина буд.
Ғораш чу баҳри тираи он даври тирааќл,
Дораш сафина буд...
Чашмони нимпӯши навогар ҳамешунид
Бо гӯши панҷа нолаи ҳар мӯҳри бастаро.
Ангушт мениҳад ба сутунмӯҳраи наво
Ҳамчун табиб тоқати мӯҳри шикастаро.
Дастони хушнавози навогар ба рӯи тор
Аъсоби марди дардрасоро ҳамешинохт.
Дар ҳар қабурға панҷааш ларзида мехазид,
Тимори торҳои асабро ҳаменавохт.
...Дар рӯ ба рӯи ӯ
Марди дигар, ки гарданаш банди салиб дошт,
Дар пеши бар гитор
Оғӯши пуртаровати занро ҳамеламонд.
Бо панҷаҳои ломиси бешарми худ чунон
Эҳсоси як вуҷуди париро ҳаметапонд.
Ваҳ, дар вуҷуди зан
Пуршӯр тобиши ҳавасҳо кунад гитор.
Тимсоли зан ба қолаби ин соз шуд шабеҳ,
З-ин рӯ хумори шавқи варо бишканад гитор.
Эй ошно, нигар!
Тобидааст ҳалқаи зулфони морпеч
Бар гардани гиторзан чун тавқи лағви дӯш.
Занҷираҳои тавқро бо чашми дил бубин,
Чун зар ҳаме ҷило диҳад оҳанги худфурӯш.
Ку панҷаи тилоии Довуд, эй садо?!
Минқори хунчакони чу мизроб дар куҷост?!
Ку ғори сангбастаи Прометейи залил?!
Занҷири ҷовидонаи ин банд бенавост...
Ку марди дилситону ку он пайкари латиф,
Яъне зани фариштахисоле, ки ҳар замон
Бозичаи навои мударрис шудаст, оҳ,
Ҳамкомаи чакомаи дастони чун камон?!
Раққосаи тапандаи талвосаҳои ҷон...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ПАЁМЕ БА ҲАҚНАЗАР ҒОИБ

*Тақдим ба муносибати 2700-солагии Кӯлоб*

Саҳар
нилуфари хуршед
мурдоби заминро
тарк гуфту гашт вораста.
Чӣ соле буд,
Чӣ моҳе буд?!
Кадомин ҳафтаю рӯзи муборакрӯ
Каюмарс офтоби растаро бо найзаи мағрур мепешид?![1]
Нигоҳи кибри ӯ дар абр мепечид…

Ба оташхонаи Зардушт Ҳут омад,
Китоби зарнигори сарнавишти меҳрро хонда,
Ба Митро қиссаи Одаматоро гуфт.
Вале аз қиссаи Ҳобил
Надоматҳои зоғи хастаро бинҳуфт…

Муҳаммад омаду Мири Саиде хост аз ҷояш,
Китоби кӯлвораш пур зи ҳикмат буд.
Қадам зад то Хуросон,
То Бадахшон,
То ба марзи хиттаи Хатлон.

…Кунун ту Мирҷонро посбонӣ мекунӣ, эй дӯст,
Ба шеъри чун чакан нақшин,
Ба шеъри ҳар сухан рангин.
Ҳазор андар ҳазору ҳафт садсола
Ту гарди роҳи инсонро бирӯбӣ дар раҳи Кӯлоб.
…Шабон дар мавҷ-мавҷи зарҳалинаш
пок мегардад маҳи Кӯлоб.
Ситора бишкуфад дар ҳарфҳои ту,
Чу Шоҳин баркашӣ вазни суханро, эй шаҳи Кӯлоб!

Муборак бод хуршеди каюмарсӣ!
Муборак бод Зардушту Авастояш!
Муборак бод маҳтоби чаканпӯшат,
Муборак бод ҷашни шаҳру мавлояш!

[1] Пеш кардан



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ОРМОНИ ПИРИ ҶАНГДИДА

*(баллада)*

Гурӯҳи кории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд таҳти сарварии Раиси вилоят, муовини аввали Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Қоҳир Расулзода дар ноҳияи Ғончӣ сафари хидматӣ дошт. Сокини ноҳияи мазкур, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ дорандаи ордени Шараф ва ордену медалҳои дигари ҷангию меҳнатӣ Ҳомид Азаматов вақти аёдат ба сарвари давлат баробари изҳори ташаккуру сипос зикр намуд, ки дар симои роҳбари мамлакат ҷавонии худро мебинад. Ӯ ҳамчунин таъкид кард: «имрӯз барои ман рӯзи таърихист, зеро маҳз ҳамин рӯз муҳорибаи бузурги асри ХХ «Муҳорибаи Камонаки Курск» оғоз ёфта буд ва ман яке аз сарбозоне будам, ки дар он қаҳрамонию шуҷоат нишон дода, сазовори мукофоти Ватан гардидам…». Ҳамин нукта маро ба ваҷд овард ва манзумаи зеринро иншо кардам… (Муаллиф)

Бори дигар
Шуд ҷавонӣ пеши чашмонам падидор,
Чун шуморо дидам,
Эй насли ба ин даврон барозанда!
Он замони гиря кардан буд–
Нола аз фоҷеъаи инсон…
Ин замони ноз кардан зиндагониро,
Бо шукӯҳи ҳусни имрӯзи т締ованда!

Он замон айёми вайронию куштору саропо сӯхтан,
Ин замон ободию бунёдкорӣ, сохтан…
Он замон хунину аммо
Ин замон айёми афкори муборакбоди созанда…

Қадди ман шуд чун камоне хам,
Он замон чун тир буд –
Мисли тире дар камонак!
Танкҳо гаҳ чун саманде
Пахш мекарданд ҳарчӣ буд дар роҳ,
Лек гоҳе мисли тобути гурӯҳе
Пурсукут истода буданд…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Буд Камонак чун каманде,
Риштаҳои гардани умри ҳазорон кас,
Дар гираҳкӯри чунин ҳалқа
Зери дори марги наҳс афтода буданд…

Даҳшати майдони Курск он вақт
Дунёро ҳамеларзонд,
Ҳар «Паланг»-и ваҳм чун аждар «қадам мемонд».
Ҷони мо дар риштаи эҳсоси мо побанд,
Пои мо бо хоки сӯзони Ватан пайванд,
Мили ҳар танк оташин аз бухс,
Синаи мо буд сипар чун кӯҳи Алванд.

Ҷанг месӯзонд дунёи тамаддунро,
Оташи наҳсаш ливо буд душмани дунро.
Осмонаш тирагун аз абрҳои дуд,
Оби борон ашку оҳаш тирборон буд.
Навҳа метарконд сақфу боми гардунро…

Лоба менолид дар занҷири мошинҳо,
Тавба меполид хун аз чашми зӯпинҳо.
Кина меҷӯшид андар синаи кинҳо,
Таъна метаркид сар дар пои тамкинҳо.

…Мо ҷавон будем, айёми ҷавонӣ сӯхт,
Ормонҳо
Номаи секунҷаи дар роҳҳо гумгашта буданд.
Ишқҳо, уммедҳо чун
Кафтарони бесару беболу белона,
Меҳрҳо бо хун ҳамоғӯшу ба хун оғушта буданд.
Бӯсаҳо чун ёдгори ғуссаҳо,
Ғуссаҳо буданд монанди ятими бӯсаҳо…
Орзуҳо ҷабҳа-ҷабҳа мурда буданд,
Ғамзаҳою ноз дар ожангҳо афсурда буданд,
Накҳату ранги ҳинои наварӯсон
Дар кафу мушти ғамон афшурда буданд.

Он замон дарди Ватан дарди ҷавониҳои мо буд,
Хоки хунполои зардаш
Чун рухи зарди ҷавониҳои мо буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Навҷавонмардони маъюбу ҷароҳатдори маслуқаш
Навҷавонмарди ҷавониҳои мо буд.
Оҳ, сад афсӯсу афғон!
«Зиндагӣ як бор меояд ба кас»,
Варна дар такрор медидам ҷавониро,
Рӯзгори орзую ормониро…

…Дар қиёси ҷанг бо душман
Ҷангбозии талоши маснаду мансаб
Халқи моро он қадар бар ҳалқи дор овард,
К-аз ниёзаш рӯи по афтонд…
Боз, алҳақ,
Гардҳоро аз сару аз рӯю аз домони худ афшонд,
Раҳнамо ёфт,
Раҳкушо ёфт,
Бо фари Раҳмон
Ҷабҳаҳоро ҷодаҳои дилкушо бар сӯи фардо кард,
Решаҳоро бо ҳазорон сол пайваст,
Шохаҳоро паркушо бар рӯи дунё кард.

Шукр, шукри ин нафас, ин соати пирӯз!
Эй писар, ман шукр мегӯям ба ҳар як лаҳзаи имрӯз,
Давлати фархундафардоро нигаҳ доред!
Кишвари зеботарин–
Ҷаннати ин рӯи дунёро нигаҳ доред!

Баски инсон
Дар ҳамин рӯи Замин
Дӯзаху нори ҷаҳаннамро ҳамебинад,
Барзаху бори фароҳамро ҳамебинад,
Ҷаннати Ҳаввову Одамро ҳамебинад.
Пас ба он дунё мулозим мешавад рӯзе,
Пас ба Кирдугор лозим мешавад рӯзе…

Эй писарҳои банангу ор,
Эй ҷавонмардони фардои банур!
Эй, ки бо номи шумоён
Давлати наврӯзи мо манзур!
Эй, ки бо номи шумоён
Шавкати навболи мо мағфур!
Тоҷикистон чун шиори рӯзбинон нест,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Тоҷикистон кишвари рӯзофаринон аст!
Тоҷикистон чун шиори рӯйбинон нест,
Тоҷикистон давлати фарри ҷавонон аст!
Тоҷикистон ҷовидон аст!

…Бори дигар
Шуд ҷавонӣ пеши чашмонам падидор,
Чун шуморо дидам,
Эй насли ба ин даврон барозанда!
Ман кунун дирӯзи дардамро зи хотир мебарам ором,
Баски ҳастам бо шумо, эй насли оянда!
Чун чанори хонаи худ пири поянда!

*12 июли соли 2008*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Аз нависанда ба мо мерасад алфози накӯ,
Мекушояд зи дили халқ ҳама рози накӯ.
«Модари нав» зи Гулистони Дадоҷон Раҷабӣ
Месарояд зи ғами хеш ба овози накӯ.

* * *

«Дар миёни чор дарё»– чор самти ин ҷаҳон
Як нависанда нишаста во кунад рози ниҳон.
Буд Додоҷон, кунун гардида «Furobоҷони мо»,
Менависад қиссаҳои нав барои баччагон.

* * *

Аз замони ҷанги гирмон бас ҳикоят мекунад
Қиссаи тифлии ӯ «Дар роҳи дури Каҳкашон».
Аз ятимӣ, дарди танҳоӣ шикоят мекунад
Қаҳрамони навраси он давр бо мо ин замон.

* * *

Аз бори ҷафо, ки осмон хам зада буд,
Некии касон ба сина барҳам зада буд.
Бинвишт ба ҳуҷҷати фаровон Раҷабӣ
Як қисса, ки оташе ба олам зада буд.

* * *

Ҳафтод муборак, амаки мо, Раҷабӣ!
Ҷустед куҷоҳо дараки мо, Раҷабӣ?!
Бояд ки нависед яке қиссаи нав
Аз модари навву кӯҳна якҷо, Раҷабӣ!

* * *

Эй ҷавонмардон, шукӯҳу шавкати занро нигаҳ доред!
Эй ҷаҳонфардон, баҳою қимати занро нигаҳ доред!
Ин ҷаҳон бе зан чу комил нест,
Шӯриши ишқе ба ҳар дил нест.
Сунбулистони ҳама олам
Мисли атри зулфи ин гул нест.
Эй ҷавонмардон, савоби хилқати занро нигаҳ доред!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Эй ҷаҳонфардон, ҷавоби ҳиммати занро нигаҳ доред!
Хилқати зан чун худовандист,
Дар садоқат ширпайвандист.
Дар муҳаббат ҷовидонияст,
Ҷонифишонияш ба якчандист.
Эй ҷавонмардон, сипоси заҳмати занро нигаҳ доред!
Эй ҷаҳонфардон, бақои давлати занро нигаҳ доред!
Заҳматаш шабзиндадориҳост,
Ғамбарию ғамгусориҳост.
Ҷони худ бар тифл бахшидан,
Модарию бемадориҳост.
Эй ҷавонмардон, санои сурати занро нигаҳ доред!
Эй ҷаҳонфардон, баҳои сирати занро нигаҳ доред!
Сураташ ҳусни ҳама дунёст,
Ин фаришта чун худо зебост.
Офаридгор аст баски ӯ,
З-ин сабаб ӯ чун худо яктост.
Эй ҷавонмардон, ливои исмати занро нигаҳ доред!
Эй ҷаҳонфардон, мақоми ибрати занро нигаҳ доред!
Нангу номуси шумо дар ӯст,
Ранги товуси шумо дар ӯст.
Чашми бедори шумо чашмаш,
Хоби кобуси шумо дар ӯст.
Эй ҷавонмардон, ҳумои ҳикмати занро нигаҳ доред!
Эй ҷаҳонфардон, давоми нузҳати занро нигаҳ доред!

## ТАБСАНҶ

Маро ту бармаҳал, ҷонам, магӯрон,
Мачин бар гӯри ман хишти надомат!
Дуои бад макун зинҳор-зинҳор,
Накардам лаҳзае бо ту хиёнат…

Чу шабнам гарчи барги настаранро
Ба шаҳди бӯсае шодоб кардам,
Тапидам дар миёни бистари гул,
Вуҷуди оташам симоб кардам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Нағунҷидам ба зарфи оғуши ту,
Ба тобу таб агарчи қатра будам.
Ба табсанҷи ту ғунҷидам, валекин
Чу симобе фишурдастӣ вуҷудам.

Тамоми зиндагиям гарму сард аст,
Шикастан менатонам зарфи оғӯш.
Бағалгири ту мемонам ҳамеша,
Ба зарби синаи ту мекунам гӯш.

Дигар ҳарчӣ бихоҳӣ, бо манат гӯ,
Дуои бад макун зинҳор-зинҳор.
Ба гӯри ман мачин хишти надомат,
Барои худ маро умре нигаҳ дор!

* * *

Ман шеъри муҳаббати ту гуфтам,
Бишкаста ба дард сатри мавзун.
Маънои асолати вуҷуд аст
Дар номи ту сад ҳазор мазмун.

Ҳар сатри шикастаам шуоест
Дар оинаи саҳифаи рӯт,
Печида хаёли пургираҳ низ
Банд аст ба ҳалқаҳои гесӯт.

Рақсидани ранги рӯшноӣ–
Сармасти назокати ту дидам.
Сарсабзии вусмаро ба абрӯт
Зарҳал зи ҳилоли маҳ чакидам.

Дидам, ки шукуфаҳои олуст
Пешобағали дамидаи ту,
Чун барги гули анор зебост
Поёни лаби газидаи ту.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чун кафки дамида ширгарм аст
Дар ғабғаби ту дамидани субҳ.
Олучагули сапеда резад
Чун аз бағали ту домани субҳ.

Тасвири баҳори ҳусни воло
Он қадр маро кунад дигаргун.
Чун соиқае хаёл печад
Дар хомаи шоири ҷигархун.

Ҳар сатри равони худ шикаста,
Бозам зи муҳаббати ту гӯям.
Тасвири ту бе шабеҳа монад
Чун дафтари роз рӯ ба рӯям…

* * *

Ба армон зиндагӣ дорам, чунин бод!
Зи бас бо ту гирифторам, чунин бод!
Ҷазои аввалину охиринам,
Саноятро сазоворам, чунин бод!

Чу аз рӯзи азал ҳангомаҷӯям,
Напиндорӣ, ки ман ҳангомагӯям.
Ҳар он чӣ гуфтаам, фармони дил буд,
Чу ҳастӣ то пасин дам орзуям.

Наметонам, гузорам нуқта охир
Ба тавсифи ҷамоли беназират.
Дар ин айёми беқадрии ошиқ
Чӣ хушбахтӣ, яке бошам асират!

Таманнои ту армони бузург аст
Барои мо, ки хоки кӯят астем.
Чу хуршеди мунаввар беқиёсӣ,
Ҳама чашмони ҳайрат сӯят астем.

Фидокори муҳаббатро дар ин давр
Наёбӣ, ҳар қадар ҷӯӣ, ба ҷуз ман…
Дилам бо ту, ҷаҳонам бо ту бошад,
Маро тимсоли ҳастӣ монда бо тан…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Таманнои ту армони бузург аст,
Хаёлат – орзуи ҷовидона!
Турою зиндагиро месароям,
Аё дар будани дунё баҳона!

* * *

Зулоли нур фитод аз фалаку чашмае намоён шуд,
Тапид дар қадами бегунаҳе,
Замзами биёбон шуд.
Кашид пар ба ҳаво буттае чу кафтари зар,
Шикаст пораи ях дар Замину тӯфон шуд.
Зи ҷои бахр ҳамехост як намо зардоб,
Ба кунҷи бечаҳи гардун сароби Кайвон шуд.
Чароғи лонаи гирдоб дар ҳубоб шикаст,
Зи пушти хамзада хуршед,
Ки деҳқони зар аст,
Намои доси моҳи тобон шуд….

## ДОСТОЕВСКИЙ
## 1

Ба вақти зиндагияш буд суханвар дар ба дар сарсон,
Азоби гӯр буд андар матои қарз печидан.
Ба гирди хеш ҷамъи аблаҳонро гушнадил дидан,
Давои дарди бедармони ҷон дар хеш санҷидан.

Ба ҷуз коғаз набуд як дилсафеде ҳамраҳу ҳамроз,
Ба ҷуз хома набуд як такядоре дастгири ӯ.
Сиёҳидон чу чашми қалби поку беназираш буд,
Камон қаддаш, шарори оҳҳояш буд тири ӯ.

Гуноҳи бекасӣ, бедавлатӣ дар доманаш буд доғ,
Зи як кӯ то ба кӯе гашт саргардону овора.
Суханро аз касифон гуфту аз маҳкуму аз нодон,
Даво аммо ба дарди худ намеҷуст, оҳ, бечора!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сияҳкорон сафои рӯзгораш тира мекарданд,
Вале мебаст бо занҷири ҳарфаш дасту пои хасм.
Ҷазо медод бо нӯки чу алмоси қалам тезаш,
Хати бутлон ҳамезад ӯ ба даъвои хатои хасм.

Агар дар зиндагӣ ӯ дар ба дар мегашт бехона,
Пас аз маргаш китобаш кард манзил дар ҳама дунё.
Агар дар зиндагӣ ӯ дар матои қарз мепечид,
Кунун аз рӯҳи покаш қарздор аст олами паҳно…

**2**

Кардаам тасвир ман девонаро,
Кардаам тасвир инсони бузург.
Чун зи худ берун нарафтам дар сухан,
Ман фурӯ мондам дар ин ҷони бузург.
Рӯҳ будам дар вуҷуди ин бадан,
Мондаам берун зи армони бузург.

Шахси ман девона буд, девонадил
Пушти по зад арзиши дунёи дун.
Ҳастии девонаҷонам мешунид
Шевану фарёди дунёи дарун.
Ҳамчу мӯе аз хамире мекашид
Риштаи девонарӯҳиро бурун…

Дар ҷунун дидам ҳама асли вуҷуд,
Ин ҷаҳон афсонаю он асл ҳаст.
Ҳарчи дар уқбост, дар девонагист,
Ҳарчи дар ин даҳр, боби фасл ҳаст…
Дар ҷунун асли ҳама фарзонагист,
Дар ҷудоиҳо нишоти васл ҳаст…

Эй ки мегӯӣ маро девонарӯҳ,
Боз гӯ, рӯҳат чӣ дорад ҷуз ҷунун?!
Маърифат як зинаи азхудравист,
Пас ҳама дунё саропо сарнагун!
Дар даруну дар бурунҳо чист, чист?
Бадтарину хуштарин ҳам дар дарун!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Пас ҳама полудагӣ олудагист,
Ман вале дар қубҳ дидам ҳусни даҳр!
Чун намак ширинтар аст аз ангубин,
Дидаам дар шаҳди шира ҷони заҳр!
…Шодии девона як дунё, бубин,
Ваҳ, аҷаб дар ханда дидам марги қаҳр!

…Оҳ, дунё маскани девонаҳост,
Ишқ эҳсоси ҷунунбози дил аст!
Маърифат кардам, ки нури ҷони мо
Ранг-ранг аз шӯълаи нури гил аст!
Ҷуз ҳама девонагӣ, имони мо
Ботил асту ботил асту ботил аст!!!

## ДАР ҲОШИЯИ «ҚИССАҲОИ ҶОНГУДОЗ»[1]

## 1

Дар ин шаҳре, ки дарёи дили як марди маҷрӯҳаш
Бувад дилсофтар аз ашки шабнамҳои кӯҳистон,
Замоне сорбоне зиндагонӣ дошт.
Аҷаб ӯ корвоне дошт,
Ба ашки шашқатори тифлаконаш сорбонӣ дошт…

Варо ҳар мавҷи Сир ҳамбол,
Варо ҳар санги кӯҳи Мевағул ҳамбар,
Варо ҳар як гиёҳи дашти Дилварзин чу хоҳар буд.
Насими домани дашту биёбонҳо паровар буд,
Ба гирдаш ҳафт дилбар ҳафт ахтар буд…

Замона гирдбоди инқилобӣ дошт,
Ҳақиқат бо ҳамоқат эътисобе дошт.
Шарофат аз касофат тарсу бими ногаҳонӣ дошт,

---

[1] «Қиссаҳои ҷонгудоз» китоби саргузаштии Ҳоҷимурод Тоҷибоев, ки маҷрӯҳи Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 буданд ва дар ҳалқаи зиёиён чун Муродии Хуҷандӣ шӯҳрат доштанд. Банда муҳаррири китоби мазкур будам ва баъди мутолиаи он ин шеър эҷод гардид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Хирад ҳамчун чанори пиргашта сахтҷонӣ дошт.
Вале бе нури Ҳақ нодон ҷавонӣ дошт…

Чунон боли Самандар барги авроқи китобам сӯхт,
Ба зери пой хоку дар гулӯ дармонда, обам сӯхт.
Ту гӯӣ устухонам гашт симобе дар ин пайкар,
Ба ҳар паҳлӯ задан ҷону танам дар печутобам сӯхт.
Ту гӯӣ моҳтобам гашт обу ширполо рехт,
Ба чашмам ғарқ гашта чеҳраҳои офтобам сӯхт…

Ба чашмам оби Сир,
Дар қалби покам ганҷҳои Мевағул пинҳон,
Ятими дар ба дар будам ба мисли пораи Қуръон.
Ман он гаҳ рӯи нуронии модарро
Чу рӯи нони гандум мешудам пазмон.
Дилам гирён,
Варақҳои кутуби чун ҳаёти худ парешонро
Зи ёди халқи ларзон ҷамъ мекардам.
Шабони тор дар як кулбаи танҳо
Ба гиря сабқате бо шамъ мекардам…

Саге ҳар рӯз мепоид аз пушти ҷавониям,
Гурусна ҷони ман мехост.
Сияҳдил аз сафедӣ устухони рони ман мехост.
Талоши мо аҷаб пинҳону пайдо буд –
Яке берӯҳ,
Дигар пур орзуҳою таманно буд….

**2**

…Пас аз чанде саге дигар
Ба ҷони ҷумла мардум қасди яғмо зад,
Кашокашҳо ба домони тавалло зад…

Баногаҳ устухони пои ман андар гулӯяш монд,
Танаффур дар дили мардум зи рӯяш монд,
Дарахти анчари боғи шаётин аз нумӯяш монд.

Чӣ хушбахтӣ!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Муроди[2] хешро дарёфтам охир
Ба ҷуброни ҳама гумкардаҳои хеш.
Чу ишқи Ҳақ бишуд ҷо дар равони ман,
Пари парвозҳо дарёфтам дар ҷои пои хеш.
Аҷаб шуд мунтаҳои гирудорам бо ҳамоқатҳо,
Ки акнун бозмегардам чу ошиқҳо ба пои ибтидои хеш.

Чӣ хушбахтӣ!
Низомуддин шавад танзимгари фардои афкорам,[3]
Зи пайвандони ширинам бубинад зиндагӣ борам.
Вуҷуди Нозима[4] худ қуллаи болои ашъорам,
Чӣ мехоҳад дигар дунё зи рафторам, зи кирдорам?!

Дар ин шаҳри пурасрори махуф як чашми бедорам,
Дар ин марзи ятимафтода ғамхорам, падарворам!
Ба ин хоки шарарҷонам чу абре меҳр меборам,
Зи роҳи пок мехезад дуои борбардорам!!!

* * *

«Дӯст дорам зиндагиро бо ҳама бешу камаш»,
Ҳамчунон, ки дилбареро бо умеду бо ғамаш.
Зиндагӣ субҳи висолу зиндагӣ шоми видост,
Дӯсттар дорам варо дар рӯзи тӯю мотамаш...
Ростӣ омӯхтам дар баччагӣ аз модарам,
Ҳамчу аз сарви равонаш, пас чу аз қадди хамаш.
Дар сари хирман падар ҳар шаб суруди «воҳ!» дошт,
Оҳи хирманҷой мехест аз дами зеру бамаш...
Бо расулон ҳарф мезад зери лаб ин мӯсафед,
Панд медод ӯ маро аз анбиёи хотамаш.
Рӯдбори домани деҳ Рӯдакисон менавохт
Мавҷи эҳсоси маро оҳангҳои форамаш.
Баркашидам қимати як байти Ҳофизро ба табъ,
Ҳеҷ шуд Дорою Ҷам бо молу мулки Ҳотамаш...
Сангтӯда об гашту барқ меборад кунун,
Нур зояд кишварам бо дарди чашми пурнамаш.

---

[2],3,4 Мурод, Низомуддин, Нозима исми фарзандҳои Муродии Хуҷандӣ, ки бо тахаллуси Таскин шеър ҳам навиштаанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Тоҷикистон вораҳад аз умқи пасти тирагӣ,
Рӯҳи воло парварад дар хоки зархези камаш!

**ВАТАН**

Ватанам, давлати озодаи ман,
Бо ту аз баччагӣ ҳампаймонам!
Нафасе бе ту нахоҳам будан,
Хоки ту чун тану ман чун ҷонам!

Падарам рафт ба Ҷанги Ватанӣ,
Падарам дар кафи ту ҷонаш дод.
Сари ӯ санг бишуд дар кӯҳат,
Дили ӯ аз дили ту чашма кушод.

Ман агар сар бидиҳам баҳри ту, боз
Ваҷабе кӯҳи ту боло бишавад.
Дили ман ҳам бишавад чашмаи нав,
Рӯдаку ҷӯи ту дарё бишавад.

Агар аз санги ту хуншор шавад
Кафи поям, ба муҳаббат гӯям,
Ки ту ҳастию раҳомӯз шудам,
Раҳи фардо ба садоқат пӯям…

Чун ту ҳастию хушам аз қисмат,
Пас ҳаме одами даркори туам.
Меҳрборон бикунам баргу гулат,
Баски як содаи ғамхори туам.

Чӣ шараф хоки туро бӯсидан,
Чӣ шараф оби туро нӯшидан!
Сари худ монда ба рӯи сангат,
Нафасе набзи туро бишнидан!

Ватанам, хоки ту ҷонам бахшид,
Рӯи ту рӯи ҷаҳонам бахшид!
Оби ту рӯҳи ҷавонам бахшид,
Кори ту давру замонам бахшид!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

То ки рӯзе ба ту ҷон бахшам ман!
То туро рӯҳи равон бахшам ман!
Шарафу бахти ҷаҳон бахшам ман!
То абад умри ҷавон бахшам ман!

## МӮҲРИ ҲАЁТ

Пайроҳае, ки рафтаем
Бо ту ба мактаб, кӯр шуд.
Кӯчондам онро ҳамчу сатр
Бар саҳфа, дил ранҷур шуд…

…Устод расме мекашид
Дар лавҳи синфи мо хамӯш,
Тасвири саҳроҳои деҳ
Овард дилҳоро ба ҷӯш.

То саҳфаҳо саҳро шаванд,
Аз хуни худ ранге гирифт.
Ӯ хешро афгор кард,
Моро бимонда дар шигифт.

Чашми муаллим хира шуд,
То чашми мо бино шавад.
Ӯ номи худро кӯр кард,
То ҳарфи мо хоно шавад.

Аз бӯр шуд мӯяш сафед,
Хатҳо шуданд ожангҳо.
Дар тахта бинвишт ӯ китоб,
Не баҳри худ, аз баҳри мо.

Зангӯлаи умри ман аст
Зангӯлаи овози ӯ…
Сад достони зиндагист
Аҳволи бепардози ӯ.

…Андар миёни дафтарам
Бошад баҳояш бешумор.
Имзош чун мӯҳри ҳаёт
Дар дафтари ман ёдгор…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ҒАЗАЛҲО

* * *

Назари кӯтаҳи умри гузаронро бинед,
Пари товуси дусадранги замонро бинед!
Рӯи гулранг ба бегоҳ тамошо хуш нест,
Шафақи хуншудаи барги хазонро бинед!
Майсаҳои лаби ҷӯро манигар тирамаҳон,
Сурмаи шустаи ашки миҷагонро бинед!
Хом буд себи ниҳоле, ки бараш мехуфтем,
Пухтагии самари хомгазонро бинед!
Сард шуд гармии лаб, печиши дастон во гашт,
Гармҷӯшии ҳавасҳои ниҳонро бинед!
Тукмаи бӯса раҳо гашту ҳама барчош аст,
Ба гиребон назари чашми ҷавонро бинед!
Ҳар қадар ёд кунӣ, боз шавӣ пазмонтар,
Интизории дили хушнигаронро бинед!
Хешро наҳр кунеду ба дили баҳр занед,
Пас чу як қатра дами рӯди равонро бинед!

* * *

Бин сӯзиши гирёнро, эй толеи баргашта,
Месӯзаму мемирам чун коғази таргашта!
Бар хонаи мардумҳо дигар раҳи вопас нест,
Ашкам, ки намеоям чун тифли бадаргашта.
Меноламу аз нола суде натавон бардошт,
Тагрез шуда борам, нахлам зи самар гашта.
Ин роҳ куҷо орад побастаи хушравро?
Афтону хазон пӯяд сад роҳи сипаргашта![1]
Шабро ба куҷо орам то рӯз, намедонам,
Ҳарчанд ки шоми ман кайҳо ба саҳар гашта.
Бибридаам аз хешон, дар ҳалқаи дарвешон
Теғи суханам кунд аст монанди табар гашта.
Ин ғунча, ки дастор аст бар найшакари шоха,
Пур ҳарфи вафодорист, чун тунги шакар гашта…
Девони маро кобӣ, ёбӣ ба гулистонҳо,
Авроқи парешонаш сад дафтари зар гашта.

[1] Ба маънои «сипардашуда»



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Ҳар қадар то хешро ҷустам, ки бинам хубро,
Боз ҳам бегонапарвар ёфтам маҳбубро.
Ҳаст гӯё дар кучоe зиндагии дигаре,
Орзу кардам туро, як олами марғубро!
Мезадӣ бар синаи ман муштборон, эй баҳор,
Медамидам ноз - нози мушти дарёкӯбро!
Сабз мекардам хати шеър аз таровати ҳои ёд,
Нуқта мемонд оқибат холи ту ҳар мактубро.
Ҳар саҳар бишнида бӯи номи ту аз оби ҷӯ,
Дар ҷабинам менишонам мавҷ - мавҷ ошӯбро.
Ҳар суханро сад карат санҷида гуфтам, то ғазал
Хушк н-орад дар мизоҷи ҷони мо мартубро.
То нишони рост монад баъди ман чун мисрае,
Як қалам мон дар сари гӯрам асои чӯбро…

* * *

Ҷони ман дӯш азоби дили шайдоро дошт,
Оҳи гирдобу ба худ печиши дарёро дошт.
Гоҳ ту хандабалаб, гоҳ ҷабинбастагираҳ,
Табъи ту нози баҳоронаи саҳроро дошт.
Бахт буд бо ту нишастан лаби ҷӯ чашм ба чашм,
Ҳадяи Хизр ба мо чашмаи маъноро дошт.
Мекушодӣ чу канор, олами дил гул мекард,
Ранги лабҳот таби лолаи лолоро дошт.
Аз танат дар бари тангам гулу гул меҷӯшид,
Аз сарат то қадамат накҳати наъноро дошт.
Дар лабат ҳарфи таманнои дилат ғунча шуда,
Ҳавли шарми ҳавасат ширaи ҳалворо дошт.
Шаҳр аз ишқи балохези ту пур мегардид,
Нозат аз ҳусни расо ишваи болоро дошт.
Мани рустоӣ ба пеши қади ту хок шудам,
Қоматат шавкати ганҷури Бухороро дошт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Дидам яке камони қаде осмонзада,
Ҳар тири беҳадаф зи ҳаёташ камонзада.
Бедарду бесаликаву бемору бенаво,
Калтутвор як тани зори хазонзада…
Дидам, ки раҳмати фалак аз ғайб мерасад,
Бар фарқи он касе, ки дилаш ормонзада.
Рангинкамон, ки парчами нури баҳор ҳаст,
Бар тоҷи ҷабҳаи фалак мӯҳри ҷавон зада!
Сурхобро асои қалам дам фурӯ нишонд,
Тангоби синаи маро мавҷи равон зада…
Ҷон хешро канори гуле хост ҷо диҳад,
Бекадр шуд, қадам ба раҳи бекарон зада.
Ин саҳфа аз ҳаёти касе шиква мекунад,
Дар мақтаъи ғазал яке дурри гарон зада…

* * *

Азбас расид бар дилат бонги садои ман,
Толеъбаланд шуд қади оҳи расои ман.
Дурӣ миёни мову ту дигар зи байн рафт,
Акнун зи мо куҷо равӣ, эй бекуҷои ман?!
Садсола орзу шикаст аз ташнагии дил,
Боре бирез қатрае, оби бақои ман!
Дар лифи танги синаат банд аст мавҷи шавқ,
Бикшо ҳубоби қуббаи ширин барои ман!
Пистони тангамол бихорад кафи сахо,
Чун дузди шабраве хазад дасти гадои ман.
Хоб аст шаҳ ба хотири ганҷи ниҳони хеш,
Ганҷури шабнавард шуд толеъкушои ман.
Гуфтам, ҳазорсола май овардаӣ ба лаб,
Мӯҳри дигар ниҳод ба лабҳои вои ман.
Як танга ҳаб, ки талх фурӯ бурдам оқибат,
Чун кам бигашт рӯзии ширинадои ман.
Гуфтӣ, ҳавои тундбод омад ба умри ту,
Оре, чӣ тунд меравад умре ҳавои ман!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Бозомади нигор чу пайки баҳор ҳаст,
Дар ранги барг ҷилваи барқи шарор ҳаст.
Дар панҷаҳои шоха тапад лонае чу дил,
Чун саъба маст, волаи оҳанги пор ҳаст.
Чашми хумори ғунча бибӯсу фиғон макун,
Баски садои хандаи зангӯладор ҳаст.
Аз мавҷи кокулони бед, эй гулнасими шӯх,
Бе изтироб нагзарӣ, ларзиш ба тор ҳаст!
Аз беқарорият ҳама шабнам тапидадил,
Инсоф кун, сабо, чу қарори нисор ҳаст!
Дар нохуни шукуфаҳо оина пурҷилост,
Эй офтоб, ханда кун, оинадор ҳаст!
Қонуншикан ба зории худ устувор нест,
Ошиқ валек дар раҳи ту интизор ҳаст!

* * *

Сила кардам сари шаҳро, ки бувад додари ман,
Саҷда бар чашма ниҳодам, ки бувад хоҳари ман!
Кӯҳ бикшод дари панҷа сари синаш абр,
Шир дӯшид зи пистони фалак модари ман.
Гуфтам: эй абр, шабеҳ астӣ ба оҳи модар!
Зор бигрист даме, панҷа гирифт аз сари ман.
Гуфтам: исто, ба куҷо меравӣ, эй тундгузар!
Зиндагӣ наъраи тундар заду рафт аз бари ман…
Хешро ҷуста, ба саҳрои гулафшон рафтам,
Лола мечинд ҷавоним чу ҳамсоғари ман.
Барқ мезад нигаҳаш, лек дилаш пурхун буд,
Ашк мерехт ба ҳар гулхану хокистари ман.
Чашмаи сангнишин гиряи ҳиққосӣ дошт,
Чашм медӯхт ба ҷавлонгаҳи оҳупари ман.
Чун ба ҳасрат бари ин чашма нишастам, дидам,
Ёдгор аст ҳама қатрааш аз гавҳари ман…
Баски дар оинаи чашма кашад сурма ба чашм,
Бӯса кардам лаби оҳу, ки бувад дилбари ман.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

* * *

Чархи саргаштаю хамбида, ки ҳайрони ман аст,
Дид бори аламаш, дар сари китфони ман аст.
Офтоб об шуду рехт зи пешонаи ман,
Шафақи таршудаи субҳ гиребони ман аст.
Шабнам аз пар задани домани гулбарг шунид,
Ки ҳама гарди замон каҳпари домони ман аст.
Сангро пошнаи шӯъладурахше битаконд,
Хез аз хоб, замин силсилаҷунбони ман аст!
Сабза бо лаҳни парӣ гуфт ба қоқуи зарин,
Ки тапишҳои дили хок зи илҳони ман аст.
Даври ворастани нилуфари мурдоб расид,
Дар сукут, оҳ, чӣ миқдор раги ҷони ман аст!
Арғувон шохаи гулрез таконд аз ҳайрат,
Ки яке соиқа гулбанд ба ҷавлони ман аст!
Дар ҳама боғ кунун шири шукуфтан бидамид,
Ширбӯ гашт насиме, ки парешони ман аст…

* * *

Омӯз зи ёғу раҳи дарёгузариро,
Аз синаи амвоҷ тулӯи саҳариро.
Аз чашми фурӯрафтаи гирдоб бубин арш,
Аз кунҷи садаф гавҳари болоназариро.
Дидем, ки моҳӣ ба пару бол таҳи об
Тақлид кунад шеваи парвози париро.
Дар домани ҳар мавҷ, ки шерозаи каф баст,
Ширинлаби мо рехта кафки шакариро.
Имшаб, ки маҳи симтан аз об баромад,
Хуршед саҳар ҷилва диҳад покбариро.
Дар беқасаби мавҷ намояд тани дарё,
Печидани рӯмоли кабуди камариро.
Бо дасти шиновар шиканам парраи[1] ҳар мавҷ,
То тоб диҳам хислати пайвандгариро.
Ҳар хас, ки бишуд тоҷи сари мавҷи сабукпой,
Бо латмаи амвоҷ барад дардисариро.
Эй беҳунарон, дар лаби дарё бинишинед,
То ёд диҳад шеваи волоҳунариро!

---

[1] Парра– қабурға



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Чӣ авҷе дорад оҳанги танинандози тору пуд,
Магар бишнидаӣ бо гӯши худ овози тору пуд?!
Мақоми тор, ҷони ман, ба ларзидан шавад боло,
Ба зеру бам магар печидаӣ ту сози тору пуд?!
Хаёли осмонӣ ибтидо гирад зи ишқи пок,
Ҳавову хокро баста ба меҳр оғози тору пуд.
Нигористони ёди ту пур аз ноз аст, эй ширин,
Сиришта сурату сират туро аз нози тору пуд!
Баландии сухан аз авҷи зебои хаёлот аст,
Уруҷи осмонӣ баски аз парвози тору пуд…

* * *

Зимистон сард омад, гармии дидор мехоҳам,
Дар ин шабҳои тира субҳи пуранвор мехоҳам.
Набинӣ ахтару маҳро, на рӯи осмон бинӣ,
Зи абри пардадораш барқи оташбор мехоҳам.
Чароғи мурдаи моро на як парвона ёд орад,
Ба гирди шамъ парвози самандарвор мехоҳам.
Самандар ҳам занад рахгум шаби ялдо дар ин хона,
Зи барги сархӯри шамъи фурӯзон ор мехоҳам.
Ба танҳоӣ чунон сӯзад, ки мағзи сар диҳад барбод,
Ба сӯзиш дар ғами шабҳо чунин ҳамкор мехоҳам.
Саҳар аз шӯшаи дандони пирон дар лабони бом,
Ба ҳоли зиндагонӣ хандаи ғамхор мехоҳам.
Зимистон мешавад охир чу умри мӯсафеди барф,
Аз ӯ дар саҳфаи барфинаам осор мехоҳам…

* * *

Хоб дидам хаймаи ворунаи гирдобро,
К-он нафаспечон фурӯ мебурд мавҷи обро.
Дар лаби дарёи гардун маҳ даҳанво менишаст,
Ин саҳар мегуфт бо хамёзаи худ хобро.
Хоби ноороми маҳ бедории хуршед буд,
Мегуселонид чашми шабнамаш маҳтобро.
Аз саломи ашкборони саҳар омӯхтам,
Дар гусел афтодагӣ, дар пешвоз одобро.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чун уфуқ бикшод пешонии нуронии хеш,
Бори дигар ёфтам роҳи кушоди бобро.
Гарм мешуд рӯз бо нури саховатбори шамс,
Рӯҳи Мавлоно намуд ашъори худ аҳбобро.
Тоб меангехтӣ ҳар мисраю байти ғазал
Шӯълаи парвонаболу шамъи гардантобро.
Ёфтам таъбири хоби обию маҳтобиям–
Шому шеъру соғару андешаҳои нобро.

* * *

Аз сафедӣ пир шуд фасли зимистон, барф, барф.
Рехт бозам бар сарам гарди фаровон барф, барф.
Дуди мӯрӣ шуд асои офтоби кӯзпушт,
Бар сари ҳар бом шуд дастори печон барф, барф.
Осиёи осмон пур буд аз дони сафед,
Мӯсиёҳон сарсафед аз осиёбон, барф, барф.
Баъди поиз чун гадоҳое дарахтон даство,
Бар кафи ҳар шоха резад тангаборон барф, барф.
Баччагон бобои барфӣ сохтанду даф заданд–
Хӯсабозӣ шуғли якумрии инсон, барф, барф.
Фасли сармо сахт печиду гиребонгир шуд,
Тугма-тугма канда мешуд аз гиребон барф, барф.
Чашмҳоро обрав мекард боди сарди дай,
Чун ситора мечакид аз нӯги мичгон барф, барф.
Менавиштам шеъри барфӣ бо сиёҳии қалам,
Кард ашъори сафедам саҳфагардон барф, барф.

* * *

Намак мерехт барфи шӯр аз пешонаи гардун,
Малак ё гардҳои ордро аз шонаи гардун?!
Ба ҳарфи пурнигори барфҳои сард гӯш андоз,
Ки гӯши изи по пур гашт аз афсонаи гардун.
Ба қадди гирдбоди барфпечон лаҳзае бингар,
Ки ҳамчун нардбон сар мекашад то хонаи гардун.
Дарахти сарвро нозам, ки ҳамчун шамъ бепарвост,
Нишинад, об гардад барф чун парвонаи гардун.
Чу аз қуи сафеди барф ширин ёдҳо мондаст,
Таконад нозболин ҳур аз кошонаи гардун.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бибӯсам болҳои кафтари бозингарашро, кош
Фурӯ резад пари симини худ аз лонаи гардун.
…Чунон шудгори зери барф тобад абри симандуд,
Зи нури хираи маҳ аз фарози ёнаи гардун.

* * *

Зи байни сад ҳазорон як суханвар мешавад пайдо,
Чунон к-аз тӯдареге донаи зар мешавад пайдо.
Зи сар дарёи обаш бигзарад дар умри ҳар инсон,
Шавад баҳри бузурге, то ки гавҳар мешавад пайдо.
Ҳавову оташу хок аст ҷони шишаи пуртоб,
Вале бе ҷӯши май кай ранги соғар мешавад пайдо?!
Саҳифа пур шавад аз дарди дил, аз ормони халқ,
Ба заҳматҳо вале девону дафтар мешавад пайдо.
Чароғи мурдаи ҳар хона рамзи безиёӣ нест,
Зи нури ишқи мо ақли мунаввар мешавад пайдо.
Зимистон мӯсафед асту сафоро мебарад бо худ,
Ҷавонӣ дар баҳори сабзу навбар мешавад пайдо.

* * *

Абраи ноз хобҳо мебаст,
Астараш изтиробҳо мебаст.
Абрбанде[1], ки тор мепечонд,
Дар бирешим танобҳо мебаст.
Бар матои ба нози абрешим
Пораҳои саҳобҳо мебаст.
Атласи хушҷилои садрангат
З-оташу хоку обҳо мебаст.
То ҳавои ғурури қомати ту
Бар танат печутобҳо мебаст.
Шоир аз ҳайрати тамошоят
Сад суолу ҷавобҳо мебаст.
Саҳфа-саҳфа таронаи ҳуснат
Дар баёзу китобҳо мебаст.

[1] Абрбанд – пардозгари матои атлас, рангкунандаи атлас



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Ростӣ, қомати маҳтоби навин кац бошад,
Нек бин, чун хами абрӯи маҳин кац бошад.
Аз азал ҳарчӣ навиштанд ба пешонӣ, рост,
Ацабо, аз чӣ кунун хатти цабин кац бошад?!
Кори дунё, ҳама гӯянд, ки кацдорумарез,
Дар таги чашм чаро цӯяки чин кац бошад?!
Ҳикмати хам задани қомати пирон аз чист?
Баски бори ҳама ин чархи барин кац бошад!
Ба қирон омадани ахтари ду ёр ациб,
Даст афшурдани ду ёри қарин кац бошад…
Тифл ҳам ғунчасифат дар бағали раҳми нумӯст,
Баски пайвастагии банди цанин кац бошад.
Аспи айём кунад пои саворонро кац,
Чунки дар пушти хамаш хонаи зин кац бошад.
Бингарӣ, сар ба сари даҳр суол асту суол,
Баски бар умқ расӣ, тири замин кац бошад.

* * *

Чу медидам туро, оҳи дилам абри само мешуд,
Цавонӣ дар вуцуди ошиқат ёри Худо мешуд.
Замин аз зери по мерафту Парвин хӯшачин мегашт,
Дар он як они воҳид осмонам осиё мешуд.
Ба сурхӣ шарм лабҳои туро як лаҳза меларзонд,
Танини изтироби оҳи мо тори наво мешуд.
Нигаҳ лағжида дар холи рухи ту пешпо мехӯрд,
Зи дарди гарму ширин пеши чашми мо сиё мешуд.
Хами мицгони ту аз шарм бори осмонро дошт,
Камони абрувонат чун кабӯтар дар ҳаво мешуд.
Канорат танг мекард орзуи бекарониро,
Нахустин ҳайрати оғӯш дар ту интиҳо мешуд.
Суоли ҳалқаи зулф аз баногӯши ту мепечид,
Цавоби бесадоят дар баногӯшам садо мешуд.
Хамӯшии ману ту то абад гӯё дарозо дошт,
Зи дунё мегузаштам, як ишорат аз биё мешуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроциат намоед

* * *

Дар пешвози ту қади раъно шикастаам,
Сар паст карда, шавкати боло шикастаам.
Дуздида бингарӣ ба по аз осмони кибр,
Аз сар ғурури шӯҳрати барпо шикастаам.
Барнотарин латофатӣ, эй эътибори ҳусн,
Беэътибор қомати барно шикастаам.
Мину баландтолеъ аз минои худфурӯз,
Ин нилгунии ба ҳам моно шикастаам.
Дасти талаб кашидаам аз домани қазо,
Бо шасти хеш панҷаи панҷо шикастаам.
Пур аз ҳавову дилтиҳӣ сарҳуйшишаҳо,
Сарводамаст шишаи сарво шикастаам.
Яхпеч дида айнаки чашмони обрав,
Бо теғи чашм тоқати сармо шикастаам.
Шеъри сафед гуфта, намак хӯрдаам басе,
Дар хони хеш ҳасрати ҳалво шикастаам.

* * *

Ман дар ин раҳ ҳамчу бонги корвон бархостам,
Не дар аввал, не дар охир, дар миён бархостам.
Осмон ҳарчанд борашро ба дӯшам афканад,
Бесутунам, чун сутуни осмон бархостам.
Чарх зад гардуни гардон дар сари манончунон,
К-аз замин ҳамчун сабукрӯҳаш гарон бархостам.
Ҳафтрангии замонам бурд ранги мӯи ман,
Рост будам аз азал, рангинкамон бархостам.
Парчами Наврӯз будам баъди борони баҳор,
Тундараш биншонда, тунду барқҷон бархостам.
Сабз гардидам зи оби абруи моҳи наваш,
Субҳ аз меҳроби саҷда навҷавон бархостам.
Аз тавоноӣ шикастам мисраи шеъри сафед,
Ин ғазал чун қатъ кардам, нотавон бархостам.

* * *

Боз шаб маст шудам, шиша шикастам, рафтам,
Шеър дар лаб, қадаҳи лола ба дастам, рафтам.
Нигаҳат сарзаниши кибру ғурурамро дошт,
Саркашӣ карда, дари боз бубастам, рафтам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Остинам бикашад дастаи дар сӯи дарун
Ба ҷунун ҳалқаи занҷир гусастам, рафтам.
Чун саҳар сард кашид оҳ, ба ҳушёрии дард
Рӯи бистар ба хаёли ту нишастам, рафтам.
Рафтаму пеши дарат сар biниҳодам чу Камол,
Ба сагат шеъри хушомад бинавистам, рафтам.
Ба паси дасти ишорат «набиё!» гуфтӣ, лек
Ба ту ман баски бадомӯз, биҷастам, рафтам.
Тавбаи масти гарондард сабук мешиканад,
Ғазале гуфта равон, тавба шикастам, рафтам.

* * *

Шаб хамӯшу ҷони пурғавғои ман ором нест,
Саргаронам то саҳар, таскин ба ҷонам ҷом нест.
Ҷодапаймоӣ кунам аз субҳ то бегоҳ, лек
Ҳар қадам бинам хабаркаш, марди хушпайғом нест.
Сад каси камёб ояд рӯ ба рӯям комёб,
Ҳар каси ноком менолад, ки ширинком нест.
Хуш бувад хушном дар паҳлӯи ман ҳамроҳи нек,
Ҳар қадар афзун бувад бенон, вале беном нест.
Андалебон бурдаанд аз ёд ҳусну ишқи гул,
Баски сад гул лоиқ акнун бо ҳазорилҳом нест.
Умр ҷорӣ байни соҳилҳои ҳасту нестист,
Зиндагӣ бефайз, чун шоистаи айём нест.
Маст пур дар мастаба, ҳушёр масти дабдаба,
Дар тарабгоҳи муҳаббат Ҳофизу Хайём нест!
Ҳар ҷарида пурхабар, ҳангомапечу пурхатар,
Беғараз ҳангомаҷӯ ҳам дар ғами ҳангом нест.
Кор бегаҳ мешавад анҷом, аммо ними шаб
Мешавад оғоз бозор, они хушфарҷом нест.
Метапад дар бистараш чун Маҳками Пӯлод хоб,
Шамъ месӯзад ба ҳолаш, пухтаро бин, хом нест.

* * *

Ишқат бузург мекунад марди хуҷастаро,
Бар авҷи арш мебарад ҳар пойбастаро.
Бикшо канору ин дағалро дар бағал бигир,
Шавқат ба шӯр оварад дар худ нишастаро.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дастам ба гарданат, аё оҳуи нозанин,
Бо ноз сарфароз кун гарданшикастаро!
Ҳуснат баҳори дигаре орад ба умри ман,
Ҷавлони барқзан бикун ин ҷони хастаро.
Дастат чу боли қу кашад гирдобро ба худ,
Бо лаб бипӯш водаҳан оҳи бичастаро.
Чашмат ҳузури ҳозиру ҷодуи роздор,
Боре кушо ҷаҳони худ ин чашмбастаро.
Лабҳот мекушад маро охир ба хандааш,
Ширину шӯр бишканӣ хандидапистаро.
Шеъри нагуфтаам шавад девони ишқи ту,
Гулпӯш мекунам ҳама сатри шикастаро.
Ситори изтироби ман ноҷӯр шуд, бигир,
Нохун бизан, бубанд ин тори гусастаро.
Баски ба меҳри ту бишуд килкам ҷаҳонкушо,
Бо сеҳри ишқ во кунам дарҳои бастаро…

* * *

Оҳ, дилсанг, зи ишқат шарар ангехтаам,
Меҳрборон ба сарат нури Худо рехтаам!
Оҳро куштаму дар пунбакафе печидам,
Нашав ошуфта, ки дар кокулат овехтаам.
Вусмаи тар шудаму об ба абрӯят рафт,
Сабз шуд абрӯят аз обруи рехтаам.
Ранг болида, зи абрӯт парид охири кор,
Тоқи меҳроб бишуд тоқати бигрехтаам.
Бори саҷҷода камон кард қади чун тирам,
Зада пешона дар он, шӯр барангехтаам.
Хол-хол аст кунун гардани мусичаи мо,
Пеши Мӯсобача ман дони гунаҳ бехтаам.
Тезтоз аспи замон бурд нишонам то дур,
Ҳамчу пайкони вафо оҳи худ оҳехтаам…

* * *

Зиндагиро маст кардам бо хаёли чашми ту,
Бе хитобу бе ҷавобе бар суоли чашми ту.
Боз абрӯи каҷат болиду хобамро паронд,
Шаб ҳама шаб ёд кардам аз ҳилоли чашми ту.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сайр кардам олами қудсии дуродурро,
Нуқтаи сайёраам гардид холи чашми ту.
Аз ҷамоли нуриён зеботар андоми гулат,
Нур гиранд ахтарон ҳам аз камоли чашми ту.
Дар биҳишти осмон ҷое надидам инчунин
Нозпарвар оҳуе ҳамчун ҷамоли чашми ту.
Хонаи чашми фаришта бетароват будааст,
Дар қиёси обгин ҷоҳу ҷалоли чашми ту.
Миҷҷаат хамбиду тори орзуямро гусаст,
Чашм пӯшидам дигар дар сояболи чашми ту.

* * *

Дар ҳама шӯру мағалҳом амалҳоят ҳаст,
Дар ҳама шеъру ғазалҳом мағалҳоят ҳаст.
Дар ҳама хандаи ҳарфам задаӣ қаҳқаҳаҳо,
Дар ҳама лаҳзаи илҳом ғазалҳоят ҳаст.
Дар ҳиҷоям махали шӯришу нозат пинҳон,
Дар ҳама ҳуту ҳамалҳом маҳалҳоят ҳаст.
Асли ту васл ба ҳар нуктаи ширини хаёл,
Дар шакаршаҳди масалҳом асалҳоят ҳаст.
Эй чу гул содаю аз созу наво нозуктар,
Дар ҳаваспечи бағалҳом бағалҳоят ҳаст!
Панди чун қанди ту дар баргаки лабҳо ҳалвост,
Вом бар шеъри чу ҳалвом масалҳоят ҳаст.
Нест бар ошиқи шӯридадилу маст аҷал,
Лек то ҳаст аҷалҳом, ҷадалҳоят ҳаст!
Шомро бар саҳари васл мубаддал кардам,
Оҳ, эй асли бадалҳом, бадалҳоят ҳаст!

* * *

Оҳ, ин тирамаҳи шод хазон мерезад,
Боз дар раҳгузари бод хазон мерезад.
Сели гунҷишк парид аз шарари шохаи барқ,
Ҳамчунон шӯълаи фарёд хазон мерезад.
Банди ҳар барг раҳо гашт зи парвози хаёл,
Чун пар аз кафтари озод хазон мерезад.
Дасти имдодталаб дошт дарахти пире,
Кафзанон номаи имдод хазон мерезад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Рушди хок аст зи ҷавлони ҳавои заррез,
Баҳри фардо, бари иршод хазон мерезад.
Ҷадди пурҳасрати мо фотиҳа хоҳанд зи барг,
Кафи вокарда ба аҷдод хазон мерезад.
Сол бигзашту дигар умри дарахтон ҳам рафт,
Бод аз умри ба барбод хазон мерезад…

* * *

Мо ҳама хостаборон ба ғами оми худем,
Номбардори ҷади рафтаи бономи худем.
Ошиқем аз азали пир ба рухсори ҷавон,
Комгорем агар, куштаи нокоми худем.
Дӣ агар сафшикану сафдару сарбоз будем,
Ҳолиё афсари як тӯдаяки роми худем.
Дӯш агар маскани мо тахти баланди Ҷам буд,
Ҳолиё тоҷи сари кафтараки боми худем.
Дӯш афлок ба хумби майи мо сар мемонд,
Ҷӯши идрок фурӯ мондаю ороми худем.
Сару саркардаи мо пои тамаддун буданд,
Он қадар риштабапопечи саранҷоми худем.
Раҳбари мӯътабари мо абадан буд забон,
Ҳарф печад ба ҳиҷо, оҳ, ки бекоми худем…
Гарчи соқии ҷаҳон буд ҳакими Хайём
Бе шароби азалӣ хушклаби ҷоми худем…
Ҳар чӣ ҳам буд, кунун боз зи нав бояд хост,
Баски оғози наву ҳадяву инъоми худем!

* * *

Ваҳ, рӯиши гулдонаи Наврӯз муборак!
Ошӯби ҷавононаи Наврӯз муборак!
Гул нозкунон хандаду дунё шавад ошиқ,
Хандидани ҷононаи Наврӯз муборак!
Ҳар ҷо araқи лолаву начвои сияҳгӯш,
Пурбода тарабхонаи Наврӯз муборак!
Занбӯр асалмаст зи гулбодаи шабнам,
Шаббодаи девонаи Наврӯз муборак!
Зарбед ба мӯяш ҳаваси силсила овехт,
Кокул задани шонаи Наврӯз муборак!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ҳар шаҳпараку гулпарак аз гул шуда сармаст,
Худсӯзии парвонаи Наврӯз муборак!
Овозаи булбул ба ҷаҳон ғулғула андохт,
Ин, мӯъҷизаафсонаи Наврӯз муборак!

* * *

Наврӯзи ошиқона шуд оғози навбаҳор!
Дунё пур аз фасона шуд, эъҷози навбаҳор!
Саҳро пур аз шамимаи гулҳои хандалаб,
Овои пуртарона шуд овози навбаҳор.
Бар бодҳои раҳгузар гул медиҳад салом,
Ҳамболи бекарона шуд эъзози навбаҳор!
Аз савсане, зи шабнаме, аз пар-пари насим
Бар сӯи осмона шуд парвози навбаҳор.
Дар гардани фарози оҳувони Мевағул
Як шадда лоладона шуд гулнози навбаҳор.
Бодом аз шукуфаҳо гулпӯш чун арӯс,
Ҷонон ба як ҷавона шуд анбози навбаҳор.
Як байт турна парфишон дар саҳфаи само–
Сардафтари замона шуд оғози навбаҳор.

* * *

Офарин бод ба ишқе, ки туро маст кунад,
Гоҳ бар авҷи фалак ораду гаҳ паст кунад.
Оташе бошаду обе, ки гаҳи нозиши худ
Сӯзаду нест кунад, созадату ҳаст кунад.
Шиканад шишаи дил, орд кунад пайкари ҷон,
Ба май омезаду бо меҳри ту пайваст кунад.
Моҳ ҳам бошӣ, чу моҳӣ ба дили об занад,
Ҳамчу гирдоб туро печаду дар шаст кунад.
Аршро дуд кунад, абри саратро борон,
Гар равӣ зери замин, сабзаи вораст кунад.
Ҳамчу занбӯр забонат биканад чун булбул,
Лек аз шираи гул боз асалмаст кунад.
Чун гуле хайма занӣ, он пари парвоз диҳад,
Офтобе шавӣ ҳам, шабнами побаст кунад.
Нозам аз ишқи бузурге, ки маро одам кард,
Болам аз нози гуландом, ки барҷаст кунад…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Оҳ, ин сурати ҷонро ғами бедоре ку,
Ними шаб барқ нашуд, нуркаши норе ку?!
Шӯъла зад партави маҳтоб зи тирезаи ман,
Ҳаваси пар задани пардаи анворе ку?!
Анкабутест кунун моҳ дар ин тӯри фалак,
Пардаи абр хазад, тортани торе ку?!
Хоб аз аввали шаб марди гаронҷони хамӯш,
Зани бечора ҳаваспеч, ки ғамхоре ку?!
Тифли гаҳвора ба ғаш синаи маҳтоб пучад,
Пуч комак заданаш, шираи саршоре ку?!
Ҳама бозорнишин, ӯҳдабаро, савдогар,
Соҳиби мол куҷо, ростии коре ку?!
Гоҳ аз вазн занад, гоҳ тарозу шиканад,
Зан ба талвосаи пул, марди сазоворе ку?!
Боз хоҳӣ, зи чунин васвасаҳо бисёр аст,
Ор ояд ба қалам, сарвари бооре ку?!
Боз раҳгумзадагон ҷодаи нав мекобанд,
Қавми саргумзадаро қофиласолоре ку?!

* * *

Сарнагун шуд баъди мастӣ ҷоми мо,
Сар ба миз афканд ширинкоми мо.
Пушти по зад шишаҷон майхорае
Курсии қонуншикан айёми мо…
Рафт берун шишаи ғелида ҳам,
Пурҳавову бесар аз ҳангоми мо.
Анҷуманороии соқӣ гузашт,
Сар бишуд навбат кунун бо номи мо.
Ибтидо бигрифт Наврӯзи Аҷам,
Аз табу тоби шароби хоми мо.
Омадам сарводахон бар мастаба,
Шиша ҳам сарво шуд аз пайғоми мо.
Ваҳ, муғаннӣ захма зад бар тори дил,
Қисса шуд оғоз аз Хайёми мо…
Шуд баланд аз пешгаҳ бонги Суруш[1]:
«Во дареғ, эй ҷони нооромии мо!

[1] Шоир Абдуҷаббори Суруш дар назар аст



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Тоблуи ҷабҳаи мо пуршикан,
Аз арақҳо чакчакӣ шуд боми мо.
Гуфт он кӣ бад маро, бадном шуд,
Лек рӯзе фахрад ӯ бо номи мо.
Баски гоҳе ҳамнишини дур буд,
Шуд яқин, ки дур буд аз оми мо.
Бо ғаробат саргузашти мову ту
Мешавад оғоз аз анҷоми мо!».

* * *

То ҷавон монӣ, мабур шохи дарахти пирро,
Борвар бигзор умре шохаи тадбирро!
Барг монанди кафи бози дуояст аз азал,
То ки ҳастӣ, ёд кун маънии ин таъбирро!
Мекафонад чун шикамро гушначашмии ҳубоб,
Ашкдона пур кунад бо сабр чашми серро.
Ҳалқаҳои айнаки чашмам ба хотир оваранд
Аҳли байтамро чунон сарҳалқаи занҷирро.
Оҳ, эй айёми ширини ҷавонӣ, шод бош,
Дар ту мондам, алвидоъ гӯ, мондагори дерро!
Пойбарҷо аз пасат ларзида мегирям, дареғ,
То куҷо охир расонад роҳат ин тақсирро?!
Хоҳам аз мӯи сафедам умрро роҳи сафед,
Чун тавон таҳлиди нобарҷо хати тақдирро?!
Боз хоҳам аз сафедиҳои мӯ шеъри сафед,
Нотавон ларзад қалам бе ҳарф ҳар таҳририро.
Қолабӣ гуфтан ба дилҳо мезанад, эй тарзабон,
Нав аломатҳо бимон барҷо забарро, зерро!
Мепаронад оқибат аз шаҳкамони мо аҷал
Охирин оҳи баланди дудпечон тирро…
Осмон ҳамчун сипар буду вуҷуди мо чу теғ,
Бишканад дар охири кор ин сипар шамшерро…

* * *

Ишқро тараннум кун, эй дили ғазалхонам!
Васфи настарангӯям, эй ҳазордастонам!
Ишқи нозанин ҷустӣ, сар бишуд баҳорона
Бо таронаи борон ибтидои девонам!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чор хатти унсурӣ чор фасли солам буд,
Бо ду байт меояд чор тарзи илҳонам.
Ишқ, ишқ мегуфтам, ёр, ёр мерақсид
Дар чароғи ангурӣ дар шаби табистонам.
Дар нигоҳи ҳар ангур хӯша-хӯша мавҷе буд,
Дар шароб меҷӯшид дона-дона чашмонам.
Дар сукути маҳтобӣ тирамаҳ наво мезад,
Захманохуни маҳро тораҳои мизонам.
Ишқ, ишқ мегуфтам, нор хандакаф мешуд
Бар дили зи ғам гирён, бар лабони хандонам.
Ишқ, ишқ мегуфтам, барги заъфарон мерехт
Бар дили тилоиям, бар ҷавонии ҷонам…
Ҳар чи аз сарам бигзашт, омади саодат буд,
Номаи муҳаббат буд саҳфаи парешонам.
Ишқ, ишқ гуфтам, ваҳ, барфи лаклакӣ борид,
Ё ба шӯри пешонӣ, ё ба шавкату шонам.
Боз ҳам ба шӯри дил гарм мешавад сина,
Гарчи сард механдад бефараҳ зимистонам…

* * *

Эй ёр, бар ҷафои ту тоқат намекунам,
Бар шеваи ҷазои ту тоқат намекунам!
Нилуфар асту хандаи бо оби дидае,
Бар гиряхандаҳои ту тоқат намекунам!
Аз ҳусни ҷонфизои ту девона мешавам,
Бар нози ҷонрабои ту тоқат намекунам.
Мағрур чун нигаҳ кунӣ, масрур мешавам,
Дар боми духавои ту тоқат намекунам.
Ширин ту дард медиҳӣ бар ҷони хастаам,
Бар талхии давои ту тоқат намекунам.
Аз сидқ ваъда медиҳӣ, бо бӯса бишканӣ,
Бо тарзи ваъдаҳои ту тоқат намекунам.
Шаб менавозиям чунон бо панҷаҳои нарм,
Рӯзона бар навои ту тоқат намекунам.
Гуфтӣ, ки хат ҳамезанӣ номи маро ба дил,
Гуфтам, ки бар хатои ту тоқат намекунам!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Гаҳворатакондеҳи шабистони худам,
Ман тарбиядидаи дабистони худам.
Маҳтоби худу шамъи худу парвона,
Дар анҷумане ба кавкабистони худам.
Шабҳо чу ба табҳо бизанам боли аташ,
Ҷавволаи хирмани табистони худам.
Парвонаи шӯълаи тафаккур шудаам,
Оташзани як ҷараққаи ҷони худам.
Саргаштаи як нукта дар андешаи даҳр,
Сармондаи як нуқта ба девони худам.
Сад саҳфаю як қалам, қаламдон дорам,
Ғамхораву ғамдону аламдони худам.
Мизе ба шарофати навишт омода,
Мизбон ба расули назму илҳони худам.
Як лаҳза ба худ ояму аз худ биравам,
Меҳмони саропардаи мизбони худам.
Аз дафтари навбаҳори худ сад ғазалам,
Чун гул ба ғурур саҳфагардони худам.
Печам ба азоби кори беҳосили хеш,
Зарпечаки дарду зори дармони худам.
Бо ҳарфи тару даҳони хушк оҳ кашам,
Ман марсиягӯи мотамистони худам...

* * *

Ҷаҳонро дери дер омӯхтам афсӯс,
Зи андарзаш камак андӯхтам афсӯс.
Чунон бо суръати истораи паррон
Ба гардун чун шароре сӯхтам афсӯс.
Дилам сӯзон бишуд бар ресмони чарх,
Чу Исо чашми сӯзан дӯхтам афсӯс.
На хуршеди ҷаҳони кӯчаке гаштам,
Чу машъал гарчи дил афрӯхтам афсӯс.
Муаммо буд ҳама ҳарфи алифбояш,
Забони нуриён н-омӯхтам афсӯс.
Фалак чун фалсафӣ орому хомӯш аст,
Гаронборӣ фақат андӯхтам афсӯс.
Сипардам ҷодаи сад Каҳкашонашро,
Ба кайҳони дили худ сӯхтам афсӯс...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Ҳарчӣ ҳам буд, шукр, парвози ҷавонӣ кардаем,
Болупарсӯзон хаёли осмонӣ кардаем.
Дар замоне, ки ҳама побанди молу чиз буд,
Пораҳою даство мо даврронӣ кардаем.
Дар замоне, ки дари майхонаҳо пӯшида буд,
Дилкушоду боддасту комронӣ кардаем.
Дар талоши ҷоҳ меканд осие чоҳе ба роҳ,
Осиё гаштему деҳро пуштибонӣ кардаем.
Ончунон аз хеш рафтем, оқибат тӯфон шуда,
Кӯ ба кӯю дар ба дар доманкашонӣ кардаем.
Ҳамбаре чун санг мезад шишаи ҳамсояро,
Шишаи дил дар бағал мо посбонӣ кардаем.
Чун кулаҳ аз сар гирифтем, орзуи тоҷ кард,
Сар гарав мондем бо худ, ҷонфишонӣ кардаем.
Чун ҷаҳон меҷуст сулҳи кул миёни ҳамзамон,
Бо забони хештан ҷанги замонӣ кардаем.
Ҳарчӣ пеш омад, ба пешонӣ зада мушти гарон,
Орзуи зиндагии ормонӣ кардаем…
Аз забони килки мо айём мехонад шиор,
Шеърро парчам ба дасти зиндагонӣ кардаем!

* * *

Ғазалхон омадам чун аз азал, фардо чӣ мегӯям?!
Ниҳоят мешавам чун бо ғазал, фардо чӣ мегӯям?!
Бузургон ончунон доди сухан доданд беамсол,
Мисоли кӯдакам чун дар масал, фардо чӣ мегӯям?!
Шикастам банд-банди мӯҳраи сатри равонамро–
Сутуни Бесутунамро дағал, фардо чӣ мегӯям?!
Магасвор ончунон печидаам бар хонаи занбӯр,
Шавад кандуи маънӣ беасал, фардо чӣ мегӯям?!
Баҳорам н-омада, анвои наврӯзӣ ба хон орам,
Биёмезад ба ҳам ҳуту ҳамал, фардо чӣ мегӯям?!
Муғул омад, на номи Меваҷул монду на маънояш,
Хамӯшу безабон бо сад мағал фардо чӣ мегӯям?!
Кунун сад ҷода бикшоям, ки пайвандам ҷудоиро,
Ба саҷҷода нишинам бе маҳал, фардо чӣ мегӯям?!
Китобамро кушодам, то зи Ҳофиз фол бикшоям,
Парешон коғазам шуд як бағал, фардо чӣ мегӯям?!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Найчаи нур макад шабнами маҳтобиро,
Шӯъла бо хеш барад оинаи обиро…
Акси хуршед шавад ғарқ ба як қатраи соф,
Мебарад пок фурӯ вусъати бетобиро.
Наргис аз кунҷи чаман нозкунон менигарад,
Баски бемор бидонад табу бехобиро.
Нафаси гарм дамад аз бағалу пушти насим,
Ҳар тараф ҷилва диҳад кокули партобиро.
Хандад аз тоқи фалак шамс ба қоқу дар чошт–
Хира кардӣ ба назар хандаи маҳтобиро!
Нозад аз синаи нарм оҳкашон пуштаю тал,
Ҳаври абр об кунад пардаи симобиро…

* * *

Ҷавонӣ рафту андарзи ҷавонӣ монд бо ҳасрат,
Чу дарди бедавои зиндагонӣ монд бо ҳасрат.
Гуноҳу изтиробашро, ба ҳимматҳо савобашро,
Ғазалҳою китобашро равонӣ монд бо ҳасрат.
Ба армон омаду озурдагиҳои қазоро дид,
Умеду орзуро ормонӣ монд бо ҳасрат…
Паронд абрӯю ёраш рафт монанди парастуе,
Дили худ дар навори осмонӣ монд бо ҳасрат.
Чунон ҷоми нанӯшида дилаш пур буд, ошиқ буд,
Ба рӯи мизи худ ратли гароне монд бо ҳасрат.
Зи бешу кам нанолида, зи тобу таб наболида,
Фақат ёд аз каму аз комронӣ монд бо ҳасрат.
Навишта номаи сарвои худро сабз андар сабз,
Миёни дафтараш барги хазоне монд бо ҳасрат.
Ҳавои айнаки рангин ғурури чашми равшан буд,
Виқори қадди худро дар камоне монд бо ҳасрат.
«Кабутар бо кабӯтар, боз бо боз» аст ин дунё,
Ба қалби ошноён ошёне монд бо ҳасрат.
Ҷавонмардона месанҷид ҷонашро бари ҷонон,
Канори тангро чун бекаронӣ монд бо ҳасрат.
Тавонгар буду дастонаш ба дилбар достоне буд,
Ба товон дасту пои нотавонӣ монд бо ҳасрат.
Агарчи сад далели пирӣ осори ҷавониҳост,
Пас аз худ сад нишони ҷовидонӣ монд бо ҳасрат.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

* * *

Мо дар ин даҳри дудар яксара ҳамҷода шудем,
Баски бо ҳукми азал ҳамбари ҳам зода шудем.
Бо бузургони абадзинда чу ҳамқисмату ор
Дар таги дори қазо сарвари озода шудем.
Бо ҳама рафта кашидем азоби равуо,
Бо ҳама омадааш дар сафар омода шудем.
Рӯзу шаб аз қадаҳи бодаи ҳастӣ мастем,
Рӯзбода саҳару бегаҳӣ шаббода шудем.
Доманафшон чу гул аз хоки баҳораш хезем,
Ба тамошои чунин манзарааш дода шудем.
Пухта мекард ҳама хому хаталро амалаш,
Меваи тирамаҳонем, ки афтода шудем.
Бо мураккабҳавасӣ зиста бечораю зор,
Бо ҳама печиши ғам ҳавсалаи сода шудем.

* * *

Мурғони муҳоҷир омаданд аз раҳи дур,
Чун шаддаи турна рехта аз хати нур.
Дар хонаи кӯҳнааш парасту муллост,
Аз субҳ ба чӯҷа хонад ӯ хутбаи сур.
Мусича ба хас лона натонад, созад,
Пас чун бишавад ҷаҳони Мӯсо маъмур?!
Ку, ку?! Ҳама ҷустуҷӯи дунё сабабист,
Мурғон асабӣ, хурӯси якто мағрур…
Чун ҳоли мусофиру сафир, эй тоир?!
Ду бому ҳаво – шеваи гуфти кару кӯр!
Ҷӯёи хазина шуд хазон умри касон,
Дур аз ватани хеш муҳоҷир маҳҷур.
Донои замон масал кунад ҳоли маро:
«Ҳоло ту чӣ тавр, зиндаӣ, ҳол чӣ тур?!»

* * *

Ҷаҳон бекас бувад бо лак-лак инсонаш сағиронро,
Қиёси ҳол кун бо хеш аҳволи кабиронро.
Замин гардону гардун чарх гардад, зиндагонӣ низ,
Назар кун аз чунин гардуна ҳоли беназиронро.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Савори як сафина габру муслиму масеҳияш,
Куҷо бе нохудо киштӣ барад ҷамъи асиронро?!
Муаммои дигар беҷодагии ҷумла инсонҳо,
Бузургӣ он бувад: огаҳ кунӣ бераҳ дабиронро!
Тамоми даҳр ҳамчун бешазори бегузаргоҳ аст,
Гузор аз ҷангалистон чун бувад ин ногузиронро?!
Намедонам, чаро майдонғарибон он қадар бисёр,
Натонӣ берун овардан зи ҷогаҳ хонашеронро.
«Замин – зан, осмон мард[1] аст», инсонҳо–мусофирҳо,
Чаро зан сар фуруд овард шарти сиғагиронро?!
Ҷавонпир аст бе посух ба милёнҳо суол одам,
Магар аз ёд бурда арш фарши хомширонро?!

* * *

Қатъи суол мекунам бо худу андешаи худ,
Бас бувад оташ заданам дар камари бешаи худ.
Сӯхт суоли беҷавоб, оҳ, забони сабзи барг,
Монд дарахти ҷони ман сабз ба як решаи худ.
Тохт аташ ба шаҳрагам, хушк шуд оби ҷабҳарез,
Чун ба сароб барҳадар об диҳам тешаи худ?!
Дар хасу ғеши мӯи ман мӯя занад тафаккурам,
Бофтаам тору пуди фикри худ аз ғешаи худ.
Фикри баланд мекашад ҷони маро ба дори хеш,
Бастаам оҳу воҳ дар риштаи андешаи худ.
Бодазанию шоирӣ – пешаи пеши рафтагон,
Боз раванду меравам аз паси ҳампешаи худ!
Соғари шишаҷон куҷо, ҷилваи нозу майкашӣ?
Маст бағал кашам кунун соқии бешишаи худ…

* * *

Ҳангомаҳои оми ҷаҳон бар дилам задаст,
Ҳангигарии хоси замон бар дилам задаст.
Бовар намекунам, ки чунин бефару каранд,
Аммо чарову чун, ки чунон бар дилам задаст.
Бедоварии давраи давронхаридаро
Довар чаро шавам, ки ҳамон бар дилам задаст?!

[1] Таъбир аз Мавлавӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҷавлонгузар, ки бар сари мо пой meниҳад,
Бар осмон равад, ту бимон, бар дилам задаст!
Дар ҷодаҳо хазида равад ҳамзамони ман,
Як кӯча покашону хазон бар дилам задаст.
Тезанд дар мизоҷу вале кунд дар мазоқ,
Берангубор завқи ҷавон бар дилам задаст.
Кар шуд халоиқу, аҷабо, кӯр низ ҳаст,
Бесарравии кӯру карон бар дилам задаст.
Подарҳаво шавад суханам, нукта ҳам магир,
Назми шиори подаравон бар дилам задаст!

* * *

Як шаби танҳоиям бигзашт бо маҳтоби ту,
Чашмаи афлок будӣ, нӯш кардам оби ту!
Даст симин, сина симин, мавҷи печопеч ҳам,
Метапидам дар миёни шишаи симоби ту.
Гирди рӯят зулфи симин дар кафам пар мекушод,
Тоб мезад гирди лабҳоям таби гирдоби ту.
Нозболин нозбӯи мӯт хоболуд кард,
Парпарак мезад ба миҷгонҳот чашми хоби ту.
Изтироби панҷаамро панҷаи ту мешикаст,
Бар дилам ангушт мезад мавҷаи Панҷоби ту.
Шӯри ҷонам кард балво, чун бағалво омадӣ,
Бо адаб биншонд ошӯби маро одоби ту.
Чини абрӯят чу қамчине ба тори сар хамид,
Тоқати мо тоқ шуд дар саҷдаи меҳроби ту.
Пас илоҷе ёфтам, бӯсидам ангуштони пот,
Хам шудӣ, дидем хандоханди оламтоби ту!

* * *

Шеваи оҳубарра буд манзараи чамиданат,
Сар ба сарам ниҳода, пас нозкунон рамиданат.
Дуздии чашми оҳуят дуздии мардумона буд,
Хӯшаи абрӯи каҷат – нусхаи сар хамиданат.
Нуқтаи холи ту яке зомини дил ниҳоданат,
Донаи гандуми гунаҳ хӯрдаю орамиданат.
Васвасаи висоли ту силсилакокули шаб аст,
Синаи субҳи ширгун тобу таби дамиданат.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Кибри сари баланди ту нози ҳавои дағдаға,
Аз бари мо гузаштанат, лек маро надиданат.
Тақ-тақи пошна задан замзамаҳои обшор,
Тар шуда аз шаршараҳо, дар дараҳо чакиданат.
Раҳ ба раҳат ба лолаҳо доғи дилам фишондаам,
Ҳар қадамат нишона аз бӯсаи доғ чиданат.

* * *

Ёрон, ба қадаҳ май накашидед, аҷаб нест,
Як қатра ҷигархун начашидед, аҷаб нест!
Воруна шуда соғари гардун ба сари мо,
Чун рост агар чаппа надидед, аҷаб нест!
Гулдонаи заррин ба таги пой нисор аст,
Нонрезаи раззоқ начидед, аҷаб нест!
Ризқи азалӣ бо қадами омада ояд,
Сад бор агар гуфта шунидед, аҷаб нест!
Ногуфта намонад, ки шумо ҳамсафари мо,
Садроҳа ба як марра расидед, аҷаб нест!
Ҳамраҳ бувад он кас, ки зи қисмат нагурезад,
Хоҳ ом шумо, хоҳ саидед, аҷаб нест!
Дуранг бувад олами мо, балки дусадранг,
Дунболи сияҳ ранги сапедед, аҷаб нест!
Сад гуна бувад шому саҳар дар бадали умр,
Дар субҳи азо, ё шаби идед, аҷаб нест!

* * *

Мо ба ин даҳр надонем, ки кай омада будем,
Хаймаи хеш ба ин истгаҳаш кай зада будем?!
Ношиносем агарчанд, шиносем ҷаҳонро,
Гӯӣ якчанд карат чун саҳараш омада будем.
Баски ҳар қатраи шабнам ба назар ашки сари мост,
Сабҳагардон, ки бувад умр, чу марҷоншада будем.
Оташин буд худо дар назари олами мавҷуд,
Як замон мову ту ҳам мӯъбади оташкада будем.
Савмаа буд баробар ба работи раҳи улвӣ,
Бо ҳама роҳиби тарсокада дар як рада будем.
Меҳргон буду хароботу шаробу дафу соқӣ,
Дар тарабхонаи дил масти дусад мастаба будем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳаққи обои баландахтари мо буд зи Обон,
Хӯшачини раҳи саҳрои адам дар Сада будем.
Баҳри дандони расулаш ҳама дандон бишикастем,
Дар раҳаш бодияшин гаштаву мафтуншуда будем…
Ҳама он майкадаҳои сари раҳ майзада парвард,
Чун шаробӣ ғами офатхӯри ҳар майкада будем…

* * *

Дар кӯчаҳои шаҳрагам маънии май девона шуд,
Ин кӯчагарди лоақил дарди сари майхона шуд.
Мастии мо андешаи Суқрот пушти по бизад,
Занҷири фикри печ-печонат маро завлона шуд.
Ёди ту кардам, эй ҳама дунё ба ёдат банд, банд,
Як шамъ сӯзон кардаӣ, дунё ҳама парвона шуд!
Мастию афтодан шикаст оинамавҷи изтироб,
Чашми хаёлангези ту марғубии афсона шуд.
Афсонаро афсун кунӣ, камёбро афзун кунӣ,
Мӯи дарози фикр ҳам кӯтоҳ дар як шона шуд!
Ин силсила дар як қатор аз роҳи оҳан бигзарад,
Оҳантану оҳансарам, қалбам чу оташхона шуд.
Парвози мо тайёрасон он қадр саҳлу бегумон,
Дар пушти абри осмон бар фикри ман сад лона шуд.
Бо ин ҳама рафъат маро побанди хокат кардаӣ,
Дар нӯҳ фалак баҳри дилам як заррасон ҳам ҷо нашуд.
Дасти туро бӯсидаам, бонуи гулгункаф, ҳино
Рӯи кафи беобила нақши гулу гулдона шуд!
Охир туро дарёфтам андар канори гарм, лек,
Эй беқиёсу бебадал, сирри ниҳонат во нашуд!

* * *

Ишқ гӯӣ, бар сарат гулбарг борад ранг-ранг,
Дил даруни сина сад оҳанг дорад ранг-ранг.
Ишқ гӯӣ, осмон бо ин қадар рафъат туро
Бори ду дунё ба дӯши дил гузорад ранг-ранг.
Ишқ гӯӣ, офтоб аз ин қадар дурии дур
Бар ниҳонгоҳи замират нур орад ранг-ранг.
Абри найсон доман аз Кавсар кашад бо шавқи беш,
Дурру гавҳар аз сарат бо завқ борад ранг-ранг.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Накҳати гумкардагесӯ аз гузаргоҳи биҳишт
То ба кунҷи хилватат худро фишорад ранг-ранг.
Ишқ гӯӣ, мурғаке ширин тараннум мекунад,
Лонае дар синаи гармат гузорад ранг-ранг.
Гарчи бошӣ хастаҳоле, оламат дигар шавад,
Навҷавониро дигарбора биёрад ранг-ранг.

* * *

Муҳаббатро муқаддас дон, ҷавонӣ бигзарад, эй гул,
Ҳазорон рангубори зиндагонӣ бигзарад, эй гул!
Дусад булбул шавад ошиқ, насибатро намедонӣ,
Ғанимат дон баҳоратро, замоне бигзарад, эй гул!
Ҳавас чун гулшани рӯъё, чӣ ширин хобҳои ту,
Дилоройӣ, ғурури осмонӣ бигзарад, эй гул!
Ба ҳусни беқиёси хеш дунёро кунӣ зебо,
Гулафшонии аҳди бехазонӣ бигзарад, эй гул!
Фақат ёди хуше аз комгорият фараҳ бахшад,
Дар ин дурӯза дунё комронӣ бигзарад, эй гул!
Фақат меҳри бузурге ҷовидон хуршедсон монад,
Чунин ишқи бузург аз бекаронӣ бигзарад, эй гул!
Саропои ҷаҳон як рӯз охир мешавад дигар,
Муамморо чунин донӣ, надонӣ, бигзарад, эй гул!

* * *

Гар сипар бар худ наӣ, шамшер нашносад туро,
Ё нишон аз худ намонӣ, тир нашносад туро.
Оҳҳоят сард бошад, гармии дил меравад,
Оҳ бетаъсир шуд, тасвир нашносад туро.
Қадри ёри хешро донӣ, канорат пургул аст,
Гар шавӣ беқадри худ, тақдир нашносад туро!
Умри худро пирҳо дар навҷавонӣ дидаанд,
Қадри навболӣ надонӣ, пир нашносад туро!
Якраҳу якрӯю яккавлу якоин бош, лек
Якраву дубин машав, тазвир нашносад туро.
Рӯбаҳафкорон ба фикри раҳзанӣ биншастаанд,
Шер шав дар роҳи худ, тадбир нашносад туро!
Дастбанду пойбандӣ саҳл дар пеши аҷал,
Бе забон монӣ, забар, ҳам зер нашносад туро!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Офаридам хешро бо dардҳо аз ишқи ту,
Оҳ гаштам, растаам бе гардҳо аз ишқи ту.
Сабз гаштам, муғча бастам, гул кушодам раҳ ба раҳ,
Таҳ ба таҳ пурганҷ шуд огардҳо аз ишқи ту.
Рӯҳи ман парвоз кард аз ошёни дастҳот,
Ин ҳама эъҷозҳою кардҳо – аз ишқи ту!
Дил тапидам, қад кашидам, сар ниҳодам, оқибат
Гарм кардам синаи дилсардҳо аз ишқи ту.
Бо ҷавонмардӣ кашидам сад никоб аз рӯи хасм,
Сурх кардам рӯйҳои зардҳо аз ишқи ту.
Пеши поят рехтам оби ҷабину оби рӯ,
Бод кардам Ганҷи бодовардҳо аз ишқи ту.
Шодмона зистам, чун шод будӣ, шод, шод,
Бурда бо худ дардҳою дардҳо аз ишқи ту…

* * *

“Гар барӣ даст ба оинаву дар худ нигарӣ”[1],
Нек дарёб, ки дар олами маънӣ дигарӣ.
Шиша ҳам чашм бипӯшад зи сиёҳии шабат,
Дили оина кушояд ба сафои саҳарӣ.
Шавад олам зи ҳама радду бадалҳо комил,
Ба худ ой ту ҳамон гоҳ, ки аз худ гузарӣ.
Ба яке пой мапӯ гирди ҷаҳон чун паргор,
Ба дилат роҳ кушо, ҷумлаи олам сипарӣ.
Ин ҳама хокфурӯшон ба Ватан зор шаванд,
На худу ғайр шиносанд аз ин бебасарӣ.
Хоҷа, имрӯз замин шуд ба лаҳад рӯгардон,
“Шарм дорӣ магар аз мо, ки ба боло нигарӣ?!”[2]
Мо ҳам охир биравем аз паи ҳам нолакунон,
Кош аз пастии ин хок ба боло бубарӣ!
Гавҳари пок вале дар дили Сайҳун монад,
Чун насиби каси волохираду тоҷваре...

[1],2, Ин сатрҳо аз Камоли Хуҷандист



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Нола кун, чуғд, ки вайрона бишуд синаи ман!
Гашт яксони замин манзили деринаи ман!
Шишаҳо чашми умеданд, парасту н-ояд,
Пардағам баста дигар дидаи оинаи ман.
То куҷо паст шуда боми сарам, донӣ, дӯш
Бесутун буд агар то ба фалак зинаи ман!
Суғдаму Бохтарам, лек чӣ монд аз ҳама фар?!
Бемаҳал аз маҳалам ронд маро кинаи ман!
Ҷоми Ҷамшед тиҳӣ, косаи сарҳо ҳама хушк,
Пур шуд аз хуни дилам соғари нӯшинаи ман!
Офтоб аз фалак афтад ба сарам, гар нашавад
Хубтар чеҳраи фардои ман аз динаи ман!
Мебарад номи маро боз ба оядаи нек
Номаи пуралам аз пораи поринаи ман...

* * *

Оташпарасти донаи нори лаби туам,
Аз дудмони оҳи сипанди таби туам.
Толибсаводи мадрасаи фикру хаёлҳо,
Андешапарвари ҳаваси мактаби туам.
Як умр бохабар зи ниёзи дили манӣ,
Бебаҳра толибе ба ҳама матлаби туам.
Як осмон ситораи розофарин туӣ,
Як шӯъла партави назаре дар шаби туам.
Ҳарчанд дар миёнаи арзу самостам,
Берунфитода осие аз қолаби туам.
Гарчи ҳазор ҳизбу ҳазорон равияӣ,
Эй ишқи ҷовидона, ба як мазҳаби туам!
Гум мекунию ҷуста наёбӣ дигар маро,
Наззораам аз осмон, як кавкаби туам…

* * *

Таассуф хурдаам чун гушнадил аз кулчаи рӯят,
Қаноат бастаам дар пои дил аз тори гесӯят.
Муаллақ мезанад дил мавҷ андар мавҷ дарёро,
Надидаст инчунин моҳӣ касе дар мавҷаи мӯят.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чу рангам ашки ғам дар ҷӯи ожангам шиновар шуд,
Тапидам дасту пои саҷдаро дар ҷодаи кӯят.
Сапедию сиёҳӣ мардумонро сер медоранд,
Ғизо аз гушначашмӣ ҷустаам аз ғозаи рӯят.
Чунон чун лонаҳои достакҳо хонаам холист,
Баҳорон мужда меорад парастуҳои абрӯят…
Гулистонро хабар деҳ, эй сабо, аз омади Наврӯз,
Ки доман-доман афшонад ҳаворо накҳати бӯят!
Навори шаддамарҷон турнаҳоро шомгоҳон бин,
Ки умрат дастқаппон меравад аз чашми ҷодуят!
Худоё, интизорам ношиносиро, ки меояд,
Бидӯзам дидаро аз чорсӯи хеш бар сӯят!

* * *

Ба роҳат меравам, ҳамбар шудам боз,
Хати пешонаи дафтар шудам боз.
Аз озорат таассуф мехӯрад дил,
Саропо шӯълаи озар шудам боз.
Фақат як дона ашкам мечакад зуд,
Аҷаб, фаввораи Кавсар шудам боз.
Ту аз Замзам биёрӣ шишаи об,
Гулобам, ҳастии соғар шудам боз.
Дар аҳдам нест баски кӯзасозе,
Шароби шишаи лоғар шудам боз.
Намакдонро шикастам, ҷоғро низ,
Гиреҳ бар муштаки ҷоғар шудам боз.
Бирафтам берун аз кошонаи худ,
Ба тарсобаччае додар шудам боз.
Гирифторам ҳанӯз, эй бемурувват,
Назарбоз аз паси чодар шудам боз!
Гиреҳҳоро кушодам гарчи сад бор,
Фиреби маншаи довар шудам боз…

* * *

То оҳ фиристодам, хок оҳ шуду бархост,
Як ламъа зи нури ман чун моҳ шуду бархост.
Печид раҳи боло бо Коҳкашон поён,
Аз домани афшонам чун коҳ шуду бархост.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хуршед хаёлӣ буд дар сурати андеша,
Юсуф чӣ гунаҳ карда, дар чоҳ шуду бархост?!
Абре чу Зулайхо шуд гиряндаю боранда,
Рӯ кандаю мӯ канда, чун оҳ шуду бархост…
Зарпечаки барқеро аз чини ҷабин чидам,
Пар чида зи каф хатте чун роҳ шуду бархост.
Кавсар ба хаёли шаб як қатра чакидастам,
Аз тоати шабнам субҳ огоҳ шуду бархост.
Афкандамаш аз курсӣ то фарш биорояд,
Ороста суратро ӯ шоҳ шуду бархост.
Субҳи дигаре ояд, эй беамал, огаҳ бош,
Ваҳ, як махал имрӯзам бегоҳ шуду бархост!

* * *

Дилфарохо омадам, эй ишқу исёнҳо,
Мезанам саргум дигар дар ҷӯши тӯфонҳо!
Бо кӣ будӣ мунтазир, эй ширполуда,
Медамад аз синаат кафки гулистонҳо!
Ман саропо сабзармон омадам аз дӯш,
Эй вуҷудат орзу, эй ҳусни армонҳо!
Дилбараҳна, сарбабоду пойлуч будам,
Ташнаи ишқу муҳаббат, лутфи боронҳо…
Як ҷавони боддасти содае будам,
Эй ғурури ишқи ман дар шеъру дастонҳо!
Дар мураккаб гуфтани ман содагии туст,
Мисраам тазмин чу аз чоки гиребонҳо.
Печ дар печи хаёлам мекунад тақлид
Бар ҳарири мавҷ андар мавҷи домонҳо.
Эй канорат олами ширини бедодӣ,
Кай ба додам мерасӣ, бигзашт давронҳо?!
Дар гарав бошад тану ҷону ҷаҳони ман
Бо ту, эй умри ҷавонии гаравгонҳо!
…Ёд кардам боз чашмони хуморолуд
Дар ниҳоятгоҳи умр, эй ҷаннати ҷонҳо!

* * *

Ба дидорат расидам, лек, эй ҷон, муддао дигар!
Ту чашмонам даво кардӣ, ба қалби ман даво дигар!
Нигоҳат менавозад умқ-умқи изтиробамро,
Ба ҷони интизорам пардабозии наво дигар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Биё, эй лаззати рӯҳонии шабҳои бехобӣ,
Ба рӯзам омадӣ, ҳар субҳи содиқро ҳаво дигар!
Саҳар дар сад забони миҷҷагонам исми нуронит,
Зи бас ҳар рӯзи умрамро ба номат ибтидо дигар.
Ҷавоби илтимоси ҳамчу мо н-ояд шаборӯзон,
Бурун кун пунба аз гӯш, эй фаришта, илтиҷо дигар!
Ҳазорон чашм мехоҳад, ки донад, рози ишқ аз чист,
Вафою сидқи ҳар маҷнун дигар, ҳар мубтало дигар!
Чашидам шарбатомези ғами ширину талхатро,
Мазоқи кам, марав ширин, мақоми ғам, биё дигар!
Тамоми умр танҳоям, бузургӣ инчунин бошад,
Ки фардо мешавам оғоз, баски интиҳо дигар…

* * *

Ба нохун меканад ҷӯ Кӯҳкан дар хораи дилҳо,
Вале дар пои хусравҳо нагун ширингшамоилҳо.
Ғурури Бесутунро нози як дилбар фурӯ афканд,
Сикандар мехӯрад афсӯси нозонози ботилҳо.
Дари ганҷинаи Кайро шикаст оҳанги қаттоле,
Ба Рустам дер орад нӯшдору нешқотилҳо.
Сароби Карбалоро офиятобод пиндоранд,
Зи тири куфр афтода нишон аз пои бисмилҳо…
Чакида хуни Исо раҳ ба раҳ то осмон гул кард,
Зи хуршед оварад бӯе салиби оҳи комилҳо.
Ба эъҷози карам бинӣ ба рӯи об қасри нур,
Бино кардаст пиндорӣ дами Исо зи соҳилҳо.
Чаро тифли муқаррабро зи домонат раҳо созӣ?!
Ба дасти хеш мегиранд атфолат муқобилҳо!
Ҷаноби мағфиратгустар ба хонум пойбанде гашт,
Қаноат мекунад дигар ба хандоханди бедилҳо.
Шуҷоат шал, ҷасорат кар, ҷавонмардӣ фурӯсар шуд,
Бубин кӯрони раҳкашро, ки безоранд оқилҳо…

* * *

Нарасид умри кӯтаҳ ба ниҳояти нумӯям,
Нарасидаам ҳанӯзам ба канори ҷустуҷӯям.
Ба ғуруби офтобам ҳамагӣ ҳазор сол аст,
Аҷабо, чӣ гуна шамсам, ки надидаӣ тулӯям?!
Ҳама ризқи розиқонро бикашӣ ба нӯки сӯзан,
Гузарад чу ришта аз чашм ба офати гулӯям.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ба замин чу дона афтад, дами навбаҳор рӯяд,
Аҷабо, чу дона, донӣ, ба дусад замон нарӯям!
Талаби ҳазордастон зи Худо висоли гул нест,
Ҳама иқтидои булбул ба ман асту ман нагӯям.
Бикушо канори гармат ба ҳавобаланд қомат,
Ки на сарв мехиромад ба намози оби ҷӯям…
Ба уфуқи тарҷабин бин, ба камони ҳафтрангаш,
Ки маро мисол гирад ба шабеҳаи рукӯям.
Хабари суҷуди моро ҳаваси ниёз санҷад,
Ба миён на роз монда, на риёзати накӯям!
Ба инояти самовӣ раҳи мо дароз бошад,
Ба абадгаҳаш шитобам зи қафои орзуям…
Ба кӣ гуфтаам диламро, ки ҳанӯз нокифоя
Ҳама нуктаҳои сарпӯш зи тарзи гуфтугӯям?!

* * *

Аз қарори охиринам беқароронро бигӯ,
Фош созам сирри пинҳон, роздоронро бигӯ!
Пардадар шуд хомаи афкор ҳам шамшерсон,
Афканам деворҳоро, пардадоронро бигӯ!
Барқҷавлон меравад аз соатам умри абад,
Мерасам бар боргоҳаш, шаҳриёронро бигӯ!
Коми дил настондаам аз дилбари камёби худ,
Комёбӣ мекунад ҷон, комгоронро бигӯ!
То ба мулки ёр Исо рафт бо маркаб, аҷаб,
Монда дар чангу ғубор он гавсуворонро бигӯ!
Бо ҷадал гар зиндагӣ кардам, ҷидолам ишқ буд,
Бехабар аз асли ман дилёбёронро бигӯ!
Дӯстдорӣ он қадар ҷони маро афгор кард,
Меравам бе ҷон ба ҷонон, дӯстдоронро бигӯ!
Мастию майхорагиям бе шикастурехт буд,
Монд соғар вожгуна, майгусоронро бигӯ!
Бодаҳӯ шаббодаҳӯи меҳрубон охир бишуд,
Рӯзбода бигзарад чун, раҳгузоронро бигӯ!

* * *

Умре гузашту бигзарад ин навбаҳор низ,
Дар доғҳои синаи ман лолазор низ.
Борон таровад аз раҳи ожанги баргҳо,
Мизон ба сим баркашад чун пунба тор низ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар тирамоҳ чеҳраи маҳтоб бефурӯғ,
Ваҳ, барга-барга мефитад ҷонам нисор низ.
Нори кафидаро бубин, хандад ба ҳоли дил,
Бин нешханди зиндагӣ бар ҳоли нор низ…
Ақли мунаввар аз азал равшангари замин,
Чархи мудаввари фалак бар нур зор низ.
Дирӯз агар ба ҳоли дил хуш ханда кардаем,
Ҳоло ба гиря мерасад оҳанги пор низ.
Раҳ мебарам ба сӯи саодатгаҳи абад,
Бар пои ишқ то расам, бар рӯи ёр низ…

* * *

Шеваи қақра мерасад аз паси санги дараҳо,
Мармару хора бишкуфад ҳамчу гули мармараҳо.
Наҳри гулоб медавад шах ба шахе чу духтарак,
Пилтаи нози хешро бофта дар шаршараҳо.
Кандуи беасал кунун валвалагоҳи маҳшар аст,
Аз дили ғунча мебарад ору зару зарзараҳо.
Шикваи кабки хушхиром аз азал аз шабодаҳост,
Баски ба хеш мебарад қақраи ӯ сар-сараҳо.
Гулпаракони гумшуда ҳаст шуданду мепаранд
Бо пари ҳар шукуфа чун рангфишон парпараҳо.
Нози баҳори нозанин маст кунад ҳавои шӯх,
Абр ба ёна мехазад, эй галабони бараҳо!

* * *

Чамиду рӯзбода бар чаманзори шукуфон рафт,
Қадаҳ дар даст ин сармаст бо ёри гулафшон рафт.
Ишоратҷанги соғарҳо ба ҳар як лола омӯзонд,
Сипас ин масти ҳусн аз лолабозори гулистон рафт.
Танини ларзиши барги шукуфа ёд бод, эй гул,
Ки мавҷи изтиробаш пур зи осори парешон рафт!
Чунон зангӯлаи олучазори ёқутистонҳо
Дилам аз сина берун гашту бо нори дурахшон рафт.
Надидам чун ниҳоли пургули бодом арӯсеро,
Замони наврасӣ бо нозбардори хиромон рафт…
Кулоҳи пургули шаҳдухтари сӯфӣ ба тут овехт,
Чу «тут пухт!»-и нидояш зор-зори рӯзгорон рафт.
Кунун дар ҳар тани калтут мебинам нишонашро,
Парид аз лонааш, гулбарг дар минқори беҷон рафт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Биҳишти наврасиямро ба ёд оварда мегирям,
Ки нури чашми хандонам ба анвори хиёбон рафт.
Намегардад ба пас айёми зебои ҷавониям,
Дами гулрезу гулчинам чу ғамхори биёбон рафт.
Нигаҳ бенуру ҳузновар, ҷабин пурчину ваҳмангез,
Сафои ҳусни давронам зи рухсори шукуфон рафт…

* * *

Чини печонро гираҳбанди ҷабинам во кунад,
Мавҷи пешонии ман чашми маро дарё кунад.
Сарсафедии ману ту барфи тори кӯҳ нест,
Ҷабҳаи мағрури мо ҳар номаро сарво кунад.
Хӯшаи ожанг пурдон аст аз дурри сиришк,
Деҳқони умри мо коре ятимпарво кунад.
Лонаи чашмони мо маъвои нури ишқ буд,
Мурғи озарро бубин з-ин пойгаҳ пар во кунад!
Оҳҳои раста рӯҳи растагори ишқи мост,
Ин асои осмон чун осие ово кунад.
Хокиён аз обрӯи рафтагон бообрӯ,
Дар маҳи обон ҳама ёд аз фари обо кунад.
Модари ғамхораи ман рози дил бо хеш бурд,
Ёди чашми меҳрубонаш сирри даҳр ифшо кунад.
Баъди ӯ ман ин ҷаҳонро хубтар бишнохтам,
Реҳлати ҳар бебадал чашми дили мо во кунад.

* * *

Ноқус мезанад фалак моҳи тилоиро,
Огоҳ мекунад малак ин муддаоиро.
Хайёми кӯчагарди мо аз по фитодааст,
Бардор аз замин кунун ринди самоиро!
Мо раҳкушои мастаба, мо даркушои дайр,
Табрик гӯ дигар ба мо ин даркушоиро!
Фикри ҳазорсоларо ҷамъбаст кардаем –
Дар байти сода даъвати кори даҳоиро!
Гуфтам сано ба ҳайрате, Сино уруҷ кард,
Аз фарш то ба арш бурд, оваҳ, Саноиро!
Фонӣ чӣ гуфт аз бақо, то ёфт маърифат?!
Аз пири Ҷом пурсуҷӯ кардам Навоиро!
Гуфтам, ки анбиё куҷо монданду авлиё?!
Кӣ мекунад асокашӣ ин раҳнамоиро?!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Побанди ишқ гаштаву побанди дилбарем,
Оғӯш карда, бандагӣ кардам раҳоиро…
Аз худ бурун намеравам, аз хеш ҳам наям,
Чун мекашам, Худо, бигӯ, бори худоиро?!
Бе шоҳу бе шаҳомату бе ҳукму бе амал,
Кай тоҷвар ҳамекунӣ, бас кун гадоиро?!

* * *

Омаданду меоянд ошиқони беҳасрат
Аз биҳишти армонҳо бар ҷаҳони пуркасрат.
Заҳмати муҳаббатро орзу кунад ҳар дил,
Шавқ мезанад аз раҳ бо нигоҳи пурҳайрат.
Шавкати ҷавониро ҳусни бебадал зебад,
Чун таровати борон бигзарад ҳама шавкат.
«Ишқ, ишқ!»– мегӯӣ бо ғурури мастона,
Маст мезанад ҷавлон барқи он ба ҳар сурат.
Хислати худоӣ ҳам қасб мекунӣ бо ишқ,
Яктану равон гардӣ бо ҳазору як хислат.
Ганҷи бебаҳо ёбӣ аз кафи ҳинобаста,
Афсари шаҳаншоҳӣ бе хазинаю давлат!
Интиҳои дунёро з-ибтидо ҳамедонам,
Сар шавад аз он лаҳза умри мо ба ҳар сурат.
Рафтани дақоиқро ду қариб медонанд,
Мондагори деринам ман зи шасти ин суръат…

* * *

Дар хаёли ман печад печаки тафаккурҳо,
Дар навор мегирам сурати тасаввурҳо.
Гавҳари дусадсола зевари садафгӯш аст,
Ҳарф-ҳарф мечинам аз зумурраду дурҳо.
Чилчароғи хотирмон мекунад мунаввар ҷон,
Барги шамъ мемонад бо ливои сархӯрҳо…
Пар кушода парвона, гум шавад ба торикӣ,
Сӯхта пару болаш дар дами тафохурҳо.
Оҳувони мушкофар шах ба шах гурезонанд,
Гови баднафасро чун парварӣ ба охурҳо?!
Шишаи сияҳпӯше дар сафо чу оина-ст,
Сирри сурату сират нест дар тасаввурҳо.
Дам ба дам хурӯшон аст оҳи водаҳан гирдоб,
Мекафонад обича дамҳубобу дамхӯрҳо…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Роҳи ин ҷаҳонро бин пургираҳтару пурпеч,
По ба санг меояд хислати такаббурҳо.
Нафрати халоиқро менатон таҳаммул кард,
Зинда мекушад номат хомаи танаффурҳо...

* * *

Ҳол мепурсиву рангамро тамошо мекунӣ,
Ҷангҷӯён бо гапи ширин муросо мекунӣ.
Рехта сардобро бар дегҷӯши шавқи мо,
Оташин дар соҳати завқида сармо мекунӣ.
Гоҳ худро вонамоӣ чун санамҳо гунгу кар,
Бишнавӣ бе ҳарф, бепарво гаҳ ово мекунӣ.
Пора-пора кардаӣ оҳи дилам аз шеър пур,
Хунчакон килки маро дар саҳфа парво мекунӣ.
Дар гираҳҳои ҷабин сад номаи мо бе ҷавоб,
Чини пешонӣ кушо, сад номаро во мекунӣ.
Парваридам аз дигар ман шаҳчанори назмро,
Гармсели хушктабъӣ, ёди саҳро мекунӣ.
Офаридам наҳри дигар, назми навмаҷро, вале
Бенавоию таманно дурри дарё мекунӣ.
Дафтари ошиқ дил асту сабҳаи ориф сиришк,
Чун зи дунонӣ, дубин, яктоӣ даъво мекунӣ!
Мо ба ҳам пайвастаем аз остон то осмон,
Ошдонро ошён гӯён ту балво мекунӣ.

* * *

Чун манзараи саҳро манзури Худованд аст,
Ҳар нахли сарозодаш мағрури Худованд аст.
Назми хати ҳар баргаш чун номаи нохонда,
Ҳар ғунчаи лаббаста маншури Худованд аст.
Ҳар савсани гӯёяш сад гуна забон дорад,
Ҳар наргиси бедораш махмури Худованд аст.
Ҳар шабнами боқадраш чун дурри самовияст,
Тимсоли ҳувайдояш мастури Худованд аст.
Эъмори ҷаҳон дорад Наврӯз ба навгонӣ,
Ин сабзтани навхат маъмури Худованд аст.
Шаббодаи сарҳуяш масти тараби гулҳост,
Худхоҳии насринаш Мансури Худованд аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар нойгулаш суре, дар найча навое хуш,
Дунё ҳама сар то сар масрури Худованд аст.
Аммо ҳама бигзашта, як рӯз шавад охир,
Оғозу адояш ҳам мағфури Худованд аст.
Пас бар адамаш бинӣ, одам ба куҷо рафта,
Ҳар мақбара, пиндорӣ, чун гӯри Худованд аст…

* * *

Дар роҳи абад қофилаҳоест дигар,
Дар рафтубиё силсилаҳоест дигар.
Дар чашми дилам обилахун марҷон шуд,
Дар рӯи кафам обилаҳоест дигар…
Дар ҷунбиши хок офати пинҳон боқист,
Дар шӯриши дил зилзилаҳоест дигар.
Дар кокули шамъ оби шахгаштаи ашк,
Дар милаи шаб мил-милаҳоест дигар.
Дар хислати мард одати рӯёрӯ ҳаст,
Дар қоидаи зан гилаҳоест дигар…
Ошиқ ба тамоми умри худ якдила аст,
Ҳар роҳзанаш саддилаҳоест дигар.
Шоир зи азал зубдаи олинасаб аст,
Ин иддаи кам аз галаҳоест дигар…
Дар арчаи умри абадӣ бозича нест,
Дар шохаи он шилшилаҳоест дигар.

* * *

Ба иқболи ту оқил омаду рафт,
Ба адлу дод одил омаду рафт.
Ҳаво аз Одам армонаш напурсид,
Хати гандум чу дар гил омаду рафт.
Шигифтангез буд овои зоғат,
Ба қатъи умр Қобил омаду рафт.
Ба пушти нобародар сарнагун буд,
Ба хун оғушта Ҳобил омаду рафт.
Ба бисмиллоҳ Исмоил сар монд,
Ба ҷояш меш бисмил омаду рафт.
Нагун афтод қибтие зи теғат,
Расул, оваҳ, чу қотил омаду рафт.
Чӣ гӯям бар миллиардофаринат?
Ҳазорон Шамс мил-мил омаду рафт!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Дусад Мавло ҷамолатро сутуданд,
Дусад қавми ту ботил омаду рафт.
Набишносам асолатро ба як рӯ,
Ба сад шаклу шамоил омаду рафт.
Ҷаҳони соддаат пур аз муаммост,
Мураккабхӯю мушкил омаду рафт.
Туро, дилбар, парастиш карда ошиқ,
Гирифтори ту бедил омаду рафт!
Чу товус ончунон рангобарангӣ,
Ба ҳайрат чун абобил омаду рафт.
Шамолат шомили аҳди Сулаймон,
Париёнро ба омил омаду рафт.
Ба ҳар садсолаат чун они воҳид
Ягона марди комил омаду рафт.
Аҳад будию Аҳмад мим зам кард,
Ба қобилҳо муқобил омаду рафт…

* * *

Мо зодаи айёмем, айёмгароёнем,
Масти ҳаваси ҳастӣ, Хайёмгароёнем!
Бар кӯзаи хобида сар монда фиғон дорем,
Аз хостаборонем, лек омгароёнем!
Афлотуну афкораш чун хумби маи ноб аст,
Ангури хаёл астем, чун хомгароёнем!
«Шаҳнома»-и Фирдавсӣ парчам ба шиори мост,
Нокоми ҳазор аҳдем, пас номгароёнем!
Оғози сабукборон моро на писанд ояд,
Вокардаи мушкилҳо, фарҷомгароёнем!
Ҳукми азалӣ дорад накшу хати пешонӣ,
Варзидаи тоҷ астем, аҳкомгароёнем!
Ҳар нақби мучаддадро нохун зада бишкофем,
Эй ёр, қадам бигзор, иқдомгароёнем!
Аз ҷоми ҷаҳон нӯшем он ҷуръа, ки ҳаққи мост,
Хонтахта бимон, эй хон, мо ҷомгароёнем!
Не тӯдаяки кӯчак, як миллати озода –
Қавми азалӣ ҳастем, ақвомгароёнем!
Як рӯз зи барқи мо дунё бишавад равшан,
Ҳарчанд дар ин соат мо шомгароёнем!
Дар қасри умеди мо қандил фурӯзон аст,
Фардои ҷаҳон бо мо, чун вомгароёнем!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Дилам бишкофу машкан қомататро,
Ту сарв астӣ, макун тарк одататро!
Ба оби чӯ саҳаргаҳ хоби худ гӯ,
Ба оина намоён сурататро.
Шиносон бар фалак акси ҷамолат,
Фурӯзон, эй фурӯтан, сирататтро!
Шабеҳи гулпарак нози ту садранг,
Намоиш деҳ ба ҳар гул хислататро.
Кушо қалби зарини ғунчаю гул –
Ба неши ангубинчин сарвататро.
Ба рухсори шукуфа ғоза афшон,
Ғизо деҳ бар сапеда накҳататро.
Саҳархезон чу шабнам ашкрезанд,
Тавалло кун суҷуди навхататро.
Камони осмонро тир андоз –
Зи оҳи дудмоне тоататро…
Таҷаллӣ деҳ сафои офтобат,
Баробар кун муқарраб соататро.
Сипас зону зану сар бар замин неҳ,
Бисанҷ охир азобу тоқататро…

* * *

Эй кушодабрӯ, хати мушкилписандонро бихон,
Бо навои паст шеъри сарбаландонро бихон!
Сад карат дар номаи худ номи зебоят навишт,
«Чанд-чанд?» охир магӯ, васфи дучандонро бихон!
Дар ҳама ҳарфу ҳиҷояш сурататро офарид,
Бо ғазалҳо «Алла»-и гаҳворабандонро бихон!
Коргар буд оҳи ӯ ҳатто ба санги хора ҳам,
Мармаре дидӣ, китоби кормандонро бихон!
Чун катиба ҳар равонсатраш бимонад ёдгор,
Бе сиришк ою дуои дардмандонро бихон!
Рафтани айёмро ҳаргиз зи ҳусни худ маҷӯ,
Шона хам кун, мақдами тези самандонро бихон!
Охирин гаҳ дафтари зулфи парешонат кушо,
Ҳарфҳои зардгашта – дурри дандонро бихон!
Бар каманди кокулат зангӯлаи дилро бубанд,
Ноз-нозон шеваи нозуккамандонро бихон!
Бар шав аз хешу фаро гир осмони ишқро,
Дилбари гирён, азои ёри хандонро бихон!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Дар саропардаи мо ҳусни ту дар парда бувад,
Баски нози ту пасаш ишваи парварда бувад.
Кафи ҳиммат ба сари сабзи хаёл об бирехт,
Обрӯям ба паи пот саровварда бувад…
Рӯзгоре, ки камолоти ту дидам ба хаёл,
Ёди ширини лабат шираи парварда бувад.
Эй назарбози тароватбари шабнамҳавасон,
Дили хуршедфарам бо ту назаркарда бувад!
Нури ту бурд сафорову сияҳкомам кард,
Ошиқат з-он талаби хеш сияҳчарда бувад.
Арғунунбоз шуда панҷаи мо тоб хӯрад,
Парраҳо дар қафаси сина навопарда бувад.
Рӯзам аз чашми дурахшони ту пурнуру сафост,
Чашм дар тирагии шоми ту озурда бувад.
Пеши ту, эй ҳама озори маро маншаи хуш,
Ҷони ман бо ҳама осор гунаҳкарда бувад!
Ҳар қадар рӯи ту бинам, ту шавӣ зеботар,
Дар қиёсат ғазалам бештар афсурда бувад.
Боз ҳарчанд дилам пур шавад аз армонат,
Оҳ, он нор ба сад дасти ту афшурда бувад!

* * *

Субҳро тамошо кун, медарад гиребонро,
Моҳи ширполоро, офтоби тобонро!
Синаи маҳаш бинӣ дар ҳарири пушти абр,
Мепучад ба ахтарҳо тукмаҳои пистонро.
Қуллаи чу гаҳвора карда дар бағал ин мом,
Ҳамчу шамс бикшояд синаҳои рахшонро.
Комаки уфуқро бин сурх чун лаби кӯдак,
Мемакад чу шири абр анвари дурахшонро.
Пушти қулла шуд пинҳон моҳтоби хамхӯрда,
Дар паси гиребонҳо синаҳои ларзонро…
Дар тароватӣ шабнам қатраҳои шираш бин,
Ком мезанад нармак тифли субҳ дандонро.
Кафк мезанад дигар ҳар шукуфаро лабҳо,
Мемакад гулоб аз он ғунчаҳои пистонро…

* * *

Кӣ навишт қисматамро ба ҷабини тоблуӣ,
Ки чакад зи ҷабҳа бар рӯ қатароти обрӯӣ?!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ба ҳазор гуна дидам ҳаваси дилам намоён,
На ту як тилисм будӣ ба намои рӯбарӯӣ!
Ба мисоли осмон ҳам агар оина бисозам,
Надиҳад нишон ҷамолат ба манат ба қадри мӯе.
Ба чунин ҳавову армон бишикаст Ҷоми Ҷам ҳам,
Ту ҳанӯзам ормонӣ, ҳама рози ҷустуҷӯӣ!
Ту фурӯғию ғурубӣ, ту уруҷӣ ба ҳама дил,
Шаби тираи пурасрору саодати тулӯӣ!
Нашинохтам қарибам ба дусадҳазор тимсол,
Ту ягонаӣ, ки бинам ба асолати накӯӣ!
Шиканам булури нуре, ки сапеду ҳафтранг аст,
Ки ба шаш ҷиҳат намоям талаботи ҳаштсӯӣ…
Ба ду зону омадастам, ба куҷост зинаҳоят?!
Ба «Чаро? Чаро? Чаро?»-ям ту чаро сухан нагӯӣ?!

* * *

Суоли беҷавобӣ, аз муаммоҳо чӣ мегӯӣ?!
Хасе дар рӯи обӣ, аз дили дарё чӣ мегӯӣ?!
Ниҳолони пур аз анвои ширин сабз кардам, сабз,
Ба табъи хушки худ аз сабзиши саҳро чӣ мегӯӣ?!
Ҳилолиро «Ҳалолӣ» хонда, асло ҳам нагаштӣ пок,
Ҳаром аз оби Замзам, аз шароби мо чӣ мегӯӣ?!
Дирафши ковиёнро ту бигиз пиндоштӣ як умр,
Худоё, «муза»-ро мӯза ба банди по чӣ мегӯӣ?!
Тавони хешро санҷидаӣ дар як кафи собун,
Ҳубоби дамгирифта, з-Одаму Ҳавво чӣ мегӯӣ?!
Гузашт айёму овони хурӯшатро хамӯш омад,
Зи минбар, эй азонхони хурӯсово, чӣ мегӯӣ?!
Таманнои ту пур-пур аз фазилатҳои алфозӣ,
Гадои ман-манӣ, аз маънию маъно чӣ мегӯӣ?!
Маҳалбози дағалово, намоиш медиҳӣ балво,
Гурезон аз бағалво, аз дами балво чӣ мегӯӣ?!
Ҷавонмардӣ надидастию мондӣ ноҷавонмарде,
На фарди ин замонӣ, аз ғами фардо чӣ мегӯӣ?!

* * *

Чандест мусофири гузаргаҳ моем,
Як тӯда муҳоҷирони даргаҳ моем.
Ҳайратзада аз олами пасташ, ба Худо,
Болоназари чунин назаргаҳ моем!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бо чашми тару дили мунаввар ҳамагӣ
Шабнамхабаре дар ин саҳаргаҳ моем.
Овои «Биё!»-и духти сӯфӣ зи куҷост?!
Як идда гаронгӯши хабаргаҳ моем!
Осори манат бас аст бар оламиён,
Озоркаше дар ин асаргаҳ моем…
Дар ишқи бузурги ту музаффар нашудем,
Як бедили кушта дар зафаргаҳ моем!
Аз навбарӣ то пир шудан чӯб заданд,
Калтакхӯри хомӯши самаргаҳ моем!
Бо касри ду-се буздилаки говҷигар
Хунрехта зардоби ҷигаргаҳ моем…
Дар шоми сиёҳ саҳоба чӯён зи чароғ,
Парвонаи парсӯзи шараргаҳ моем.
Аз ағба гузашта дар фуроварди ҳаёт,
Афтода ба тармаи камаргаҳ моем.
Ҳарчанд ки номи мо дар охир сабт аст,
Аз пешсафи ошиқи саргаҳ моем!

* * *

Ғуборолуд мебинам ба мӯи абр гардунро,
Парешонхотирӣ аз чист мавлои ҳумоюнро?!
Ба гардуна нишастам, охирин парвоз кай бошад?
Зи хатти роҳ мехонам ба гарди мӯй мазмунро…
Кунун рафтори мо пои равони кӯдакӣ дорад,
Низоми назм гум кардам шикаста шеъри мавзунро!
Муҳаббат буд сӯзонтар зи оташ дар биёбонҳо,
Кунун дар хоб мебинам азоби Қайси маҷнунро.
Фатонат аз назар рафта, футувват монд бе соҳиб,
Чӣ гуна боз ошиқ мекунам ин пайкари хунро?!
Сироти шоҳроҳи охиратро зад шакарнам оҳ,
Кафи пои талаб шӯ, пок карда кафки собунро!
Пас аз ман боз монад пур ҷаҳон аз пайравони мо,
Зи бас бо ашки ғам парварда кардам решаю бунро.
Пас аз мо талхаи анҷар нахоҳад монд аз дунон,
Шикастам баски шохи панҷаҳои душмани дунро!
Бимонад номаҳои мӯҳрбанд аз рӯҳи мағрурам,
Барои ёдгорӣ ҳифз кун ин ганҷи Қорунро.
Зи асрори азал гар огаҳӣ ту, дафтарам бикшо,
Кушодан гар натонӣ, илтиҷо фармо Фалотунро!
Зи мазмуни зимистон гар бихоҳӣ, огаҳӣ ёбӣ,
Калиди «қаҳратун» чӯ милабанди «қаҳри отун»-ро!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Кашид пар ба ҳаво абруи парастуҳо,
Бубин парастиши моро ба боли абруҳо!
Расид бӯсаи хуршед бо пари нафасаш,
Шукуфт дар лаби ҷӯ бӯсаҳои қоқуҳо.
Чамид қомати он симбар ҳавасоғӯш,
Газид панҷаи худ ҳайрати ҳавасбӯҳо.[1]
Нишонд дар лаби худ қатрае зи донаи ноз,
Фишонд домани худ роиҳа зи ҳулбӯҳо…
Дамид шарми шафақ дар вуҷуди лолаи тар,
Чакид субҳ ба шабнам дурахши лӯлӯҳо.
Танид булбули мастам танини чаҳчаҳааш,
Кашид оҳи гул оҳу ба сози «Ёҳу!»-ҳо…
Баҳор бо ҳама нозаш ба ёри мо монанд,
Қарор мебарад он бе қарори хушрӯҳо.
Чаро ба боли парасту шудам чунин пазмон?
Чаро ба чашми хаёлофарини оҳуҳо?!…
Суоли ҳайрати моро ҷавоб хоҳад дод
Нигоҳи бегунаҳу безабони кукуҳо…

* * *

Ниҳоли нозро парвардаам дар қадди дилҷӯят,
Ба лабҳо об додам лолаи лаб дар лаби ҷӯят.
Буридам пилтаи оҳам ба резишгоҳи зулфонат,
Ба мӯи шаршара пайваста кардам пилтаи мӯят.
Бубастам хатти сардармӯхри шавқамро ба оби лаб,
Кушодам оҳҳои меҳроғӯшам ба гесӯят…
Паридам рангҳои вусмаро аз сабзаи навхат,
Кашидам зарҳали зардоби дил дар боли абрӯят.
Такидам гардҳои сурмаро аз хонаи чашмат,
Ба Наврӯз офтобе ҷилва додам аз бари рӯят.
Расидам сарфишону маст то хилватгаҳи гулшан,
Чаманафшон ситоиш карда доман-домани бӯят.
Ҳар он чӣ дидаам аз қисматам, аз себ хӯрдан буд,
Гузар кардам зи ҷону омадам то хилвати кӯят.
Ба ширинии армонҳо ту дармон кардаӣ ҷонам,
Дар охир мехӯрам бо дардҳое талхдоруят…

---

[1] Ба маънии булҳавасон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Ман шеъри ту бе қофиябозӣ гуфтам,
Кӯтоҳ на, бо ҳарфдарозӣ гуфтам…
То рози азал фош кунам рӯёрӯй,
Аз қисмату озори ту розӣ, гуфтам.
Аммо на чунон сирри ниҳон фаҳмидам,
З-ин рӯй ба пӯшиданиёзӣ гуфтам.
Дар ёди бузургон сари хам дардамро
Бо оҳи дилу синагудозӣ гуфтам.
Сад роҳи талаб боз шуд аз саҷҷода,
Дар дафтари чун ҷойнамозе гуфтам.
Аз сохтану сӯхтан инсон шудаам,
Сӯзе зи дилам монд ба сози, гуфтам.
Дунё ҳаваси мо ба замин зад поён,
Болоназариро ба фарозӣ гуфтам.
Шоёни ғуруpат нашуд оҳанги баланд,
Оҳиста ба дилтангнавозӣ гуфтам…
Сад сол хаёлам ба ту банд омада буд,
Бикшой канорат ба арозӣ гуфтам.
Чун умр баробар ба яке сония буд,
Афсонаи кӯтаҳ ба дарозӣ гуфтам.
Чист омадану рафтани мо дар ин байн–
Дар қофилаи банданавозӣ гуфтам.

* * *

Шикаст оинаи суратгароят,
Куҷо шуд шабнами сиратнамоят?!
Ба гардан бастаам зангӯлаи дил,
Ба гӯшам кай расад бонги дароят?!
Сурудам ҳусни ин дунёи мармуз,
Чӣ мемонад пас аз ман дар сароят?!
Ҳама эъҷози ман монад дар ин хок,
Чӣ хоҳам бурд инъом аз бароят?!
Таманнои туро кас менафаҳмад,
Ба ҷуз рӯҳи муҷаррад чист роят?!
Ғурури пардапӯшатро даридам–
Ба нӯки хома сатри дилкушоят…
Дилам оташ, сарам гарду лабам тар,
Хаёлам печ дар печ аз ҳавоят.
Чу аз ин чор унсур офаридӣ,
Куҷо дар шаш ҷиҳат бинам намоят?!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Намоиш деҳ ба рамзи ошноӣ
Яке аз сад ҳазорон нақши поят!
Бубинам, то чӣ боқӣ мегузорам
Зи фанни худ дар ин дорулфаноят.
Ман инак омадам, рафтан чӣ даркор?
Маро бигзор, абад гӯям саноят!

* * *

Шароби сард месӯзад вуҷуди гарми махмурам,
Сари осию мағрурам, дили бебоку масрурам…
Тавалло мекунам, соқӣ, марезон аз маи хомат,
Ки фардо пухта меҷӯшад ба чашмам ашки ангурам!
Ба як хӯша сарои синаам равшан кунад қандил,
Чароғи шингилаш овар, ки аз шоми сияҳ дурам!
Ғуҷумам деҳ, зи дурди нур– аз он як ҷуръаи ширин,
Шавам афшурдаи завқаш, ки умре дар ғами нурам.
Бад ин аҳволи хокистон бирезад ашки токистон,
Ки ҳар нарт аст чун мижгон, бифаҳм, эй дӯст, манзурам!
Табистон аст тобистон, самум обистани гармист,
Маяфкан сояат, соқӣ, ки дар шӯриданат зӯрам!
Ба эъмори вуҷуд омад шароби ноб аз ҷаннат,
Ки то хулди беҳин созам, дар ин вайрона маъмурам!
Ҷаҳонро бо манат бигзор, аё рангофарини барг,
Ба умрам тирамаҳ омад, ки ҳосилбахши маҷбурам!
Ман он токи сияҳчашмам, ки меҷӯшам сафои дил,
Зимистон мебиёяд пас, макун гӯрам, макун гӯрам!
Тазарро мекунам, боре дари майхона во бигзор,
Зи даргоҳи азизонат маяфкан лаҳзае дурам!
Ба оҳанги шапиданҳо дилам ҷӯр аст чун маҳбус,
Чу дар хумби ту меҷӯшам, вале ангури маҳҷурам…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## РУБОИҲО

Чашме, ки туро надида буд, чашми дил аст,
Марҷони сиришк чида буд, чашми дил аст.
Нодид ба ҷузъиёт дар лавҳи хаёл
Акси рухи ту кашида буд, чашми дил аст.

Дер омада дарвақт расидӣ, хуш бош!
Шабнам ба шукуфаҳо чакидӣ, хуш бош!
Анвор чу тори худ танидӣ, хуш бош!
Пас ранги рухи маро паридӣ, хуш бош!

Дидам, ҳама дунёи ту дар омадурафт,
Наврӯз ба саҳрои ту дар омадурафт.
Обе, ки ба сар рехт зи боридани абр,
Чун умр ба дарёи ту дар омадурафт.

Гуфтам, ки ба ҳар намуна бемонандӣ,
Аз реша ҷудо наӣ, ба мо пайвандӣ.
Номи ту ҳазор гуна ояд ба забон,
Эй асли ҳама нусхаи ҳастӣ, чандӣ?!

Бе қоидаи ту зиндагӣ кардам, шуд,
Роҳи абадияти ту биспардам, шуд.
Дуди ғами ту кашидаам оҳ ба оҳ,
Эй ҷони ҷаҳон, нафас баровардам, шуд!

Хандид баҳору ханда кардам чу саҳар,
Шабнам, аҷабо, гирист бо дидаи тар.
Аз радду бадал то шудам огоҳ, гузашт
Бо миҷҷа задан умри ман аз пеши назар.

Ҳар нақш китобате зи ранги азалист,
Ин ғурбати мо монда зи чанги азалист.
Дар фурсати танг зиндагонӣ кардан
Як қоида аз қофиятанги азалист.

Дар кор наяст бори санҷидани ту,
Не оҳ бувад ҳавои пар чидани ту.
Бикшо назар, эй фалсафаи бедорӣ,
Хоби абадият аст дар дидани ту!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бишкаст шуо ба шишаи дидаи ман,
Сад пора бишуд ба ҷони санҷидаи ман.
Сӯзан заду як чигили дилро накушод,
Дар банд бишуд хаёли печидаи ман.

Дар хандаи ҳусн лолаи гуна шукуфт,
Дар мавҷи хаташ ғунчаи вожуна шукуфт.
Мафтуни баҳори дер о шуд нигаҳам,
Дар домани сарди барф бобуна шукуфт.

Ин умр, ки фурсате ниҳоят танг аст,
Дар ҳафт намо бувад, вале якранг аст.
Бар гӯши диле, ки ҳар садо меояд,
Як ҳарф, вале ҳазору як оҳанг аст.

Чашмони хаёлии ту бегонагурез,
Чун мардуми дар хонаи худ хонагурез.
Дар панҷараи миҷҷаи ту дармонда
Шоми сияҳу сапедаи ёнагурез…

Тасвири хаёли ту дар ин сардии дай,
Оваҳ, шиканад хумори садсолаи май!
Ҳушёр занад бонг: «Ту кай меоӣ?!»
Масти ҳаваси бӯсаи ту: «Бай, бай, бай!»

Шабҳо гузарад ба ёди гарми нафасат,
Оғӯш кунам хаёли нарми ҳавасат.
Бедор шавам, ту нестӣ дар бари ман,
Ҷӯям зи сабоҳ домани дастрасат.

Эй дард, биё, ки қалб ранҷидаи туст!
Эй захм, ҳама хуни дил аз дидаи туст!
Эй сабр, қаноати ту дар як мӯй аст,
Умри ҳама кас азоби санҷидаи туст!

Тарзахма бизан ба тори эҳсоси дилам,
Берун бишавад то дилам аз оси дилам.
Ман киштаи хешро дурудам ҳама умр,
Бо муштаи набзи саркашу доси дилам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳар шаб ба қалам дарди дилам мегӯям,
Бо нӯки қалам дурри сухан меҷӯям.
Аз хуни дилам саҳифа гулзор шавад,
Гул не, ҷигари сӯхтаро мебӯям.

Дар дафтари ман варақ-варақ дарди дилам,
Пинҳон ғами ишқи нозпарварди дилам.
Ҳар шаб вароқе зи ранги ман рӯйсиёҳ,
Эй шеъри сафеди ман, ту хункарди дилам!

Ҳар шаб бизанам теғ сари хомаи худ,
Бесар бишавам, чу сар кунам номаи худ.
Бо ёди гуле саҳифаро ғунча кунам,
Гулғунча алам кашад, дарад ҷомаи худ.

Ҳар шаб дили худ чу дафтаре пора кунам,
Афкор ба кӯи ёд овора кунам.
То ёр ба қадри зории дил бирасад,
Дар пои қалам фитода, ҳай зора кунам.

Ҳар шаб нашавад шаби хуши маҳтобӣ,
Шеъре нашавад ҳадя шаби бехобӣ.
Гар бӯи дили сӯхтаамро шунавӣ,
Ҳамчун дари боз дафтарам мекобӣ…

Гӯё зи азал умр ба сар бурдам ман,
Аз арш ба хок мужда овардам ман.
Чун шабнами рӯи барг ларзида зи васл,
Бас шоми дарозро саҳар кардам ман.

Ман номи туро ба барги гул бинвиштам,
Дар барги гуле ба хуни дил бинвиштам.
То пай набарад рози ниҳонам ҳама кас,
Бо хатти шикаста бас чигил бинвиштам.

Шаб ашки қалам ба зарварақ рехтаам,
Ҳар ҳарф чу мӯҳраи сабақ рехтаам.
То субҳи дигар қалам-қалам карда ҷигар,
Хуноба ба домани шафақ рехтаам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Эй гавҳари якдона, дилам чашми нигин,
Аз бахти яқин сарам шуда чархи барин!
Аз шодии васл ашки ман пардакушо,
Аз рашк ду гавҳарак, вале парданишин.

Ҳарчанд бимирам, ки дигар хок шавам,
Як абри сапедболи афлок шавам,
То бори дигар пои туро бӯса занам,
Рӯида зи хок, сабзаи пок шавам.

Аз пеши барат ба ҷовидон дар дорам,
Дар чашми ту ман чашмаи кавсар дорам.
Як рӯзам ато кунӣ, худои дили ман,
Аз умр ҳазор соли дигар дорам!

Ҳусни ту нишонаи биҳишти дили ман,
Қадди ту ҷавонаи биҳишти дили ман.
Эй дар ду ҷаҳон ягонаю ятоям,
Ҳастӣ ту ягонаи биҳишти дили ман!

Як умр худо гуфта, туро гуфтам ман,
Як умр туро гуфта, худо гуфтам ман.
Дар шеъру ғазал ҳазор бор аз сари сидқ
Савганди муҳаббату вафо гуфтам ман.

Зонуи баландат сари мо паст кунад,
Ҳушёрии чашми ту маро маст кунад.
Саррриштаи тӯли умри ман кош Худо
Бар мӯи буридаи ту пайваст кунад.

Имрӯз зи чист рӯд пуртуғён нест,
Андар дили ман ҳавсалаи тӯфон нест.
Аз шӯълаи камтарини чашме тарсам,
Он барқшикан дили балогардон нест.

Осуда намешавад дили хастаи ман,
То ёр шавад ба рӯҳи ворастаи ман.
Бинӣ, ҳама дунё ба кафам ғунҷида,
Манзур бувад ба дидаи бастаи ман.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дирӯз ҷавониям аҷаб савдо дошт,
Дар синаи ошиқаш дили шайдо дошт.
Ҳарчанд давиду ҳеҷро пайдо кард,
Як кӯча, вале дилбари нопайдо дошт.

Аз чашми ситора бӯса мекардам дӯш,
З-абрӯи шарора бӯса мекардам дӯш.
Аз ахгари лаб сӯхта як бор тамом,
Бар лахча дубора бӯса мекардам дӯш.

Шаб нохуни моҳи нав маро мафтун кард,
Нохун зада, аз сина дилам берун кард.
Чун нохуна дар пардаи чашмам бинишаст,
Ин мардуми ҳайратзадаро дилхун кард.

Бар ин дили саркашам ҷазо металабам,
Шаб то саҳар аз Худо туро металабам.
Гуфто: «Зи Худо боз чиҳо металабӣ?!»
Гуфтам, ки бубахшой, худо металабам!

Дилхун шуда, дилхун шуда, аз худ рафтам,
Маҷнун шуда, маҷнун шуда аз худ рафтам.
По дар гилу сар кашида то чархи барин,
Гардон шуда, гардун шуда, аз худ рафтам...

Ман волаи панҷаи нигорин будам,
Талхайш ман аз забони ширин будам.
Куштанд маро сангдилону ҳама умр
Як нармдили замони сангин будам.

Савсан, ки ба сад забон ниёиш дорад,
Бо сардии тирамоҳ созиш дорад.
Чун ман зи ҳаёти худ надорад боке,
Саргарм баҳорро ситоиш дорад.

Ҳар шаб сухани нарми туро ёд кунам,
Бехуд шудану шарми туро ёд кунам.
Дар байни ду дасти ман чу дарёчаи шӯх
Ҷавлон задани гарми туро ёд кунам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Рӯзе, ки ту омадӣ, ҷаҳон хуррам буд,
Шаб рафтӣ, ҳама ситора чашми нам буд.
Мерехт само ба шабнами пок сиришк,
Ин субҳи кабудҷома дар мотам буд.

Бе рӯи чу моҳат қамаре нест маро,
Бар ҷониби гардун назаре нест маро.
Бе боли ду абрӯи парастидаи ман
Парвози хаёли дигаре нест маро.

Ороми дилу ҷаҳони нооромe,
Оғози нишоту ҳасрати анҷоме.
Эй ишқ, чӣ асрори ниҳоне дорӣ?
Хушком биёию равӣ нокоме!

Сархӯр, ки бувад теғ, варо чарх хӯрад,
Шамшери хушоби гузаро чарх хӯрад.
Дандонаи арраровy дандони маро,
...Умри гузарои ҳамаро чарх хӯрад.

Ҷонам, ту асолати асолат бошӣ!
Ганҷинаи дарёи муҳаббат бошӣ!
Бе ишқи ту дар ҷаҳон қиёмат нашавад,
Феълан, ба худо, ҳусни қиёмат бошӣ!

Эй кош ба ҷонат аҳди дерин будӣ,
Фарҳоди туям, хаёли Ширин будӣ...
Имрӯз ту охирин умеди дили ман,
Чун аз азалам ёри нахустин будӣ!

Ёр омаду шабҳои тараб меояд,
Хушбахтию бехобию таб меояд.
Маҳтоб маро тарк намуду хандид:
«Шаб рафтаю шаб гузашту шаб меояд!»

Равшанназар аз сафои дунёи дилам,
Печидараҳам зи мавҷи дарёи дилам.
Як умр ба гарди пои ёре нарасам,
Дардам ҳама з-озурдагии пои дилам!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чун чашма ба санг сар зада шодобем,
Бо Омуву Сир ташналабу беобем.
То чанд талоши ману мо, эй мардум?
Дарё шудаему бозии гирдобем!

Ман мурдани рӯзи хешро дидам дӯш,
Дар нури ғуруби шед ларзидам дӯш.
Арвоҳи фалакрафта магар барф шуданд?!
Нолидани сарди барф бишнидам дӯш!

Тиллои маро бурду ба сар санг бизад,
Девони маро бурду зи фарҳанг бизад.
Дар домани кӯҳ қитъае бикшодам,
Ҳамсояи ман шуду маро танг бизад...

Барқу шарари нигоҳи мо чарх хӯрад,
Сарпечии чархаки маро чарх хӯрад.
Дар зери ман ин замин чу саргардон аст,
Боло биравам, сарам чаро чарх хӯрад?!

Май рез, ки соқиён ҳама маст шуданд,
Бе пои равону бесару даст шуданд.
Гӯё ки ҳама нишаста дар Аърофанд,
Бехуд ба миёни несту ҳаст шуданд.

Шабҳо ҳама бе хаёли мо мегузаранд,
Бо роҳи абад бе паи по мегузаранд.
Бар риши сафеди субҳ гирям ҳама рӯз,
Пирон зи сари деҳа куҷо мегузаранд?!

Дар зилзилаи замини худ ларзидам,
Дар синаи санги кишварам таркидам.
Аз дидаи ман шарораҳо мехезанд,
Чун мардуми худ ба чашми худ ғарқидам.

Бе ганҷи Бухоро ҳама муфлис шудаем,
Иксир зи даст додаву мис шудаем.
Таърихи ҳазорсоларо бурда зи ёд,
Имрӯз, худо занад, ки бе ҳис шудаем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Афсӯс, кунун халқи парешон дорам,
Хунобадилам, дидаи ҷӯшон дорам.
Эй сарвари ломакон, куҷоӣ ту, куҷо?!
Имрӯз ниёзи тахти Сомон дорам!

Гӯё ки ман ин ҷо зи ҷаҳони дигарам,
Парвардаи хоку осмони дигарам.
Дар байни бародарони бегона зи асл
Як омада аз давру замони дигарам!

Як бор наҷӯшидаву ором шудем,
Дар пунба нишаста, равғани хом шудем.
Бо мо манишин, сияҳ чу ангишт шавӣ,
Дар давраи хонасӯз бадном шудем.

Ҳар кас ки ба раҳ фитод, ёрӣ кардем,
Бо сози замона созгорӣ кардем.
Эй чарх, зи мо чиҳо дигар мехоҳӣ?!
Помол шудему пойдорӣ кардем!

Ёрон, ки ба гургоштӣ одат карданд,
Ду рӯз на бештар саодат карданд.
Бе узри баҳонае қиёмат карданд,
Бар дӯстии хеш хиёнат карданд.

Дар пои ту афтодаам, афтода зи ҷой,
Бар хок расид ин сари гардунсой.
Ту паст наӣ, чаро шикастӣ қади хеш?!
Бо гард нишин, расӣ ба даргоҳи худой!

Эй лолаи хушранги чаманпарварда,
Ту рустаӣ аз хуни ватанпарварда.
Имсол кабудҷома буд Наврӯзам,
Бо хотири арвоҳи ватангумкарда.

Эй бод, биё, ки дар миёнаш печем,
Чун мӯй ба қомати равонаш печем.
Эй бода, биё, варо зи по ғалтонем,
Бо оташи сӯзанда ба ҷонаш печем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Умре зи паи бахт давидан дорам,
Уммеди ҷамоли ёр дидан дорам.
Ҳарчанд давидему надидем, вале
Овози «Биё!»-и ӯ шунидан дорам.

Ку сабр, ки дар раҳаш нишинам ҳама рӯз,
Гард аз қадамаш ба миҷҷа чинам ҳама рӯз?!
Эй абр, чаро пардаи хуршед шудӣ?!
Ку рӯи муҳаббате, ки бинам ҳама рӯз?!

Аз ҳосили умри худ начидам доне,
Ҷуз қатраи хун зи чашми ашкафшоне.
Кӯшидаму ҷӯшидаму нӯшидам беш
Ҳарчанд зи обрӯи худ чандоне.

Дилгирам аз ин замонаи зудгузар,
Кардаст маро ба кори худ хуни ҷигар.
Мурдам зи ҳазор тирборонаш, боз
Орад ба сарам ҳавои тӯфони дигар.

Як шиша маю туро ба хилват бубарам,
Бар гӯшаи айвони фароғат бубарам.
Пас бо ҳавасу ҳавсалаи боғкушо
Лаб бар ҳама меваҳои боғат бубарам.

Аз ҷоми лабат боз магирам лаби хеш,
Аз тоби рухат фурӯ нишонам таби хеш.
Дар пои ту лаб ниҳам, ту нодон гирӣ,
Гӯ, боз чӣ сон арз кунам матлаби хеш?!

Барги гули шафтолу рухи рангинат,
Аз шаҳди гули сурх лаби ширинат.
Чун синаи ту меваи шафтолу аҷиб,
Чун донаки талхи он дили сангинат.

Май рез, ки имшаб аз кафат менӯшам,
Даргирам аз оташат, макун хомӯшам!
То моҳ набинад бадани ширмаҳӣ,
Болои туро ба пайкарам мепӯшам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ман дар бағалат тамомаи шаб монам,
Дар тоби ду соиди ту аз таб монам.
Бедор шуда ташналаб аз оташи дил,
Бар оби зулоли синаат лаб монам.

Ҳамчун парӣ омадӣ ба вайронаи дил,
Обод шуд аз нури рухат хонаи дил.
Эй ҳури биҳиштӣ, зи мани сода маранҷ,
Чун дев бувад хоҳиши девонаи дил!

Дар байни ду дасти дилкушоят мирам,
Аз гармии сӯзу оҳу воят мирам.
Чун рахти ту тахти подшоҳию баланд,
Афтида, хазида, пеши поят мирам.

Муштоқ шудам, азиз, бархезу биё!
Бо қоидаи зиндагӣ бистезу биё!
Бар гӯш ба ҷои гӯшворе ҳама зар,
Ин ҳарфи дилангез биёвезу биё!

–Ҳар рӯз дили ман ғами ту хӯрд. –Кам аст!
–Афсӯси зиёду ками ту хӯрд. –Кам аст!
–Охир ба табиб дарди ту бурд. –Зиёд!
–Пас бо ғами бедавои ту мурд. –Кам аст!

Дар шонаи ту донаи холе дидам,
Аз субҳи дамидаи ту фоле дидам:
Гулбарги ҳино зи панҷаи ҳури биҳишт
Афтода дар ин оби зулоле дидам.

Рӯзе, ки ту омадӣ, дилам танҳо буд,
Не дар сари болидаи ман савдо буд.
Тӯфони ҷаҳон аз бағали ту бархест,
Омад ба диле, к-ӯ ҳамагӣ дарё буд.

Афтод ба домани уфуқ лаълии зар,
Аз биму ҳароси шаб шудам хуни ҷигар.
Чун мурғи хаёл посбони шаби туст,
То субҳи дигар бихоб, то субҳи дигар!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## МУНДАРИҶА


Зуҳури ҳазрати Инсон (достон) ....................................................3
Наврӯзнома ........................................................................64
Паёме ба устод Мӯъмин Қаноат ...............................................84
Соқинома ............................................................................86
Бетховен .............................................................................94
Рақси ёғу ............................................................................ 97
Зоғ .....................................................................................98
Паёме ба Акбари Турсун ........................................................99
Симоби Маҳбус ...................................................................101
Оҳанги бегона ....................................................................101
Паёме ба Ҳақназар Ғоиб .......................................................103
Ормони пири ҷангдида .........................................................104
Табсанҷ .............................................................................109
Достоевский .......................................................................112
Дар ҳошияи «Қиссаҳои ҷонгудоз» ...........................................114
Ватан ................................................................................117
Мӯҳри ҳаёт ........................................................................118
Саду як ғазал ......................................................................119
Рубоиҳо .............................................................................165


барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**Раҳматҷони Аҳмадзод**

**ЗУҲУРИ ҲАЗРАТИ ИНСОН**

*(шеърҳо ва достонҳо)*

Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*

Ба матбаа 6.07.2011. супорида шуд.
Чопаш 13.07.2011 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 11.
Андозаи 60x84 1/16.Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17а

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед